**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ИЛМ ВА АМНИЯТ»-И МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 2, 2022**

**МУАССИС** – Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: № 253/МҶ-97 аз 21 июни соли 2022. Маҷалла аз соли 2018 бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

**Раиси Шӯрои мушовара:**
**Ятимов С.С.** – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор.

**Ҳайати Шӯрои мушовара:**
**Меликзода М.Э., Валиев Н.М., Ҳамробоев Ф.М., Бегназаров А.С., Йигитов Р.Т., Шарипов И.З., Назаров У.Қ., Ҳамидов Ҳ.С.**

**Сармуҳаррир:**
**Салихов Р.С.**

**Муовини сармуҳаррир:**
**Абдуллоев А.А.**

**Ҳайати таҳририя:**
**Ахмедов П.У., Боев З.У., Сафоев А.А., Амонов А.Г., Раҷабов А.С., Салимов Б.А., Давлатов С.И., Зарифов Ф.Б., Саидов К.И., Аминов Ф.А., Ғуломова Ф.А., Худойназарова З.Ч., Назарова П.А.**

**Муҳаррири техникӣ: Раҳмонов Н.А.**
**Масъули нашр: Камолов С.А.**

**©Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.**

** Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ» ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**№ 2, 2022**

**УЧРЕДИТЕЛЬ** – Высшая школа Государственного Комитета национальной безопасности Республики Таджикистан. Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 253/ЖР-97 от 21июня 2022 года. Издается с 2018 года на таджикском, русском и английском языках.

**Председатель редакционной коллегии:**
**Ятимов С.С.** – член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор.

**Члены редакционной коллегии:**
**Меликзода М.Э., Валиев Н.М., Хамробоев Ф.М., Бегназаров А.С., Йигитов Р.Т., Шарипов И.З., Назаров У.К., Хамидов Х.С.**

**Главный редактор:**
**Салихов Р.С.**

**Заместитель главного редактора:**
**Абдуллоев А.А.**

**Редакционная коллегия:**
**Ахмедов П.У., Боев З.У., Сафоев А.А., Амонов А.Г., Раджабов А.С., Салимов Б.А., Давлатов С.И., Зарифов Ф.Б., Саидов К.И., Аминов Ф.А., Гуломова Ф.А., Худойназарова З.Ч., Назарова П.А.**

**Технический редактор: Рахмонов Н.А.**
**Ответственный за печать: Камолов С.А.**

**©Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2022**

** Взгляды редакционного состава могут не совпадать с мнением авторов. Авторы несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

**SCIENTIFIC JOURNAL OF «SCIENCE AND SECURITY» OF HIGH SCHOOL OF THE SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**№ 2, 2022**

**FOUNDER –** High school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan. Journal has been registrated by Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate of registration No. 253/MF-97 dated june 21, 2022. Journal is published since 2018 in Tajik, Russian and English languages.

**Chairman of consultation board:**
**Yatimov S.S.** – the corresponding member of National Academy of Sciences of Tajikistan, doctor of political sciences, professor.

**The member of consultation board:**
**Melikzoda M.E., Valiev N.M., Hamroboev F. M., Begnazarov A.S., Yigitov R.T., Sharipov I.Z., Nazarow U.Q., Hamidov H.S.**

**Chief Editor:**
**Salikhov R.S.**

**Deputy Chief Editor:**
**Abdulloev A.A.**

**Editorial board:**
**Akhmedov P.U., Boev Z.U., Safoev A.A., Amonov A.G., Rajabov A.S., Salimov B.A., Davlatov S.I., Zaripov F.B., Saidov K.I., Aminov F.A., Ghulomova F.A., Khudoynazarova Z.Ch., Nazarova P.A.**

**Technical editor: Rahmonov N.A.**
**Responsible of publish: Kamolov S.A.**

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2022.**

** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

**МУНДАРИҶА**

***1. Ятимов С.С.*** *Масъалаи ташаккули инсон дар таълимоти Пешвои миллат.........................................................................7*
***2. Абдуллоев А.А.*** *Саҳми шоистаи мақомоти амнияти миллӣ дар ҳифзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................18*
***3. Раҷабов А.С.*** *Нақш ва мавқеи мақомоти амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ...........................25*
***4. Зарифов Ф.Б.*** *Амният – хоҳишу интихоб нест, балки зарурати объективӣ, қарз ва масъулият аст................................................36*
***5. Нуров С.Р.*** *Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кафили таҳкими давлатдории миллӣ.............................................................42*
***6. Ахмедов П.У.*** *Таъсири фазои маҷозӣ ба ҷавонон дар матни таъмини амнияти миллӣ....................................................................................50*
***7. Расулов Қ.С.*** *Мубориза҃ҳои геополитикӣ дар фазои амнияти иттилоотӣ................................................................................................58*
***8. Салимов Б.А.*** *Хусусиятҳои тактикии ҷамъоварии иттилооти исботкунандаи электронӣ-рақамӣ..........................................................................65*
***9. Худойназарова З.Ч.*** *Тарзи морфологии луғатсозӣ ва истилоҳоти «амният» дар забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ.....................................................75*
***10. Саъдизода Ш.М.*** *«Шоҳнома» ва ҳувияти миллӣ (ё нақши осори адибон дар тарғиби худшиносӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ)........................................86*
***11. Қодиров И.А.*** *Истифодаи бемавриди калимаҳои арабӣ дар матбуоти муосири тоҷик.......................................................................................92*

# СОДЕРЖАНИЕ

***1. Ятимов С.С.*** *Проблема формирования личности в учениях Лидера нации.........................................................................7*

***2. Абдуллоев А.А.*** *Достойный вклад органов национальной безопасности в защиту государственной независимости Республики Таджикистан..............18*

***3. Раджабов А.С.*** *Роль и место органов безопасности Республики Таджикистан в сфере обеспечения национальной безопасности....................25*

***4. Зарифов Ф.Б.*** *Безопасность – это не прихоть и не выбор, а объективная необходимость, долг и ответственность....................................................36*

***5. Нуров С.Р.*** *Историческая XVI сессия Верховного совета Республики Таджикистан – гарант укрепления национального государства...................42*

***6. Ахмедов П.У.*** *Влияние виртуального пространства на молодёжь в контексте национальной безопасности.....................................50*

***7. Расулов К.С.*** *Геополитическая борьба в сфере информационной безопасности...............................................................58*

***8. Салимов Б.А.*** *Тактические особенности собирания доказательственной электронно-цифровой информации.................................................................65*

***9. Худойназарова З.Ч.*** *Морфологический способ образования лексики и терминологии «безопасности» в современном таджикском и английском языках........................................................75*

***10. Саъдизода Ш.М.*** *«Шахнаме» и чувство национальной идентичности (роль произведений поэтов в пропаганде самосознания и защите национальных интересов)...............................................................86*

***11. Кодиров И.А.*** *Неуместное использование арабских слов в современной таджикской прессе..................................................................92*

# CONTENT


***1. Yatimov S.S.*** *The problem of forming of personality i n teaching of the Leader of nation....................................................................7*

***2. Abdulloev A.A.*** *The worthy contribution of the state committee for national security in maintaining state independence of Republic of Tajikistan..............................................................................18*

***3. Rajabov A.S.*** *The role and place of the security organ of the Republic of Tajikistan in the field of ensuring national security............................25*

***4. Zarifov F.B.*** *Security is not a desire and is not a choice – it is an objective necessity duty and responsibility...........................................................36*

***5. Nurov S.R.*** *The historical XVI th session of the superior council of the Republic of Tajikistan is a guarantor of strengthening the national state.............................42*

***6. Akhmedov P.U.*** *The impact of virtual space on yourth in relation to national securuty...........................................................................................50*

***7. Rasulov K.S.*** *Geopolitical struggle in the field of informative security...............58*

***8. Salimov B.A.*** *Tactical features of collecting evidence-based digital information.........................................................................................65*

***9. Khudoinazarova Z. Ch.*** *Morphological way of formation of vocabulary and terminology of «Security» in modern tajik and english languages..........................75*

***10. Saadizoda Sh.M.*** *«Shohnoma» and the sense of the nationality (or the role of poets works in propaganda of the self-knowledge and protecting of the national interests)..........................................................................86*

***11. Kodirov I.A.*** *Incorrect use of arabic words in modern tajik press...................92*

# МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

# ПРОБЛЕМА ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ В УЧЕНИЯХ ЛИДЕРА НАЦИИ

# THE PROBLEM OF FORMING OF PERSONALITY IN TEACHING OF THE LEADER OF NATION

**Ятимов С.С.**
**Yatimov S.S.**

*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана.*

*Doctor of political science, corresponding member of National academy of science of Tajikistan.*



## Муқаддима

Дарки воқеияти иҷтимоӣ, муайян кардани ниёзҳои мардум, масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли онҳо аз рукнҳои асосии сиёсати давлатдорӣ мебошанд. **«Тавре мебинем, ҳама гуна давлат як навъ муколамаро мемонад, машварат ҳам кӯшиши (stokhadzontai) ин ё он некӣ карданро дорад. Гузашта аз ин, аз ҳама бештар ва аз ҳама накуиҳо оне волотар аст, ки муҳимтарин бошад ва чунин муколама кулли самтҳоро дар бар гирад. Ана ҳамин муколама давлат ном дорад ё ин ки муколамаи сиёсист»** [2, 24].

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат (26-уми январи соли 2021) ҳамин манзалатро дорад.

Дар Паём муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти давлат – сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, боз ҳам баланд бардоштани иқтидори мудофиавӣ ва таъмини амнияти давлатӣ, мубориза ба муқобили терроризм ва экстремизм мавриди таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Илова бар ин, рушди фитрати инсонӣ, аз ҷумла, масъалаҳои таълим ва тарбияи омма, ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз мавзуъҳои калидии Паём маҳсуб мегарданд.

Боиси қаноатмандист, ки зери сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар соҳаи мактаб ва маориф насли нав ба камол расид. Он дар кулли самтҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар муваффақона фаъолият мекунад. Имрӯз ва ояндаи рушди мамлакат ба дониш, касбият, таҷриба, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, эҳсоси масъулият ва ҷавонмардӣ, яъне сифатҳои шахсии насли нав пайвастагӣ дорад. Ва маҳз ба ҳамин хотир ин ҷараёни солим ва табиии рушди ҷомеа сазовори дастгирии ҳамаҷониба мебошад.

Сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқоти алоҳидаи мукаммал ниёз дорад. Он бояд дар асоси методҳои сирф илмӣ мавриди омӯзиши густурда қарор бигирад. То насли имрӯза ва оянда бидонанд, ки дар солҳои навадуми асри гузашта ва даҳсолаҳои минбаъда тавассути хизматҳои ҷоннисоронаи Сарвари давлат дар мамлакат чӣ гуна инқилобҳои маданӣ ва фарҳангӣ сурат гирифтанд ва онҳо дар рушду такомули инсон ва ҷомеа

чӣ натиҷаҳо ба бор овардаанд.

Кӯшиши ҳаддалимкони дарки мухтавои Паёми Пешвои муаззами миллат дар соҳаи маънавиёт, илму маориф ва тарбияи инсон мавзуи баҳси мо мебошад.

**Иқтисодиёт ва маориф**

Маълум аст, ки дар муносиботи ҷамъиятӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ мавқеи муайянкунанда доранд. Ва мухтавои ҷаҳонбинӣ, шеваи тафаккури инсон дар ҷомеа аз онҳо сарчашма мегирад.

Арзишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавиёт, маҳз тавассути муносибатҳои истеҳсолӣ ташаккул меёбанд ва низоми муайян пайдо мекунанд. Дар ин ҷараён омилҳои дигар, аз қабили характери миллӣ, оила, муҳит, мухтавои тарбия ва таълим низ, албатта, таъсиргузор ҳастанд. Аммо шакли иштирок дар фаъолияти дастҷамъонаи истеҳсолӣ, ки ба пешрафти ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа нигаронида шудааст, дар рушди инсон нақши аслӣ дорад.

Маҳз ба ҳамин хотир, Роҳбари давлат ҳангоми муҳокимаҳои муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ қисмати асосии суханрониҳои хешро дар асоси маълумоти дақиқ ва таҳлилҳои амиқ ба соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакат мебахшад. Ҳамзамон бо ин, илм, фарҳанг ва маънавиёти ҷомеаро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи пойдевори мамлакат мешуморад. Кӯшиш менамояд, ки ҷаҳонбинии ҷомеа аз ҷараёни тараққиёти иқтисодии давлат ақиб намонад ва ҳатто дар ҳолатҳои муайян аз он пештар қадам гузорад ва омили таконбахши рушди ҷомеа бошад.

Омӯзиши асарҳо, аз ҷумла, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки масъалаҳои ҷаҳонбинӣ ва ба ҳаёти давлатдории навин мувофиқ гардонидани маънавиёти миллиро Сарвари кишвар дар алоқамандии ногусастанӣ бо таърихи миллат мешуморад. Усули ба эътибор гирифтани ирсият, пайдарпайӣ, яъне муттасилиро дар ташаккули маънавиёти миллӣ омили муассири бунёди давлати миллӣ медонад.

**Принсипи таърихият ва масъалаҳои рушди тафаккур**

Роҳбари давлат ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлол дар сарсухани худ ба «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров таъкид карда буд: **«Агар мо аз роҳи тайкардаи пур аз шебу фарози миллати худ огоҳии нисбатан пурра медоштем ва аз хатоҳои содирнамудаи ниёгонамон сабақ мегирифтем, шояд тӯфони офатбори ҷанги гражданӣ, ки мо ба он дучор омадем, чунин ранги фоҷиавӣ намегирифт. Охир як сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо мероси таърихӣ аст. То хотираи қавии таърихиро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, ҷомеа аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагонамон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад»** [7, 5].

Таваҷҷуҳи хос ба принсипи таърихият дар Паёми навбатии Пешвои миллат аз ҳамин мантиқи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ сарчашма мегирад: **«Дар ин сол мо ҷашнҳои 5500 - солагии Саразми бостонӣ ва 700 - солагии Камоли Хуҷандиро дар асоси қарори созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО таҷлил кардем».**

Таҳқиқ ва омӯхтани маводи таърихӣ дар асоси далелҳои муътамад бо мақсади муайянсозии ҳақиқати таърихӣ яке аз ҷанбаҳои мавриди таваҷҷуҳи махсуси Раҳбари давлат мебошад. Ӯ донистани қонунмандӣ ва ҳаракати тафаккурро ба хотири дарки раванди шаклгирии воқеияти тақдири миллат пояи маърифатнокӣ

мешуморад.

Ҷараёни расидан ба қадри Ватани аҷдодӣ, шинохти аслияти фардӣ ва арзишҳои миллиро бо зарурати дарки суботу оромиш ва сулҳу осоиш ҳамчун асоси пешравии ҷомеа, дар андӯхтани донишҳо, аз бар кардан ва омӯхтани сарнавишти миллати тоҷик медонад.

## Мантиқи диалектикӣ ва инкишофи ҷаҳонбинӣ

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки дар назди давлати миллии мо қарор дорад, сохтани ҷаҳонбинӣ, ба вуҷуд овардани ҳисси баланди хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аст. Таъкиди доимии Пешвои миллат иборат аз он аст, ки тарбия ва таълим бояд қудрати бузурги дигаргун сохтани инсонро ба манфиати ҷомеа ва рушду нумуи он дошта бошад.

Бидуни шак, аз ёд кардани порчаҳои назмиву насрӣ, хондани китоб ва аз худ намудани донишҳо оғози кор аст.

**Агар мағзи инсон тамоми асрори дунёро дар худ ҷо кунад, аз донишҳо ғанӣ гардонад, аммо онҳоро таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ ва ҳамвазн бо воқеияти зиндагӣ истифода карда натавонад, рафтору амали ҳаррӯзаи хешро тибқи ин донишҳо ҷараён набахшад, монанд ба китобхонае мешавад, ки пур аз сарвати илму маърифат, аммо беҷон аст. Амал карда наметавонад.**

Ақидаҳои хурофотие, ки ҳатто ба тафаккури мардуми доно ва огаҳ, дар ҷанбаҳои гуногуни илм, махсусан илмҳои дақиқ, аз ҷумла зистшиносӣ, одамшиносӣ ва табиатшиносӣ ҳоким ҳастанд, аммо моҳияти масъалаҳои тараққиёти табиат, ҷамъият ва тафаккурро ҳамчун падидаи фавқуттабиӣ мефаҳманд ва тафсир мекунанд, аз ҳамин мафкура маншаъ мегиранд. Яъне, доштани тавони инъикоси объективии шаклҳои мантиқӣ бо хосияти аслии онҳо дар майнаи инсон кори чандон саҳлу осон нест.

Қонунмандии ҳаракат ё наздикшавии тафаккур ба донистани воқеияти реалӣ тавассути донишҳои илмӣ ҷузъи муҳимми мундариҷа ва сифати идрок аст. Ин нукта водор месозад, новобаста аз ҳуҷҷати тасдиққунандаи тахассусмандӣ, дараҷаи маълумот (миёна, олӣ, унвонҳои илмӣ), машғулият дар сохтори давлати дунявӣ (миллӣ) ба инобат гирифта шавад, ки дараҷаи тасаввуроти илмии шахсияти мавриди назар дар кадом поя аст. Соҳибилм аст ё донишу ҷаҳонбиние, ки дорад, ҳанӯз ба илм тавъам ва ҳамвазну ҳамгун нагаштааст, «зуҳуроти хизматӣ», муваққатӣ, аз рӯйи зарурат, як навъ намоишкорӣ ва ҳатто тавре ки маъмулан мегӯянд, «изҳори фазл» аст.

Дар истиноди ёдшудаи Роҳбари давлат дар муқаддимаи асари «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров, ки қимати як асари бузурги илмиро дорад, мантиқи диалектикӣ бо истифода аз ҷумлаҳои мураккаби сертаркибаи мансуб ба шарт, сабаб ва натиҷа омадааст ва дар он омилҳои фоҷиаи дарозмуддати миллӣ ниҳоят дақиқ, амиқ, возеҳу равшан, бо дарки масъулияти бузурги давлатдорӣ ва тақдирсозии ҳидояткунанда, асоснок тафсир шудаанд. Аз нигоҳи ӯ маҳз надонистани гузаштаи миллат «сабабгори тӯфони офатбори ҷанги шаҳрвандӣ» гардидааст, ки бешубҳа ва бемуболиға дуруст аст.

**Дар таълимоти Пешвои миллат илм, дониш, маърифат ва фарҳанг аз омилҳои наҷотбахши давлати миллӣ дар замони ҷаҳонишавӣ шуморида мешаванд. Аз мантиқи даъвати рӯй бар ин ганҷ ниҳодани Сарвари кишвар бармеояд: мо ҳамон вақт ҳадафмандона, оқилона ва муваффақона давлати миллии худро месозем ва онро аз тахти дил, бо тамоми ҳастӣ – бошуурона ҳимоя карда метавонем, агар хонем, омӯзем.**

Озмунҳои «Тоҷикистон –

Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм – фурӯғи маърифат» дар баробари ин ки инқилоби фарҳангии Пешвои миллат доир ба ташкилу танзими тарзи ҳаёти нав мебошанд, оғозгари таҳаввулоти ҷиддиву бунёдӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат низ ба шумор мераванд.

Методологияи таҳияи Паём ва сохтори мантиқии он низ, тавре хотирнишон шуд, таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Яъне, мардум вақте ҷиддан, бори дигар дар сатҳи олӣ ба хондани китоб даъват гардид, ки имконоти комил ва дастрасӣ ба ин ғизои маънавиро пайдо кард: Ватанаш осуда, хонааш обод, дастурхонаш пур аз неъмат, хотираш ҷамъ гашт. Мулк равшан шуд. Корхонаҳо ба кор даромаданд. Киштзору мазраву боғҳо сабзу хуррам ва серҳосил шуданд. Роҳу нақбҳо бунёд гардид. Дидори якдигарии қавми чор мулки асл, ки қаблан фаслҳо дошт, васл ва муттасил гашт. Тибқи урфу одати миллӣ қонунмандӣ пайдо кард. Мулк ваҳдатобод, Тоҷикистон гулистон ва умедгоҳи ҳама ҳамватанон шуд. Беҳтарин мактабҳо бо шароиту имконоти сатҳи олӣ, ки макони хуби донишандӯзианд, бунёд гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ рақамҳоеро мисол меорад, ки умумият ва фарқияти соҳаи маорифро дар самти тайёр кардани кадрҳо дар гузашта ва имрӯз барҷало нишон диҳад: **«Чунонки борҳо хотирнишон карда будам, то замони истиқлол дар Тоҷикистон ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69000 донишҷӯ фаъолият мекард.**

**Имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 41, донишҷӯён ба 245 ҳазор ва бо иловаи донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, ба 285 ҳазор нафар расидааст»** [1, 25].

**Сифат ва масъалаҳои таълим**

Дар баробари дастовардҳо дар соҳаи рушди инфрасохтории маориф, Роҳбари давлат ба он ишора мекунад, ки тағйироти миқдорӣ ҳанӯз нишонгари дараҷаи касбият ва тахассусмандии хатмкардагони мактабҳои олӣ буда наметавонад. Зеро ниёзҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар маҳз тавассути сатҳи баланди касбии кадрҳо таъмин карда мешаванд. Аз ин рӯ, ӯ доир ба касбомӯзӣ ва омодагии кадрҳо сухан ронда, таъкид месозад, ки кордонӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ бояд сифатҳои воқеии корманд бошанд.

Тағйироти мусбати миқдории инфрасохтори соҳаи маорифро ёдовар шуда, Сарвари миллат ҳамчунон ишора мекунад: **«Бо вуҷуди ин, таъкид месозам, ки аз ҷониби роҳбарони Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар масъалаи қабули довталабон ва тарбияи кадрҳо, пеш аз ҳама, ба сифат эътибори аввалиндараҷа дода шавад»** [1,5].

Тахассусмандӣ ва сифатҳои шахсии соҳибкасб аввалин аломатҳое ҳастанд, ки омма онҳоро зуд эҳсос мекунад. Интизории ҷомеа аз хатмкардагони мактабҳои миёна, олӣ, соҳибунвонҳои илмӣ он аст, ки тибқи дараҷаи эълоншудаи маълумот шахс аз худ амалҳои судманди баробарвазн ва ҳатто зиёда аз онро нишон диҳад.

**Маориф ва сиёсат**

Маънии марказонидашудаи давлат – таъмини амнияти ҷомеа, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аст. Ин мафҳумҳо бо мактаб, маориф, ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти ҷомеа робитаи мустақим доранд.

**Одамон ҳама вақт дар он сохти ҷамъияте зиндагӣ мекунанд, умр ба сар мебаранд, ки дар натиҷаи тарбия**

**ва таълим ба он расидаанд. Ба ибораи дигар, ҷомеа сазовори сохти давлатдорӣ ва сифати зиндагиест, ки афроди он дар давраи муайяни таърихӣ, тавассути ҳосил кардани донишҳо, сохтани ҷаҳонбиниҳо, эътиқодҳо ва боварҳо ҳамин сохти давлатдорӣ ва сифати зиндагиро ба вуҷуд овардаанд. Зеро низомҳои сиёсие, ки аз беруни давлат ба ҷомеа таҳмил карда мешаванд, тарзе таърих исбот кард, ноустувор ва ҳалокатбор хоҳанд буд.**

Дар ҷомеае, ки ба пайдоиши аломатҳо ва зуҳуроти бегонапарастӣ, зиддимиллӣ, иртиҷоӣ, хурофотӣ бетафовутӣ зоҳир шудааст, гурӯҳҳои муайяни ҳукуматхоҳ аз фурсат истифода карда, қудрати сиёсиро ба даст гирифтаанд. Дар ин раванд, арзишҳои миллӣ, ки асоси истиқлол ва рушди давлатро ташкил мекунанд, поймол мешаванд. Мардумони ғафлатзадаи он то даҳсолаҳои дигар ҳам умеди бозгашт ба асли хешро надоранд. Ҳамин тариқ, муътақид бояд буд: **«Шакли раҳбарӣ, пешбарии қудрате, ки мо дорем, қисмате аз тарбияи моро ташкил мекунад»** [5]. Тарбия ва таълим муҳимтарин воситаҳои ҳимояи сохти давлатдорианд. Зеро дар сурати беэътиноӣ маҳз онҳо омили тағйири сифатӣ – шикасти давлат ва ҷомеа шуда метавонанд.

Вақте дар бораи тарбия сухан меравад, он танҳо мактаб ва низоми маорифро дар назар надорад. Дар ин маврид, муносибат ва имконоти таъсиррасонии давлат ба ҳар як шаҳрванд, сарфи назар аз синну сол, шуғл, манзалати иҷтимоӣ, эътиқодмандӣ ва макони зисти ӯ низ ба эътибор гирифта мешавад. Манзалати ифтихории «шаҳрванд» – ҳуқуқ ва вазифаҳои ӯ чунин муносиботи ҷамъиятиро танзим мекунад, таъмин месозад ва кафолат медиҳад.

Кӯшишҳои нобасомони гурӯҳакҳое, ки мехоҳанд масъулияти давлатро нисбат ба тарбияи кӯдак, наврас ва калонсолон зери шубҳа гузоранд, содалавҳӣ, ғайриилмӣ, аммо бошууронаву мақсаднок ва аз лиҳози ҳуқуқию сиёсӣ комилан беасос аст.

Принсипҳои соҳибистиқлолӣ, ҳуқуқбунёдӣ, ягонагӣ ва дунявият талаботеро ба миён мегузоранд, ки давлат барои нигоҳ доштани сохти конститутсионӣ, ташаккули ҷаҳонбинии ба он мувофиқ уҳдадорӣ ва вазифаи истисноии худро мустақиман, аз ячейкаҳои одӣ то сатҳи олии ҷомеа бояд иҷро кунад. Ин вазифаи давлат, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, ихтиёрӣ нест. Онро Конститутсия муайян кардааст. Давлат тавассути ҳукумат мувазза̄ф аст, масъулияти хешро «бо кулли имконоти дарихтиёрбуда» (ибора аз Конститутсияи ИМА) таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, муайян кардани барнома, мундариҷа, моҳияти тарбия ва таълими омма аз вазифаҳои бузурги давлатдорӣ маҳсуб мегарданд.

Баъзе мухолифони сохти давлатдории миллии мо бар зидди ин воқеияти ҳуқуқӣ амал карда, бо ҳамин роҳ фитнабарангезӣ карданӣ мешаванд. Тавре мебинем, чунин амали хато аз адами завқи ҳузуру надонистани назми умури давлатдорӣ, ки барабас орзуи онро доранд, шаҳодат медиҳад.

Алоқамандии бевосита ва масъулияти давлатро дар тарбияи одамон дар доираи мактаб, маориф, донишгоҳ, коргоҳҳои хизмати давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, масҷид, маъракаҳои суннатӣ ва муассисаҳои таълими динӣ бузургтарин мутафаккирони олам Афлотун, Суқрот, Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Низомулмулк, Саъдии Шерозӣ, Аҳмад Махдуми Дониш, Садриддин Айнӣ ва садҳо хирадмандони дигар низ эътироф,

таъйид ва ҳамчун рукни асосии давлатдорӣ таъкид кардаанд.

Барои мисол, Аристотел, ки ӯро аз асосгузорони илмҳои энсиклопедии олам – фалсафа, сиёсатшиносӣ, тиб, математика, назмшиносӣ ва мантиқ шинохтаанд, ҳанӯз дувуним ҳазор сол пеш ба ин савол посух дода, бе дудилагӣ ва қотеона таъкид кардааст: **«Дар он давлатҳое, ки ба ин масъала (тарбия − С. Я.) беэътиноӣ мекунанд, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Охир, барои ҳар як сохти давлатдорӣ – тарбияи ба он мувофиқ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Ҳар як сохти давлатдорӣ бо хосияти алоҳидаи худ аз дигараш фарқ мекунад. Он чизе, ки ба тарзи маъмулӣ барои ҳимояи ин сохти давлатдорӣ хизмат мекунад ва онро аз аввал муайян месозад, тарбия аст»** [2, 352].

Аристотел, барҳақ, таъкид кардааст, ки зуҳури давлат худ як нақша ё ин ки барнома аст. Он тибқи мақсадҳои мушаххас арзи вуҷуд мекунад. Ана маҳз ҳамин мақсад бояд тавассути тарбия рӯйи кор оварда шавад ва амалӣ гардад. Зарур аст, дар ҷомеа ҳама аз рӯйи як барнома – он чиро ки худи давлат мақсадгузорӣ кардааст, таълиму тарбия бигиранд: **«Ба хотири он ки тамоми давлат фақат як мақсадро пайгирӣ мекунад, ҳамакнун аниқ аст, ки барои тамоми шаҳрвандон тарбияи якхела зарур аст. Аммо масъулият барои тарбия бояд ташаббуси давлат бошад, на ташаббуси шахсӣ»** [2, 352].

Таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ ва хулосабарориҳо оид ба сабаб ва оқибати ширкат дар ҳаракатҳои террористӣ, аз ҷумла, «Ансоруллоҳ»-и собиқ ҳизби террористиву ифротгарои наҳзати ислом, «Ихвон-ул-муслимин», «ал-Қоида», «Давлати исломӣ» ва ғайраҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таълиму тарбияи берун аз доираи барномаи давлатӣ суратгирифта хизмати мустақим ба равияҳои зиддимиллӣ, пеш аз ҳама, созмонҳои террористӣ мебошад.

Ба ақл, хирад, дониш ва дурандешии Аристотел дар бораи мафҳум, мантиқ ва табиати давлатдорӣ эҳтиром бояд гузошт. Ӯ дар бораи муҳтавои тарбия ва таълим сухан ронда, таъкид мекунад: **«Набояд фикр кард, ки гӯё ҳар як шаҳрванд − худ ба худ аст; не, ҳамаи шаҳрвандон ба давлат тааллуқ доранд, барои он ки ҳар яки онҳо пораи давлат мебошанд. Ғамхорӣ дар бораи ҳар кадоми онҳо, табиист, ки ғамхорӣ (тарбия ва нигоҳубин – С. Я.) нисбат ба ҷамъият аст»** [2, 352].

Мафҳуми давлат, сохти давлатдорӣ ва тарбияи шаҳрванд истилоҳоти аз лиҳози маънӣ ҳамсанганд. Файласуфи машҳури фаронсавӣ Клод Адриан Гелветсий (1715-1771) таъкид мекунад: **«Дар ҳар як давлат санъати ташаккули инсон то дараҷае ба шакли давлатдорӣ пайванд мебошад ва бисёр шубҳаовар аст, ки ворид кардани тағйирот дар тарбияи ҷамъиятӣ бе тағйир додани сохти давлатдорӣ имкон дошта бошад»** [5].

Модоме ки тамоми хушбахтиҳо ва бадбахтиҳо аз тарбия вобастагӣ дорад, он таваҷҷуҳи афрод ва қувваҳои гуногуни ҷомеа ва пеш аз ҳама, бозигарони геополитикиро ба худ ҷалб мекунад. Гелветсий дар ин маврид менависад: **«Низоми тарбия ҳама вақт баҳснок аст ва агар кулли ин фаъолиятро ба мақсади ягона пойбанд накунанд, номуайян мемонад. Ин мақсад чӣ гуна бояд бошад? – Манфиатдории бештари ҷомеа аз чунин некӣ, қаноатмандии аз ҳама бештари ҷомеа аз натиҷаи ин навъи накукорӣ, хушбахтии бештари шаҳрвандон аз ин амал»** [5, 5].

Саволи ниҳоят одӣ, аммо пурмаъно Роҳбари давлат, ҳамчунон посухи мантиқии ӯ: **«Мамлакатро кӣ обод мекунад?**

**Мутахассис, соҳибкасб, шахси донишманд!»** паёми абадии шахсияти бузурги илммеҳвар аст. Акси ин садо мудом саросари кишварро пахш мекунад.

Ба ақидаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инсон як умр бояд илм омӯзад. Аз фарҳанг ва таҷрибаи зиндагӣ баҳравар бошад. Аз онҳо хулоса барорад. Дар ин маврид, мухотаби Сарвари давлат танҳо хонандагон ва толибилмон нестанд. Миллат, тамоми мардум аст.

Воқеан, дониш андӯхтан, илм омӯхтан чараёни беохири бархӯрди инсон бо табиат, ҷамъият ва тафаккури зудтағйирёбанда мебошад. Дар ин маврид, муҳандиси бузурги руҳи инсон Гелветсий менависад: **«Ҳоло ҳам ман омӯзиши худро давом медиҳам; тарбияи ман ҳанӯз ба охир нарасидааст. Охир, кай он тамом мешавад? Вақте ки ман дигар қудрати онро надорам: пас аз марги ман. Воқеан, гуфтан лозим аст, ки тамоми ҳаёти ман як тарбияи бардавомро мемонад»** [5, 10].

Тавре таъкид гардид, сохти конститутсионии давлатдорӣ ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ, илмиву назариявӣ ва амалияи сиёсӣ бо мактаб, ки қисмати ҷудонашавандаи он аст, дар алоқамандии муайянкунанда қарор дорад. Маҳз ба ҳамин хотир, Пешвои миллат мақсади ниҳоии худро нисбат ба дастгирии ҳаматарафаи илм ва маориф эътимодбахш эълом медорад: **«Ҳадафи роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад»** [1, 28].

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳазорсолаи ахир ҳамчун асосгузори давлати миллии тоҷикон ворид гардид. Ӯ раванди воқеоти таърихии ташаккули халқи хеш, марҳалаҳои онро аз давраҳои қадим то замони нав, бори дигар аз нигоҳи илмӣ омӯхт. Омилҳои таъсис ва сабабҳои воқеии пароканадагиву сукути давлатҳои бузургро, ки ин миллат аз сар гузаронидааст, аз дидгоҳи нав таҳлил, таҳқиқ, арзёбӣ ва дар ин асос хулосабарорӣ кард. Таҷрибаи таърихии халқҳои пешқадами дунё, сохти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии онҳоро дар муносибат ба эҳёи муассисаи пешбарандаи ҷомеа – давлат гаштаву баргашта мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дод. Самараи неки чунин иқдомоти ватанхоҳона дар назария ва амалияи сиёсии Пешвои тоҷикон ҳамакнун пешкаши чашми ҳақбин аст.

## Маориф ва масъалаҳои ҷаҳонбинии миллӣ

Ҷонфидоиҳои Роҳбари тоҷикон ва мақсаднокии заҳматҳои шабонарӯзии ӯ дар даҳсолаҳои гузашта барои ташкил ва таъсиси давлати миллӣ, ки барқарории сулҳу субот ва таъмини рушди устувор аз рукнҳои аслии он ба шумор меравand, аз воқеият сарчашма мегиранд.

Хулосаи Сарвари кишвар дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускор, раҳбар ва ҳаммуаллифи ин санад, паёмҳо, инчунин суханрониҳои барномавии Пешвои миллат барои имрӯз, даҳсолаҳои минбаъда ва ояндаи дури таърихӣ иборат аз он аст, ки танҳо сохти давлатдории миллӣ омили аслии пойдорӣ, истиқлолу озодӣ ва рушди устувор шуда метавонад.

Интихоби сохти давлатдории миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи фавқулода нест. Заминаи онро таърих ва тамаддуни зиёда аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик, муборизаи беамони фарзандони он барои истиқлоли милливу давлатӣ

ташкил мекунад.

Аз ҳамин лиҳоз, ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ аз мавзуъҳое мебошад, ки дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлат ва табақаҳои пешқадами миллӣ қарор дорад. Муҳтавои аслии сарсухани ёдшудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ҳанӯз дар оғози давлатдорӣ шаҳодати ин андеша аст. Ва ҳидоятҳои Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ аз ҳамин азму разм сарчашма мегиранд.

Ҷавҳар, муҳтавои таълимоти Роҳбари давлатро, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ташкил мекунад. Зеро **«ҳақиқати шуур худшиносӣ аст ва ин охирин таҳкурсӣ, асоси шуур мебошад»** [3, 214].

Бояд иқрор шуд, ки ҷанги шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта аз ҷониби аҷнабиён тарҳрезиву ташкил ва тавассути хоинони миллат амалӣ гашт. Дар ин ҳаводиси хуношом тӯдаи ҷавонони гумроҳ ва қисме аз намояндагони зиёиёни думрав ба рисолати таърихии худ хиёнат карда, ҳамчун олот истифода шуданд. Аз тарс ва беҳавсалагӣ бо онҳое ҳамроҳ гаштанд, ки ормонҳои миллии истиқлолхоҳиро ба ҷанги хонумонсӯзи дар пояи фанатизми динӣ алангагирифта мубаддал сохтанд. Ин ҳолат борҳо хотиррасон мегардад. Бойгониҳо ҳуҷҷату аксу наворҳоро барои таърих ва рӯзи мабодо нигаҳ медоранд. Аммо муҳим он аст, ки наслҳои имрӯз ва оянда ин ҳақиқатро донанд, то он рӯзгор такрор наёбад. Ба ҳамин маънӣ, шоир ва мутафаккири олмонӣ Гёте таъкид месозад: **«Ҳақиқатро бояд доимо такрор кард, чунки дар атрофи мо раҳгумзадагӣ, гумроҳӣ доимо тарғиб карда мешавад»** [4].

Худшиносии миллӣ мафҳуми хизматӣ, шиорпартоии расмӣ, мавзуи одии ҷаласаҳо ва сарлавҳаи рӯзномаву маҷаллаҳо нест. Гегел дар ин маврид истилоҳи **«хештаншиносии эътирофгашта»**-ро истифода мебарад ва таъкид мекунад: **«Ана ин хештаншиносӣ барои хештаншиносӣ аст, мустақиман, ҳамчун дигар зуҳурот барои зуҳуроти дигар аст. Ман дар чунин хештаншиносӣ худро ҳамчун «Ман»... дар муқобили дигар худшиносии ҳамчун мани мустақил мешиносам»** [4, 220]. Намояндаи халқи дар олам барои эъмори давлатдории воқеан миллӣ ва бо характери созандаи миллӣ эътирофгашта хештаншиносиро як навъ мубориза и қавӣ мешуморад: **«Чунин муқобилистӣ касро ба як навъ худогоҳии озод ва барои дигаронро бо ҳамин сифати воқеӣ эътироф ва моил кунонидан ҳидоят мекунад»** [4, 220].

Хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ навъи амал аст. Падидаи хомӯш, беранг, бефарқ, бетавофут, беҳаракат ва албатта, худнамоишдиҳӣ нест. **«Ин гуна тазод, муқобилистӣ мубориза аст; барои он ки ман наметавонам дар «дигар»** (кас, зуҳурот, падидаи ҷамъиятӣ – С.Я) **ҳамчун худ, худро бишиносам. Барои он ки «дигар» барои ман воқеияти мустақими ҳастӣ аст»** [4, 220]. Суханашро идома дода, Гегел ҷиҳати иродатманд ва соҳибамал будан, ба каси дигар таъсири мусбати барои миллат муфид расониданро таъкид месозад: **«... ман барои ҳамин кӯшиш мекунам, ҳамин гуна як навъ мустақимиро бишиканам»** [4, 220]. Ӯ дар ин маврид хулосаи қотеона мебарорад: **«Мубориза барои эътироф кардан** (худшиносӣ − С. Я.) **ҳамчун натиҷаи амал, мубориза барои марг ва ҳаёт аст»** [4, 221].

Шуури миллӣ ва тавассути он ҳувияти миллӣ низоми ягонаи ҷаҳонбинии шахс дар бораи худ, падару модар, аҷдод ва умуман таърихи миллати хеш мебошад,

ки тӯли ҳазорсолаҳо, хосатан, дар ҳамин сарзамин чашм ба олами ҳастӣ кушодаанд. Ба воя расидаанд. Кору фаъолият кардаанд. Забон, урфу одат ва тамаддуни он шакл гирифтааст. Афроди миллат дар рақобат, муборизаҳо ва ҷонбозиҳои шадид сарзамин ва арзишҳои миллии худро ҳифз кардаанд. Маҳз бо ном ва ба хотири ҳамин миллат дар набардҳо ва муборизаҳои хунини таърих тавонистаанд, ҳувияти миллии хешро нигоҳ доранд. Давлат созанд. Дар олам бо номи миллати худ муаррифӣ гарданд.

**Аммо бедор кардани шуури хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар шароити вобастагӣ аз шуури ғайримиллӣ, ки садсолаҳо дар мағз андар мағзи одамон ҷой гирифтааст, кори саҳл нест. Он муборизаи дастҷамъонаро тавассути имконоти давлатдорӣ − оила, мактаб, илм, маориф, фарҳанг, васоити ахбори умум ва муҳимтар аз ҳама, руҳи ба андозаи қавӣ ташаккулёфтаи зиёиёни миллиро тақозо дорад.**

**Аммо бо вуҷуди баъзе кӯшишҳо нақши «синфи соҳибтафаккур», ки мансуб ба «мағзи миллатанд» (истилоҳоти истифодашуда дар фалсафаи илмӣ), ҳоло ҳам дар ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, дар алоқамандӣ бо вазъи воқеӣ – муборизаҳои иттилоотӣ, ки як падидаи одӣ, аммо барои одамони ноогоҳ хатарнок ва** пешгӯйишавандаи **ҷараёни зиндагии рӯзмарраи давлати миллӣ аст, муассир нест.**

Фаъолияти иттиҳодияҳои соҳибқаламон, мутахассисони соҳаҳои журналистика, илм, кафедраҳои ҷамъиятии мактабҳои олӣ, муассисаҳои фарҳангӣ дар майдони набард бо душманони сохти давлатдории миллӣ, бедор кардани ҳисси хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, фош кардани омилҳои пайдоиш ва густариши ақидаҳои бегонапарастӣ, экстремизми динӣ ва хурофотпарастӣ самаранок ба назар намерасад. Дар маҷмуъ, зарур аст, ба эътибор гирифта шавад, ки **«илм он қадар зуҳуроти қаноатбахшандаи худпарастӣ нест ва касони хушбахте, ки метавонанд хешро ба иҷрои вазифаҳои илмӣ бахшанд, худашон аввалин шуда, бояд донишҳояшонро ба мардум расонанд»** (Пол Лафарг).

**Масъалаи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ − масъалаи пойдорӣ, устуворӣ, бақои миллат ва давлати миллӣ аст. Ҷойи онро қудратмандтарин падидаи дигар (артиш, силоҳи ҳастаӣ, мақомоти амниятии муҷаҳҳаз бо кулли имконот), ҳатто ҳукумати аз лиҳози сиёсати иҷтимоӣ муваффақ гирифта наметавонад. Таҷрибаи сиёсии ду садсолаи ахир инро бори дигар тасдиқ кард. Бузургтарин артиш «дасти қудрату мансаби соҳибҷоҳӣ»**-и миллат (Ҳофиз) руҳи миллат аст. Чизи дигаре нест.

## Хулоса

Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дар навтарин давраи таърихӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шуда, вокуниши баробарвазни Ҳукумати мамлакат нисбат ба ин воқеият возеҳу равшан тафсир гаштааст.

Тавре хотирнишон гардид, тибқи супориши Пешвои муаззами миллат, масъалаи маънавиёт, ҷаҳонбинии миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, мувофиқ кунонидани вазифаҳои тарбияи омма, мактаб ва маориф бо талабот ва зарурати минбаъд ҳам мустаҳкам гардонидани пояҳои давлати миллӣ аз муҳимтарин вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шуморида мешавад.

Агар ба воқеияти раванди

эъмори давлати миллӣ назар андозем, мебинем, ки тавассути заҳматҳои шабонарӯзии Роҳбари давлат «дунё дигар ва сарзамини тоҷикон гулбасар шуд» (М. Турсунзода). Аммо аз лиҳози ҷаҳонбинӣ қисмати ҷомеа ниёз ба таваҷҷуҳ ва роҳнамоии маънавӣ дорад.

Тағйироти куллӣ дар соҳаи тарбияи хештаншиносӣ танҳо бо фидокориҳои як нафар ба амал намеояд. Таълим, махсусан, тарбия муносибати муназзам ва фаъолсозии кулли ҷомеа, алалхусус, зиёиёни миллиро тақозо мекунад.

Муҳтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии сохти давлатдории мо аз лиҳози ҳуқуқӣ ва мантиқи сиёсӣ давлатдории миллӣ мебошад. Бо такя ба таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи миллат, забон, фарҳанг, анъана, урфу одат ва маданияти миллии мо руҳи миллӣ асоси маънавиёти давлат ҳисобида мешавад. Дигар шаклҳои афкори ҷамъиятӣ, мисли давлатҳои мутамаддин, ин ҷаҳонбиниро қувват мебахшанд. Барои ваҳдат, ягонагӣ, сулҳу субот ва рушди миллӣ ба руҳи миллӣ, ки ҳамчун пойдевори истиқлолият ва абадияти давлати миллӣ таъйиноти таърихӣ дорад, ба тарзи мусолиҳатомез, содиқона, рӯирост ва ошкоро хизмат мекунанд.

Руҳи миллӣ, ҳамчун низоми ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёт қавитарин шакли шуури ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад. Агар он ҳамчун асоси тарбия барои сохтан ва пойдор нигоҳ доштани давлати миллӣ истифода шавад. Таърихи пурғановат, тамаддуни бесобиқаи оламшумул, забони муқтадир, характери миллӣ – намунаҳои олии ҷоннисории фарзандони миллат дар роҳи ҳимояи марзу буми хеш бар зидди аҷнабиён, ҷаҳонбинии харобиовари онон тавони мубориза бурдан, истодагарӣ карда тавонистан ва ғолиб омаданро дорад.

Дар ин раванд, руҳи миллӣ бо сифатҳои олӣ, муқоисашаванда ва озмудашуда ба давлати миллӣ ҳамчун ҷавшан хизмат мекунад. Ақидаҳои апологетикии сирф бегонапарастонаи террористӣ-экстремистии наҳзатия, ваҳҳобия, салафия, ихвония ва монанди инҳоро, ки бозигарони глобалӣ ва минтақавӣ ба мағзи ҷавонони тоҷик ворид сохта, онҳоро дар амалҳои террористӣ истифода менамоянд, фақат бо шуури миллӣ метавон хунсо ва нобуд кард.

Масъалаи тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ, дар маҷмуъ, ду субъекти асосӣ дорад: ҷомеа ва давлат.

Ба қисмати аввал, пеш аз ҳама, зиёиёни воқеан миллӣ дохил мешаванд. **Дар шароити фавқулодаи таърихии мо тақдир даст дод, ки миллати ҳазорсолаи азияти бедавлатӣ кашида, соҳиби давлати миллӣ гардад.**

**Пешвои миллат на танҳо давлати тоҷиконро асос гузошт, балки руҳи миллиро аз лиҳози назариявӣ ва сиёсиву амалӣ ҳамчун ҷаҳонбинии миллӣ эҳё кард, қувват бахшид. Аз ин имконоти таърихӣ синфи соҳибтафаккури мубориз бояд истифодаи аъзам намояд. Донад ва хулоса кунад, киояндаи миллат ва давлати миллӣ маҳз ва танҳо аз тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ вобастагӣ дорад.**

Аммо дар ҳар сурат масъули асосии ташкил ва роҳандозии тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ давлати миллӣ ва тамоми зинаҳои сохторҳои давлатӣ мебошанд. **«Нақши тарбиявии давлат нисбат ба бошандагони давлат иборат аз он аст, ки ҳар як нафарро аъзои давлат гардонад, ба хотири он ки онҳо** (шаҳрвандон – С. Я.) **мақсадҳои шахсиро ба мақсадҳои умумӣ** (ҷамъиятӣ – С. Я.) **табдил диҳанд, барои он ки бешуурии дағалро ба ангезаҳои иродатманди ахлоқӣ мубаддал созанд ... шахсияти**

**алоҳидаро ба тарзи зиндагии кулл сафарбар намоянд ва дар маҷмуъ, ҷаҳонбинии кулл дар шуури ҳар як фарди алоҳида таҷассум ёбад»** [8, 311].

Мухтавои таълимоти Пешвои миллат дар соҳаи тарбия, дар маҷмуъ ва дар Паёми навбатӣ аз ҷумла, дар он аст, ки тамоми фаъолияти ҷомеа, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мактаб, маориф, зиёиён ба бедор кардани ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ равона карда шаванд. Мухтаво ва ҳадафи кори тарбиявӣ дар ин самт моил кунонидан ба «худшиносии эътирофгардида»-и миллии ҳар як узви ҷомеа мебошад.

Натиҷаи ҳама гуна тарбия бояд муътақидгардонӣ ба идеяҳои давлати миллӣ бошад. Бидуни чунин дастоварди заҳматталаб ва мақсаднок раванди эъмори давлати миллӣ ва ҳифзи амнияти ҷомеа дар ҳар як марҳалаи таърихӣ зери суол хоҳад рафт.

Маҳз ба ҳамин хотир Паёми навбатии Пешвои миллат дар масъалаҳои рушди маънавиёти миллӣ ва давлати миллӣ ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 26-уми январи соли 2021.

2.Аристотель. Политика. − М.: Рипол классик, 2010.

3.Гегель Г. В. Ф.. Сочинения. Т. 3. − М.: Наука, 1956.

4.Гёте И. В. (1749-1832). Собрание сочинений. Т. 1-13. − М.: 1932.

5. Гельвеций К. О человеке. − М.: Азбука, 1938.

6. Гельвеций К.  Об уме. – М.: 1938.

7. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, 2008.

8. Мысли и изречения. Составитель С. Х. Карин. – Алма-Ата, 1964.

# САҲМИ ШОИСТАИ МАҚОМОТИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ҲИФЗИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОСТОЙНЫЙ ВКЛАД ОРГАНОВ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ЗАЩИТУ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# THE WORTHY CONTRIBUTION OF THE STATE COMMITTEE FOR NATIONAL SECURITY IN MAINTAINING STATE INDEPENDENCE OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Абдуллоев А.А.**
**Abdulloev A.A.**



*Муовини сардори Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва таълим, подполковник.*

*Заместитель начальника Высшей школы Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан по науке и учебе, подполковник.*

*Deputy of Higher school' s head on science and education, The state committee for national security of the Republic of Tajikistan, lieutenant colonel.*

**Аннотатсия:** мақолаи мазкур дар асоси сарчашмаҳои соҳавӣ, адабиёти илмӣ, оммавӣ ва маводи сохторҳои мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дорои хусусиятҳои хос мебошад. Муаллиф саҳми арзанда ва шоистаи яке аз бузургтарин ниҳоди давлатӣ ва амниятии кишвар – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бунёд, таҳким ва ҳифзи арзишҳои волои Истиқлоли давлатӣ холисона мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин радиф, нақши барҷастаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёд ва ташаккули давлатдории миллӣ, рушду инкишофи ниҳоди муқтадири амниятии кишвар бо далелу санадҳои муътамад арзёбӣ гардидааст. Таъкид мегардад, ки нақши Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза и беамон ба муқобили нерӯҳои мухталифи ҷинояткор, ки ба истиқлоли давлатӣ, сулҳу суботи сартосарӣ, амнияти ҷомеа ва давлат таҳдид мекунанд, барҷаста мебошад. Муаллиф илман собит намудааст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо шарофати ин ниҳод дар кишвар сулҳу суботи устувор, дарки арзишҳои истиқлоли миллӣ, шаклгирии муҳити солиму созанда ва равнақи мафкураи миллӣ амалӣ гардидааст.

***Калидвожаҳо:*** амнияти миллӣ, ҳифз, таҳким, Истиқлолияти давлатӣ, сулҳ ва амният, садоқатмандӣ, ваҳдати миллӣ, манфиатҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ.

**Аннотация:** данная статья, написанная на основе отраслевых источников, научной и публицистической литературы, материалов различных структур органов национальной безопасности Республики Таджикистан, имеет характерную особенность. Автор объективно рассматривает ценный вклад и достойные заслуги одного из главных органов безопасности страны – Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан в создании, укреплении и защите высоких ценностей

государственной независимости. В этом контексте, оценивается выдающаяся роль Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона в создании и становлении национальной государственности и развитии одной из мощных структур безопасности страны на основе достоверных и неопровержимых официальных документов. Подчёркивается огромная роль ГКНБ РТ в беспощадной борьбе против различных преступных сил, которые угрожают государственной независимости, миру и стабильности, беопасности общества и государства. Автор научно доказал, что в годы независимости Республики Таджикистан, благодаря этой высокопрофессиональной силовой структуре, реализован устойчивый мир и стабильность, восприятия ценности национальной независимости, формирования здоровой и созидательной атмосферы и развития национальной идеологии в стране.

**Ключевые слова:** национальная безопасность, защита, укрепление, Государственная независимость, мир и безопасность, преданность, национальное единство, национальные интересы, национальные ценности.

**Annotation:** the article composing on the base of field sources, scientific and public literature, and the material of different structures of national security of Republic of Tajikistan, has specific characteristics. The author objectively examines the valuable contribution and worthy deserts of one of the main state security organ of the country– the State Committee for National Security in foundation, strengthening and maintaining the high values of state independence. In this context estimates the outstanding role of the great Leader of Nation, respected Emomali Rahmon in foundation and formation of national State system and the progress of one of the powerful security structure of the country on the base of reliable and irrefutable official documents. Also underlines the enormous role of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan in merciless fighting against different criminal powers, which threatens to the state independence, peace and stability, society and state security. The author scientifically proved that in independence years of the Republic of Tajikistan thanks to this powerful structure, realized steady peace and stability, the perception of the values of national independence, the formation of the healthy and creative atmosphere and the progress of national ideology in the country.

**Key words:** national security, protection, threnthening, state Independence, peace and security, faithfulness, national unity, national interests, national values.

Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи ҶТ ва дигар қонунҳои амалкунанда, қисми таркибии таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар доираи ваколатҳои худ таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлатро ба уҳда дорад. Ин вазифаҳои муқаддаси худро кормандони мақомоти амнияти миллӣ дар тамоми давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарбаландона, содиқона ва ҷоннисорона иҷро карда истодаанд.

Дар мақолаи мавриди назар кӯшиш гардид, то ба таври фишурда, дар бораи саҳми Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойдорӣ, таҳким ва ҳифзи Истиқлоли давлатӣ баён карда шавад.

Муҳимтарин хусусият ва қиммати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъдан тахти роҳбарии Пешвои миллат таҳким ёфт, аз хатари нестӣ наҷот ёфтани давлатдории миллии тоҷикон мебошад [3, 7]. Дар ин ҷода, фаъолияти мураттаб ва муназзами

**Annotation:** in the article, the author defines security as one of the important elements in the system of national interests, scientifically substantiates the dependence of steady development, the progress of the society and state on the level of security and modern challenges and threats. At the same time, the author impeled each member of the society and state, patriot of Tajikistan to be interest

and to carry direct contribution for the solution of security issues.

**Key words:** security, man, society, state, nation, politics, interest, threat, geopolitics, terrorism, extremism, idea, goal, action, self-consciousness, knowledge, science.

Дар системаи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз элементҳои асосии онро **амният** ташкил медиҳад. Барои ҳар як ҷомеае, ки худро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун миллат муаррифӣ мекунад ва ҳамчун давлат эътироф мегардад, **амният ва механизми баамалбарории он аҳамияти ҳаётан муҳим, яъне принсипиалӣ дошта,** яке аз шароитҳои асосӣ оид ба нигоҳдорӣ ва рушду ташакули миллату давлат мебошад. Идеяи амният ва дар амал татбиққунии он инсониятро дар тамоми давраи инкишофи таърихиаш ҳамроҳӣ мекунад. **Таъмини амният – ин хоҳишу интихоби инсон нест, балки заруратест, ки зери таъсир ва талаботи қонуниятҳои объективии инкишофи ҷомеа пайдо шудааст.** Аниқтараш, амният талаботи сифати биологӣ ва ҷамъиятии инсоният аст. Одам дар рафти қонеъ гардонидани талаботи биологӣ ва иҷрои вазифаҳои ҷамъиятиаш, пеш аз ҳама, зарурияту муҳиммияти таъмин намудани амнияташро дарк намудааст.

Модоме ки инсонро бе ҷомеа ва ҷомеаро бе миллат ва миллатро бе давлат тасаввур карда намешавад, пас, зарурати **таъмини амнияти давлат** барои ҳар як узви он ба мадди аввал мебарояд. Дар таърихи инсоният арзи вуҷуд доштани давлат ба ҳар миллат муяссар нашудааст. Дар ҷараёни муборизаи таърихӣ халқиятҳои зиёд ба миллату давлат табдил наёфта, нобуд шудаанд. Халқиятҳое имрӯз ҳастанд, ки дар ҳайати миллату давлати дигар умр ба сар мебаранд ва халқиятҳое ҳастанд, ки барои соҳиби давлати мустақил шудан то ҳол мубориза бурда, ҳазорон нафарро қурбон кардаанд. Давлат ба сифати ягона қувваи ташкилкунанда, муттаҳидкунанда, батанзимдароранда, инкишоф-диҳанда ва пешбарандаи ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷомеаи миллӣ баромад мекунад. Чунки танҳо дар давлат далели идоракунӣ, роҳбарикунии тамоми соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ ба манфиати умум, пешравии миллат таҷассум ёфтааст. Дар олам дигар қуввае нест, ки ин вазифаро иҷро кунад. Давлат фундамент (зербино) аст. Дар болои ҳамин фундамент миллат месабзад. **Давлат ягона воситаи ҳифзи миллат аст.** Ва ҳар як узви миллату давлати тоҷик ин ҳақиқатро дарк карда, бо роҳи таъмини амнияти давлат худашро ҳимоя мекунад ва рушд меёбад. Фикри ҳар як миллатро худи миллат мекунад, аммо танҳо ва танҳо тавассути мавҷудияту амалкунии давлати миллии эътирофшуда. **Давлат ҳамон вақт қобилияти пешравӣ пайдо менамояд ва устуворона рушд мекунад, ки амнияти он таъмин бошад.** Агар мо тамоми назарияҳои мавҷударо дар бораи пайдоиши давлат зери таҳлили амиқ қарор диҳем, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки **маҳз зарурати таъмини амният боиси пайдо шудани давлат гаштааст. Профессор Ятимов С.С. қайд мекунанд:** “Мақсад аз ташкили давлат – муҳимтарин ниҳоди сиёсии ҷомеа, таъмини амнияти шахс ва худи ҷомеа аст” [1, 3]. Дар ҷои дигар иброз медоранд: **“Аз лиҳози сиёсӣ истилоҳи “амният” муродифи калимаи “давлат” аст ва баръакс”** [1, 6].

Дар системаи манфиатҳои миллӣ **“рушди устувор”,** яъне ривоҷу равнақ додани соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт беҳуда дар мадди аввал наомадааст. Дар воқеъ, пойсутуни

ҳамагуна ҷомеа, махсусан, ҷомеаи демократӣ базиси иқтисодӣ мебошад. Аммо рушди устувору босуботи иқтисодии ҷомеаро бе таъмини амният тасаввур кардан мумкин нест. Иқтисодиёт метавонад, асоси рушди ҷомеа гардад, агар ба шарте ки амният таъмин бошад. Таҷрибаи ҳаётӣ ҷамъиятӣ исбот менамояд, ки амалӣ гардонидани манфиатҳои бунёдӣ, яъне рушди босуботи иқтисодиёти кишвар, қонеъ гардонидани имтиёз ва талаботи ҳаррӯзаи шаҳрвандон аз сатҳи таъмини амнияти миллӣ вобаста аст. **“... бе таъмини суботу амнияти пойдор ҳеҷ тарҳи арзишӣ, бо вуҷуди муқаддасу гиромӣ буданаш, таҳаққуқ намеёбад ва ҳеҷ ҳуқуқу озодӣ бо вуҷуди заруриву ҳаётӣ буданаш, ба сурати шоиста амалӣ намегардад. ... Ҳақиқате, ки таърихи зиндаи башарӣ то имрӯз ғайри онро исбот накардааст”, -** қайд мекунад, А. Раҳнамо дар китоби “Дидгоҳи давлатмеҳвар” [ 2, 30]. Ин масъаларо Академик Ятимов С.С. боз ҳам асоснокатр менамоянд: **“... масъалаи таъмини амнияти миллӣ хусусияти сирф соҳавӣ, идорӣ надорад. Он умдатарин масъулият дар назди системаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ, динӣ ва монанди инҳо мебошад. Мафҳуми шахшудамонда, бетағйир, мавҳум нест. Чизи воқеӣ, материалии дар вақт ва фазо мавҷудбуда аст”** [1, 11]. Дар ҳошияи сухани профессор Ятимов С.С. қайд кардан мумкин аст, ки амният падидаи **объективӣ аст,** яъне новобаста аз шуури иродаи инсон, ҳамчун зарурияти иҷтимоӣ арзи вуҷуд мекунад ва **субъективӣ аст,** вақте ки одамон зарурияти онро дарк мекунанд ва мақсаднок амал карда, воситаҳои ба даст овардани онро муайян мекунанд. Бинобар ин, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти баланди ин гуфтаҳоро ҳатман бояд дарк намуда, дар таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор ва саҳмгузор бошад. **Дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:** «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст” [3].

Диду назари дурусти илмӣ ба омӯзишу ҳалли масъалаҳои амният аз мо, пеш аз ҳама донишу фаҳмишро **дар бораи мафҳуми амният** талаб мекунад. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” омадааст: “Амнияти миллӣ - ин ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои асосӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ” мебошад. Аз мафҳум бармеояд, ки амният гуфта, мо амнияти шахс, ҷомеа ва давлатро дар назар дорем. Сегонаи мафҳуми шахс, ҷомеа ва давлат мафҳуми амнияти миллиро ташкил мекунад. Вақте ки мо масъалаҳои амнияти миллиро аз нуктаи назари таъмин ё ин ки ҳифзи он дида мебароем, метавонад се савол пайдо шавад: **киро ё чиро ҳифз намуд?, аз кӣ ё аз чӣ ҳифз намуд?** ва **чӣ тавр бояд ҳифз кард?**

Киро ё чиро ҳифз намуд, сухан дар бораи объектҳои асосии амният, яъне шахс, ҷомеа ва давлат меравад.

**Аз кӣ ё аз чӣ ҳифз намуд, сухан дар бораи таҳдид ва манбаъҳои он меравад.** Аз нуктаи назари фаъолияти КДАМ ҶТ, таҳдид гуфта, манзури мо фаъолияти тахрибкоронаи душман мебошад, ки дар шаклу намудҳои гуногуни хавфнок (ҷосусӣ, тероризму экстремизм, тахрибкорӣ, тахрибкории идеологӣ ва ғайра) имрӯз зоҳир мегардад. **Манбаъҳои таҳдидро** ба ду намуд – **дохили ва беруни** ҷудо мекунем.

Ҷавобе, ки ба саволи сеюм таалluқ дорад, яъне **чӣ тавр ҳифз бояд намуд,** бо кадом тарзу усул ҳифз намуданро мефаҳмонад ва он яке аз масъалаҳои асосӣ оид ба

ҳалли вазифаҳо дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад ва мазмуну мундариҷаи асосии **фаъолияти амалии кормандони мақомоти амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистонро** ташкил медиҳад ва татбиққунии он дар амал – ҳолати муҳофизатиро барои бе хавфу хатар фаъолият кардани шахс, ҷомеа ва давлат таъмин мекунад.

Имрӯз дар адабиёти илмӣ **се дид ба фаҳмиши амният**, ё ин ки таъмини амнияти миллӣ ҷой дорад ва коршиносон **ҳифзи истиқлолият, ягонагии кишвар ва ҳимояи сохти конститутсионӣ, яъне тамоми сохтори ҷамъиятӣ – давлатиро** дар мадди аввал мегузоранд [14, 18]. Ин маънои онро дорад, ки вақте сухан дар бораи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат меравад, ҳар як узви ҷомеа, пеш аз ҳама, дар устуворгардонии истиқлолият, ҳифзи пойдории сохти конститутсионӣ, дахлнопазирии ягонагӣ ва тамомияти ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд худро масъул ва манфиатдор донад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам таъкид менамоянд, ки «ҳифзи истиқлолият, ягонагӣ ва сохти конститутсионии кишвар вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу бономус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад».

Моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», таҳти №721, аз 28.07.2011 фаъолиятеро, ки барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ равона карда шудааст, аз ҷумла амалҳое, ки ба истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷовуз мекунанд, дар қатори дигар таҳдидҳо яке аз **таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти давлатии ҶТ, ба асосҳои сохти конститутсионии** он муайян кардааст [5].

**Амният дар фаъолияти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми калидӣ ба ҳисоб меравад.** Имрӯзҳо кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи Ҷашни касбиашон – Рӯзи ташкилёбии мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар ҳама давру замон яке аз сохторҳои муҳимми давлатӣ – ин мақомоти амният мебошад, ки дар ҳифзи давлату ҷомеа аз душманони пинҳонии дохилию хориҷӣ, амалҳои террористиву экстремистӣ, ҷинояткории муташаккил, барҳам задани фаъолияти тахрибкории хадамоти ҷосусии давлатҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ нақши асосӣ мебозад. Қайд кардан лозим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳо оид ба таъмини амният ҷидду ҷаҳди тамоми мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Аммо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳо оид ба таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат нақши асосиро мебозад. Мақом ва нақши муҳимми КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Конститутсияи ҶТ асос меёбад, муқаррар намудааст. Давлат барои ҳалли вазифаҳои конституисионааш дар соҳаи таъмини амният пеш аз ҳама мақомоти амниятро таъсис додааст. **Мутобиқи муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори асосӣ дар системаи таъмини амнияти миллӣ, мақомоти таъйиноти махсуси ҷумҳуриявӣ ва субъекти асосии мубориза баранда бар зидди**

**таҳдиду хатарҳо ба амният ба ҳисоб рафта, сиёсати давлатиро дар соҳаи таъмини амният амалӣ мегардонад ва бо ин мақсад мақомоти дахлдори он бар зидди ҳамагуна фаъолияти тахрибкоронаи душман, ки ба амнияти миллӣ-давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид мекунанд, мубориза мебаранд** [6].

Дар тӯли таърихи бошараф ва пур аз фидокорию корнамоиҳо мақомоти амнияти миллӣ таҷрибаи бойи мубориза ба муқобили фаъолияти тахрибкории душманро андухта аст, ки омӯзишу донистани он барои наслҳои ҳозира низ хеле муҳим мебошад.

Ҳолоҳамкормандонимақомоти амният дар асоси принсипу меъёрҳои фидокорӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, ростгӯйӣ, ватандӯстӣ ва садоқатмандӣ ба халқу давлат аз тахти дил хизмат кардан ба Ватан тарбия меёбанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора қайд мекунанд: **“Мақомоти амният ҳамеша барои давлат ва миллат такягоҳи боэътимод ҳисоб меёбад”** шиори Сарвари аввалин Комиссияи фавқулода Ф.Э.Дзержинский: **“шахсе чекисти ҳақиқӣ шуда метавонад, ки дасти пок, хуни сард ва дили гарм дошта бошад”,** дастури фаъолияти ҳар як корманди мақомоти амнияти миллӣ мебошад [11, 6].

Қайд кардан лозим аст, ки муваффақият дар ҳалли вазифаҳо оид ба таъмини амният пеш аз ҳама, **аз дуруст муайян кардан, таҳлилу пешгӯии таҳдиду хатарҳо ва бартараф кардани** онҳо вобастагӣ дорад. Дар марҳилаи кунунӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи асосие, ки бо таъмини амнияти миллӣ алоқаманд аст, ин таҳдиди терроризму экстремизми муосир мебошад, ки тахти пӯшиши дин амал мекунад. Мубориза бар зидди терроризму экстремизми муосир имрӯз ба яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ табдил ёфтааст ва ин ҳам бесабаб нест. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки терроризм дар худ ҳамагуна шаклу намудҳои фаъолияти тахрибкоронаи қувваҳои гуногуни душманонаро муттаҳид кардааст. Мубориза бар зидди терроризм ин танҳо мубориза бар зидди ташкилотҳои террористӣ нест, ин мубориза бар зидди фаъолияти тахрибкоронаи хадамоти махсуси давлатҳои муайян мебошад, ки терроризмро ҳамчун усули мубориза барои расидан ба ҳадафҳои дурбинонаи геополитикӣ ба амал мебароранд. **«Терроризм, экстремизм, дигар намуди тахрибкорӣ ба муқобили ҳар кадом субъекти муносибати байналхалқӣ, ин давоми сиёсати хориҷии кишвари муайян бо роҳ, усул ва методҳои дигар мебошад»** [1, 10].

Дар маҷмуъ, дарки ҳамин ақидаҳо, идеяҳо-арзишҳо, таҳдидҳои дар боло қайдгашта дар сатҳи шуур ва рафтори ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати мақсаднок бурдани корҳои иттилоотӣ-идеологӣ ва дуруст ба роҳ мондани системаи таълиму тарбия **идеали «ватандӯстӣ ва шахси ватандӯст»**-ро меофарад ва ба болоравии сатҳи худогоҳию худшиносии миллӣ мусоидат мекунад. Худогоҳии миллӣ ин муносибати дарккунона ба таърих, ба имрӯзу ояндаи инкишофи ҳаёти миллӣ мебошад. Дар сохтори худогоҳии миллӣ тасаввурот дар бораи манфиатҳои миллӣ ва, пеш аз ҳама, дарки манфиатдории ҳар як аъзои миллату давлати мо дар ҳалли вазифаҳо оид ба таъмини амнияти кишвар бояд ҷой дошта бошад. Зарурияти таъмини амният ба манфиати шахс, ҷомеа ва давлат аз тарафи ҳар як корманди мақомоти КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд илман ва амалан асоснок карда шавад, то ки дар ҷараёни корҳои

тарбиявӣ-фаҳмондадиҳӣ арзиши баланди он дар ҷомеа, дар шуури ҳар як шаҳрванд ягон шубҳаро ба вуҷуд наорад, ба онҳо таъсири мусбат бахшанд ва онҳо бо ҷону дил ба манфиати таъмини амнияти миллӣ амал кунанд. Бинобар ин, донишу фаҳмиши илмӣ дар бораи **«амният»** ва масъалаҳои бо он алоқаманд яке аз шарту талаботи асосӣ дар ҷараёни ҳалли вазифаҳо оид ба таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

**Хулоса,** зери таъсири қонунҳои инкишофи ҷомеа зарурияти беист мубориза бурдан бар зидди таҳдиду хатарҳо ба амнияти миллӣ дар замони муосир аз ҷониби КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи татбиқ намудани қувваю восита, шаклу усулҳои махсуси корбарӣ бо мақсади таъмини ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба миён омадааст.

Иҷрои ин вазифа рӯз то рӯз мушкил мегардад, чунки кӯшиши рӯйпӯш кардани ҳақиқат барои ноил шудан ба ҳадафҳои ғаразноки сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра аз тарафи бозингарони асосии харитаи сиёсии ҷаҳон мушоҳида мешавад, ки ин ҳолат имрӯз дар ҷой доштани истифодаи сиёсати духура, найрангбозиҳои идеологӣ, дастгири ёфтани қувваҳои тахрибкор ва кушоду равшан истифода бурдани онҳо аз мавкеи қуввату қудрат барало зоҳир мегардад.

Имрӯз мо дар ҷаҳони мураккаб, ихтилофнок, ноборобар ва мушкилпешбинишаванда умр ба сар мебарем. Ин ҳолат, ҳар як узви бонангу бономуси миллату давлати Тоҷикистонро водор мекунад, ки зери **идея, мақсад ва амали ягона**, ки он **таъмини амнияти кишвар аст**, бояд сарҷамъ ва муттаҳид бошад.

Дар чунин шароит коркарду истифодаи методологияи таҳлили амиқи илмии масъалаҳои таъмини амният дар фаъолияти кормандони оперативии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти аввалиндараҷа дорад. **«Бе донишҳои илмӣ таъмини амнияти миллӣ ғайриимкон аст. Бе онҳо (донишҳои илмӣ) ба осони метавон мафтуну пойбанди овозаҳо, суханҳои бофта, беасос, ғаразнок, айбҷӯйии бедалели хатарнок, хурофот гашт. Аммо на ба таъмини амнияти миллӣ»** [1, 22].

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Ятимов С. С. Илм ва амният. – Душанбе: Ганҷ, 2019.
2. А. Раҳнамо. Дидгоҳи давлатмеҳвар. – Душанбе, 2021.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21-уми декабри соли 2021.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», тахти №721 аз 28. 07. 2011.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», тахти № 362, аз 20.03.2008.
7. Ятимов С. С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ, 2015.
8. Блохин Л. И. Чекистони солҳои пурошӯб. – Душанбе, 1973.
9. Блохин Л. И. На страже революции. – Душанбе, 1987.
10. Джерзинский Ф.Э. Избранные произведения. Изд. Третье. Т.1-2. – М, 1977.
12. Очерки из историии органов безопаснности РТ. – Душанбе, 2004.
13. Салимов Ш.С., Мальцев Ю.С., Назаров Н.Г. Становление и деятельность оргонов безопасности Республики Таджикистан в годы гражданской войны. – Душанбе, 2004.
14. Тузов Н. В. Взаимодействие этнического и религиозного факторов и их влияние на политическую стабильность в Российской Федерации. – М., 2006.

# ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – КАФИЛИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

# ИСТОРИЧЕСКАЯ XVI СЕССИЯ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН – ГАРАНТ УКРЕПЛЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

# THE HISTORICAL XVI TH SESSION OF THE SUPERIOR COUNCIL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IS A GUARANTOR OF STRENGTHENING THE NATIONAL STATE

**Нуров С.Р.**
**Nurov S.R.**



*Муаллими кафедраи фанҳои ҷамъиятии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, лейтенанти хурд.*

*Преподаватель кафедры общественных дисциплин Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан, соискатель кафедры историографии и архивоведения исторического факультета Таджикского национального университета Республики Таджикистан, младший лейтенант.*

*The lecturer of the department of social sciences of the Higher school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, applicant for the department of historiography and archival studies of the faculty of history of the Tajik National University of the Republic of Tajikistan, junior lieutenant.*

**Ихтисоси илмӣ:** 02.00.07 – таърихи ватанӣ.
**Научная специальность:** 02.00.07 – отечественная история.
**Scientific specialty:** 02.00.07 – the history of our country.

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур раванди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ мавриди тадқиқи илмӣ қарор гирифта, ҳамчунин дар ин замина аҳамияти таърихии он нишон дода шудааст. Дар баробари масъалаҳои дигари ин Иҷлосияи таърихӣ, интихоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Дар мақола се ҳадафи муҳимми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ, аз қабили устувор намудани пояҳои давлатдории миллӣ, ҳарчи зудтар омода намудани тарҳи музокироти сулҳ, баргардонидани фирориёни иҷборӣ ба Ватан ва татбиқи амалии ҳукумати конститутсионӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Истиқлолият, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ, Шӯрои Олӣ, Ваҳдати миллӣ, сулҳ, амният, музокироти сулҳ, ҳукумати конститутсионӣ, давлатдории миллӣ.

**Аннотация:** в данной статье исследуется ход XVI исторической Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан как гаранта укрепления основ национальной государственности, а также показывается её историческое значение в этом контексте. Наряду с другими вопросами этой исторической Сессии, рассматривались вопрос избрания Основателя национального мира и единства – Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона Председателем

Верховного Совета Республики Таджикистан. В статье также расскрыты три важные цели Основателя национального мира и единства – Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона на посту Председателя Верховного Совета – укрепление основ национальной государственности, своевременная разработка плана мирных переговоров, скорейшее возвращение беженцев на Родину и практическое осуществление конституционной власти.

**Ключевые слова:** Независимость, XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, Верховный Совет, Национальное единство, мир, безопасность, мирные переговоры, конституционная власть, национальная государственность.

**Annotation:** the article examines the course of the 16th historical Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan as a guarantor of strengthening the bases of national statehood, and also shows its historical significance in this context. Along with other issues of this historical Session, examines the issue of election of the Founder of National Peace and Unity - the Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon, as the Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. The article also considers three important goals of the Founder of National Peace and Unity - the Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon as the Chairman of the Supreme Council - strengthening the basis of national statehood, timely eace nagotiations, speedy returning of refugees to Homeland and practical realization of constitutional power.

**Key words:** Independence, XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, Supreme Council, national unity, peace, security, peace negotiations, constitutional power, national statehood.

Дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон Истиқлоли давлатӣ бузургтарин дастовардест, ки баъди пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ба даст омадааст. Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад.

Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон тайи солҳои 1992-1997 бо сабабҳо ва омилҳои маълум дар таърихи худ душвортарин давр, ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро паси сар намуд. Дар чунин марҳилаи ҳассос, ки ин миллати мутамаддинро хатари нестшавӣ, заволи давлатдорӣ ва бӯҳрони сиёсӣ фаро гирифта буд, неруҳои мухталифи сиёсӣ, роҳу равиши хатарнокро пеш гирифта, бо воситаи гирдиҳамоиҳои ғайриқонунӣ соҳибистиқлолии давлати тозабунёдро зери хавфу хатар гузоштанд. Бо таҳмили чунин мақсадҳо ва ҳадафҳои нопоки худ дасисакорони дохилию хориҷӣ, созмондиҳандагони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, душманони ашаддии миллати тоҷик ва Тоҷикистони навбунёд мехостанд, ки бо манфиатҳои геополитикии давлатҳои бегона ҳувияти миллӣ, расму русуми ориёӣ, таърих, забон ва фарҳанги миллиро аз байн бурда, ин миллати мутамаддинро пойбанди идеологияи бегона намоянд.

Моҳи майи соли 1992 зери фишори сахти бадхоҳони миллат ва давлат ҳукумати муросои миллӣ таъсис ёфт, ки мутаассифона, дар оянда аз ӯҳдаи вазифааш баромада натавониста, дар мамлакат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оғоз гардид. Дар натиҷа тамоми рукнҳои давлатдорӣ фалаҷ гардида, заруран бавуҷудоии ҳокимияти нави қонунии ҷумҳуриро ба амал овард. Чунин ҳокимият ва

рисолати таърихиро бояд Иҷлосияи Шӯрои Олӣ анҷом медод, ки барояш дар шароити ҳамонвақтаи Душанбешаҳр холисона ташкил намудани чунин ҳокимият ғайриимкон буд.

Хушбахтона, 9 ноябри соли 1992 қарори раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи 16 ноябри ҳамон сол, дар шаҳри Хуҷанд даъват намудани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ (даъвати 12-ум) қабул гардид.

Рӯзномаи Иҷлосия 23 масъала, аз ҷумла, муроҷиати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; дар бораи тартиби ба ҷойи истиқомати муқимиашон баргардонидани гурезаҳои иҷборӣ; дар бораи тасдиқи Қонун дар бораи Нишон ва Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи интихоби бомаром ва шаффофи раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар бораи авфи умумӣ; дар бораи аз муҳосираи иқтисодӣ раҳо намудани минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ; дар бораи ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳоро дарбар гирифта, аз рӯйи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд, ки асоси ташаккули давлатдории миллиро дар ояндаи наздик таъмин намуд.

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар радифи намояндагони халқ, арбобони илму фарҳанг, намояндагони ҳизбу ҳаракатҳо, низомиёни майдонҳои ҷангӣ, меҳмонон аз кишварҳои ҳамсояву ҳамҷавор ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ширкат доштанд. Дар марҳилаи аввал намояндагони халқ зарур шумориданд, ки аз тарзи идоракунии президентӣ муваққатан даст кашида, боз ба идоракунии парламентӣ гузаранд. Дар натиҷа, 19-уми ноябри соли 1992 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якдилона бо раъйи умум раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд. Вакилони парлумон, рӯшанфикрон ва ширкаткунандагони иҷлосияи таърихӣ бо ин раъй ва интихоби худ – пешбарии шахсияти арзанда ба маснади роҳбари давлат дар шахсияти Эмомалӣ Раҳмон номи Тоҷикистони азизро дар қомуси башарият бо ҳарфҳои заррин сабт намуданд. Таърих собит намуд, ки дар 30-соли охир Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан таърихӣ, сарнавиштсоз, мондагор ва нотакрор аст.

Аҳамияти таърихӣ ва тақдирсози Иҷлосияи XVI аз он иборат аст, ки шахсияти нотакрор ва арзандаро ба минбар оварда, Ҳукумати қонунии Тоҷикистонро бунёд намуд.

Ҳадафи асосии матлаби инҷонибро татбиқи **се** дастоварди муҳимму арзишманд, ки дар иҷлосияи таърихии тақдирсоз аз ҷониби раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа гардидаанд, дарбар мегирад.

1. ***Расидан ба қадри давлатдории миллӣ ва ҳарчи зудтар омода намудани тарҳи сулҳ ва нақшаи музокирот.*** Бунёд ва таҳкими давлатдории миллӣ, эҳёи дигарбораи миллати мутамаддин ва ҳарчи зудтар омода намудани тарҳи сулҳ ва нақшаи музокирот дар ояндаи наздик ҳадафи воқеии раиси тозаинтихоб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб гардида, барои зудтар татбиқ намудани он чораҳои заруру таъҷилӣ меандешид. Қобили қайд мебошад, ки масъалаи муҳим ва тақдирсози ҷомеа барои ҳар роҳбаре, ки дар шароити тоқатфарсои ҷанги шаҳрвандӣ зимоми давлатдориро ба даст мегиранд, бо роҳи мусолиҳа аз байн бурдани муноқиша ва набардҳост. Ният ва ҳадафи

сарвари тозаинтихоб суботи комил, оромии сартосарӣ ва расидан ба ваҳдат буд. Дар шароите, ки садою нолаи ҷонгудози модарон ба фалак мепечид, даъват ба сулҳ ва оромӣ намудан қаҳрамонӣ ва матонати хосаро талаб менамуд. Аввалин сухане, ки ироа шуд, ин буд: «Ман ба Шумо сулҳ меоварам». Роҳбари ҷавон ният ва иродаи худро дар интихоби роҳи ягонаи наҷот дар чунин шароити пинҳонӣ не, балки ошкоро ба сари зону нишастан назди рамзи озодии миллат – Парчами давлат бо қасами таърихӣ вазифаи муқаддаси худ эълон намуд. Қайд намудан лозим аст, ки нахустин қонунҳои қабулкардаи Иҷлосияи XVI маҳз ба масъалаи ба ваҳдати миллӣ овардани мардуми Тоҷикистон ихтисос ёфта буданд. Қонунҳо «Дар бораи гурезагон», «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон кардани 26-уми ноябри соли 1992» бо вуҷуди он, ки баъдан ба мушкилӣ мувоҷеҳ шуданд, дар асл, баёнгари сиёсати роҳбарияти нави Шӯрои Олӣ буданд, ки ба сулҳ ва расидан ба ваҳдати миллӣ бахшида шуда буданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз баъд аз 23 рӯзи интихоб шуданаш дар мурожиатномаи хеш ба мардуми шарифи Тоҷикистон гуфта буд: ***«Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони муҳтарам! Ман ба ҳар яки Шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор мурожиат карда, ба ақлу заковати Шумо, ки ворисону фарзандони баруманди миллати тоҷик ҳастед, боварӣ мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷони худро нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам»***[5, 7].

Асноди муътабари таърихӣ собит менамоянд, ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз эълони ин мурожиатнома то ба имзо расидани созишномаи сулҳ – 27-уми июни соли 1997 ҳамчун ҳомӣ ва кафили сулҳ 80 маротиба мурожиатнома, хитоба, суханрониҳои расмӣ, мусоҳибаҳо ва табрикот омода ва пахш кардааст ва дар ҳамаи онҳо бевосита аз ризоияти миллӣ, дӯстӣ ва ҳарчи зудтар расидан ба ваҳдати комил суҳбат карда, муноқиша ва ҷангро маҳкум сохта, кӯшиши муттаҳид кардани миллатро пайваста дунболагирӣ намудааст.

Аз таҳлили 8 давраи музокироти сулҳи тоҷикон, ки дар манотиқи гуногуни олам баргузор гардиданд, хулоса баровардан мумкин аст, ки маҳз нақши мондагори Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар татбиқи ин ҳадафи тақдирсоз барҷаста мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон баргузории ҳар як давраи музокиротро таъҷилан бар дӯш гирифта, раванди онро мушаххасан назорат мекард. Аксари ҳуҷҷатҳо ва суратҷаласаҳои раванди музокироти сулҳи тоҷикон дар хориҷи кишвар шаҳодат аз он медиҳанд, ки аз ҷониби Ҳукумати конститутсионӣ чӣ қадар гузаштҳо, фурӯтанӣ ва сулҳхоҳӣ сурат гирифтааст. Нахустин даври музокироти сулҳ ҳанӯз моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Москав, мулоқоти минбаъда солҳои 1995 – 1996 дар шаҳрҳои Кобулу Теҳрон, Маскаву Бишкек, Машҳад, вулусволии Тахори Афғонистон, Алмаато, Ашқобод баргузор гардиданд.

Боиси таъкид аст, ки муваффақ шудан ба ризоияти миллӣ ва сулҳу ваҳдат идомаи мантиқии сиёсати

давлату Ҳукумати Тоҷикистон ва талошҳои пайгиронаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин роҳ мебошад. Кӯшишҳои пайвастаи Сарвари давлат ва ҳамчунин, заковати мардуми бонангу соҳибтамаддунамон натиҷаҳои дилхоҳ доданд ва ниҳоят 27-уми июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.

Чуноне, ки маълум аст, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи муроҷиатҳои расмӣ, инчунин содиқ будани худро бо қасам ва ваъдаҳояш собит намуда, ҷиҳати расидан ба иҷрои амалии сулҳу субот дар шакли баргузор намудани нақшаи музокироти сулҳ бо ҳайати мухолифон талошҳои беназирро анҷом додааст. Аз таҳлили асноди музокироти сулҳи тоҷикон, ки аз 5-уми апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 баргузор гардидаанд, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар барқарорсозӣ ва баргузории чунин чорабиниҳои сиёсӣ, ки роҳандозии онҳо дар хориҷи кишвар кори осон набуд, нақши муассири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҷаста мебошад. Бахри расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, бо ташаббуси Ҳукумати Тоҷикистон, хусусан бо талошҳои пайгиронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди музокирот намояндагони СММ, САҲА, намояндагон аз кишварҳои Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Эрон, Россия, Чин, Англия иштирок доштанд. Дар музокироти давраи аввал, ки аз 5 то 19-уми апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав баргузор гардид, гуфтушуниди мушаххаси байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ ва масъалаҳои асосие, ки дар ин даври музокирот барои ҳалли онҳо мароқ зоҳир карданд пеш аз ҳама дастрасии баробар доштан ба васоити ахбори омма, хотима додан ба амалиёти ҷангӣ, андешидани тадбирҳо доир ба барқарорсозӣ ва таҳкими ҳусни тафоҳум, бозгашти бемамониат ва бехатари гурезаҳо ба Ватан буд. Дар рӯзномаи музокирот, се гуруҳи масъалаҳои муҳимме, ки онҳо ваҳдати миллиро таъмин мекарданд, дарҷ меёфт:

1) чораҳое, ки барои ҳалли сиёсии вазъияти Тоҷикистон равона карда шудаанд;

2) ҳалли масъалаҳои марбут ба гурезаҳо ва муҳоҷирини иҷборӣ;

3) масоили асосии сохтори конститутсионӣ ва муттаҳидии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Музокироти давраи аввал боис гардид, минбаъд нақшаи баргузории нишастҳо, вохӯриҳо ва гуфтушунидҳои мустақим аз тарафи ҷонибҳо ба амал бароварда шавад. Аз раванди баргузории музокироти сулҳ ва таҳлили қисматҳои он чунин натиҷагирӣ бояд кард, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷадидтарин қаҳрамон ва фарзанди сарсупурдаи халқ, миллатро аз нобудиву хатари бузург наҷот бахшид. Корномаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин аст, ки ҳарчи гуфту ваъда дод, хилоф наварзид. Комёбии аз ин бузургтар ин аст, ки бо халқ хостаи халқро, ки он сулҳу сафову оромӣ буд, амалӣ гардонидааст [4, 64].

Сулҳ, субот, оромӣ, осудагӣ ва ҳамзамон тарзи ҳаёти шоиста, рӯ ба беҳбудӣ, умеди устувор ба зиндагии имрӯз ва оянда аз орзуҳои аслӣ ва ҳамешагии инсон ба ҳисоб меравaнд [9, 99]. Аз баррасии чунин категория метавон хулоса намуд, ки маҳз Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ҳамчун роҳбари давлат интихоб гардиданаш, орзуву омол ва умеду хостаҳои халқи азизашро, ки ҳамин сулҳ, субот ва оромӣ буд, дарк намуда, таъмини оҷилии онро дар кӯтоҳтарин муддат кафолат дод ва дар амал татбиқ намуд. Чунин

даркнамоии хостаҳо, боварӣ ба ояндаи рӯшан ва ҳалли саривақтии низоъҳои таҳмилӣ аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ ба ҳамаи даврони таърихӣ хос нест. Ин раванд дар даврони соҳибистиқлолӣ амалан татбиқ гардид, ки барои давраҳои минбаъда дар шакли консепсия, модел ва ё таҷриба истифода хоҳад шуд.

***2. Ҳарчи зудтар баргардонидани фирориёни иҷборӣ ба Ватан***

Ҳар чи зудтар баргардонидани фирориёни иҷборӣ ба Ватан, ки дар Иҷлосияи таърихии тақдирсоз аз ҷониби Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироа гардидаанд, ҳадафи муҳим ва саривақтӣ дониста шуд. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар табрикоти солинавии худ санаи 31.12.1993 қайд карда буд, ки: "Масъалаи дигаре, ки моро ҳамеша ноором медорад, ин баргардонидани гурезаҳо мебошад. Мо ҳамаи чораҳоро меандешем, ки ҳамватанони бурунмарзиамон ба Ватан баргарданд". Инчунин, дар ҳамин суханронии худ Пешвои миллат таъкид карда буд, ки: "Дар анҷоми сафари сарвари Давлати Исломии Афғонистон ҷаноби Раббонӣ ба ҷумҳурии мо дар қатори дигар масъалаҳои муҳим оид ба тақдири гурезагон бо якҷоягии намояндаи Комиссариати олии СММ аҳднома имзо кардем" [10, 274]. Чунки дар баробари таъмини сулҳу субот сартосарӣ, масъалаи дигари нигаронкунанда дар назди Раиси тозаинтихоб ҷустани роҳҳои таъҷилии баргардонидани фирориёни иҷборӣ ба Ватан буд. Сарвари давлат на танҳо дар суханрониҳои расмӣ, балки ҳатто дар табрикотҳояш худро ором тасаввур накарда, фикри баргардонидани гурезаҳоро намуда, мисли як фидоии Ватан ваҳдат ва суботи кишварро вазифаи асоситарини худ медонист. Аз раванди суханрониҳои Пешвои миллат дар марҳилаи музокироти сулҳи тоҷикон бармеояд, ки ягон гузориши расмӣ, табрикот ва суҳбатҳову вохӯрҳои ӯ бе ба миён овардани масъалаи фирориён ва ба Ватан баргардонидани онҳо сурат нагирифтааст. Асноди музокироти сулҳи тоҷикон низ собит менамояд, ки масъалаи фирориён ва ба Ватан баргардонидани онҳо қисми таркибии рӯзномаи ҷаласаҳои музокирот махсуб меёфт.

Бо дарназардошти ҳамин асос, гуфтушуниди сиёсӣ мароми нахустини Сарвари давлат қарор гирифта буд. Сарвари давлат ҳамчун кафили амнияту осоиши сарзамин кулли ҳамватанони муҳоҷирони иҷбориро ба ҷойҳои муқимии зист даъват кард. Солҳои 1993-1994 аксарияти фирориён ба Ватан баргашта, баҳри ободии кишвар ба раванди бунёдкорию созандагӣ қадамҳои устувор ниҳоданд.

3. ***Татбиқи амалии ҳукумати конститутсионӣ.***

Татбиқи амалии ҳукумати конститутсионӣ, бунёди давлатдории миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи таъриху тамаддуни миллат ҳадафи сеюми раиси Шӯрои Олӣ дар раванди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ махсуб меёфт. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими ҳокимияти давлатӣ, таъмини самти ҷараёни инкишофи ҷомеа дар солҳои минбаъда ва пайгирӣ намудан аз принсипҳои талаботи бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду ягона асос ва заминаи воқеӣ ба вуҷуд овард. Таърихи ба ҳаёти конститутсионӣ ворид гаштани ҷомеа таҷрибаи чандҳазорсола дошта бошад ҳам, вале он ба тарзи ғайричашмдошт арзи ҳастӣ накардааст. Он натиҷаи рушди шахс, ҷомеа ва аз як давра ба давраи дигари таърихӣ ҳаракат кардани инсон аст [9, 97]. Аз

чунин натиҷагирӣ бармеоянд, ки марҳилаи ҷадиди гузариш ба ҳаёти конститутсионӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол давраи мушкил, вале ниҳоят тақдирсоз ва бобарор аст. Чунки дар ин марҳила маҳз инсони дорои қобилият, ҳувият ва ҳуқуқ ташаккул ёфтааст, ки ин ҳам аз саодати истиқлол ва муҳити солиму созанда сарчашма гирифтааст.

Ҳамфикрӣ, дӯстиву ҳамдигарфаҳмиро ба вуҷуд оварда, пояи асосии давлати миллӣ ба шумор меравад. Ба вуҷуд овардани чунин ҷараён кори саҳл набуда, он муҳаббати саршори халқ нисбат ба роҳнамову пешвои оқил аст [4, 9].

Аз таҳлил ва баррасии рисолати таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар таҳкими давлатдории миллӣ, метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки бо талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, умедвориҳои халқу миллатҳои сокини Тоҷикистон дар панҷсолаи нахустини марҳилаи соҳибистиқлолӣ бо муваффақият амалӣ гардида, ақли солиму хиради дурбин пирӯз шуд. Таҷриба ва амалияи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва сулҳи тоҷикон бо аҳаммияти миллӣ ва ҷаҳонии худ дар ҷодаи ба маҳалли муқимии зист баргардонидани беш аз 1 миллион фирориёни иҷборӣ ва ташкили ҳамгироиҳои иҷтимоии онҳо аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо воқеъбинона ба сифати намунаи нодиртарини сулҳофарӣ дар таърихи башарият эътироф ва арзёбӣ гардидаст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсиятест, ки халқи беш аз ҳазор сол аз саҳнаи сиёсат ва давлатдорӣ дур афтодаро аз сари нав ҳамчун миллати соҳибдавлат ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид карда, халқи гирифтори гирдоби нобудиро наҷот додааст. Инъикоси симои инсоне, ки миллатро дар кӯтоҳтарин замон, аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ раҳонидааст, тасвири корнамоии фарзанди фарзонаи миллат, ки ҷон дар кафи даст душманонро ба оғӯш кашида, ҷинояткоронро авф намуда. Гурезаҳоро ба Ватан баргардонида, ба миллати мотамзада ваҳдат, субот, амният оварда, ҳама дороӣ, қудрат ва сиёсатро дар хизмати халқ вогузор намуда, умри ҷавони хешро фидои миллат намудааст, аз муҳаққиқ масъулияти баланд ва маҳорати бузургро талаб менамояд [10, 8].

Маҳз ҳамин сифатҳои шоиста, иродаи қавӣ ва масъулияти бузург дар назди халқу Ватан, рамзи кишвардории халқҳои мутамаддин аст, ки бо фарҳанги идорӣ, низоми давлатдории миллӣ ва андешаҳои созанда дар сафи пеши тамаддуни муосир қарор гирифтаанд.

Дар симои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таърих бори дигар собит сохт, ки наҷоти ҳар як миллат дар лаҳзаи ҳассосу фоҷиабор бо зуҳури шахсияти бузург миллӣ вобастагии зич дорад. Зеро маҳз шахсиятҳои бузург қодиранд инсонҳоро дар ҳалли масъалаҳои печидаву мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ роҳнамоӣ карда, дар қалбу дидаи мардум шуълаи умедро ба оянда дурахшон барафрӯзанд. Ва чунин шахсияти шуҷоъ ва қавиирода барои миллати бостониву бофарҳанг, аммо дар ибтидои солҳои 90-уми қарни сипаригашта бо дасисаи душманони дохиливу хориҷӣ азияткашидаи тоҷик, маҳз дар симои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зуҳур намуд. Падид омадани шахсияти барҷаставу нотакрор бахти тоҷикон буд, зеро миллатро сарҷамъ намуд ва ба кишвар Истиқлоли воқеӣ овард.

Бузургтарин дастоварди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сиёсати сулҳофарин бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ нашинондааст. Ҳар гоҳе сухан аз боби замина ва омилҳои сулҳи сарнавиштсоз меравад, андешаҳо гуногун мешаванд ва ҳар касе кӯшиш мекунад, ки воқеияту ҳақиқатеро ошкор ё баён намояд. Вале воқеият ин аст, ки омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дустнавози азалии ин мардум вобаста аст. Боиси ифтихор аст, ки фарҳанги сулҳи тоҷикон барои аҳли башар намунаи ибрат гардид ва аз ҷониби Созмони Милдали Муттаҳид ҳамчун таҷрибаи нодир пазирой шуд. Таърихи тамаддун ёд надорад, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар чунин муҳлати кӯтоҳ қатъ гардида, ҷонибҳои даргир ба ҳам дасти дӯстӣ дода, фаъолияти солими дастгоҳи давлати хешро ба манзури ободии кишвар равон намоянд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Абдуфаттоҳ Ш., Самариддин А. Эмомалӣ Раҳмон ва соли ҷавонон. –Душанбе, 2020. – 310 с.

2. А. Шарипов, С. Шамсиддинов. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ. – Душанбе, 2007. – 74 с.

3. Воҳид Ғаффурӣ. Президент Эмомалӣ Раҳмонов ва густариши худшиносии миллӣ. – Душанбе: Сомонӣ; 2002.– С.88.

4. Қурбон Восеъ. Абармарди дунёи сиёсат. – Душанбе, 2001. – 364 с.

5.Раҳмон Озода Эмомалӣ, Асадуло Р., Фарҳод Р. Пешвои муаззами миллат. – Д., 2019. – 384 с.

6. Неъматов М., Муродов Н. Э.Раҳмонов. Ҷавонон – созандагони фардои ҷомеа. – Деваштич, 2008. – 220 с.

7. Салимов Н., Шарифзода А. Тоҷики оламшумул. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

8. Сафарзода Х.А. Эмомали Раҳмон. – Душанбе, 2018.

9. Фаттоев С. , Э. Раҳмонов. Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкорӣ мароми мост. – Душанбе, 2000. – 160 с.

10. Ҷамшед М., Ҳокимҷон Х. Пешвои миллат. – Душанбе, 2016. – 253 с.

11.Э.Раҳмонов., Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. Душанбе, Ирфон, 2002. – 274 с.

# ТАЪСИРИ ФАЗОИ МАҶОЗӢ БА ҶАВОНОН ДАР МАТНИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

# ВЛИЯНИЕ ВИРТУАЛЬНОГО ПРОСТРАНСТВА НА МОЛОДЁЖЬ В КОНТЕКСТЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

# THE IMPACT OF VIRTUAL SPACE ON YOURTH IN RELATION TO NATIONAL SECURUTY

**Ахмедов П.У.**
**Akhmedov P.U.**



*Сардори шуъбаи таълими Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник*

*Начальник учебного отдела Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан, полковник.*

*Head of the Educational department of f the Higher School of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, colonel.*

**Аннотатсия.** Дар мақола масъалаи таъсири фазои маҷозӣ ба шуур ва тарзи ҳаёти ҷавонони муосир баррасӣ шудааст. Аҳамияти назариявии мақоларо дар тавсифи равишҳои дарки моҳият, хусусиятҳои инкишоф ва зуҳуроти фарҳанги электронӣ, дараҷаи таъсири он ба шуури ҷавонон ва дар ин замина, коста гардонидани на танҳо саломатӣ ва психикаи инсон, балки ба ноустувор гардонидани худшиносии миллӣ ва меҳанпарастию ватандӯстӣ низ оварда мерасонад, мушоҳида кардан мумкин аст. Фазои маҷозӣ воқеиятест, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ, бо вуҷуди гуногунии шаклҳои муошврати корбарон, тавассути Интернет сохта шудааст. Он бо амалияҳои иттилоотию иртиботӣ ва мундариҷаи фароғатӣ муайян карда мешавад ва яке аз муҳимтарин унсурҳои фарҳанги нави иттилоотӣ мебошад. Ҷанбаҳои мусбат ва манфии муносибатҳои интернетӣ, ки вазъи саломатӣ, хусусиятҳои психологии инкишофи шахсияти ҷавононро тавсиф мекунанд, муайян карда шудааст, ки бевосита ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ низ тааллуқ доранд.

**Калидвожаҳо:** фазои маҷозӣ, Интернет, ҷавонон, арзишҳо, фарҳанги электронӣ, ҳамкории интернетӣ, гедонизми рақамӣ, вобастагӣ аз интернет, амнияти миллӣ, амнияти иттилоолтӣ.

**Аннотация.** В статье рассматривается проблема влияния виртуального пространства на сознание и образ жизни современной молодёжи. Теоретическая значимость работы прослеживается в описании подходов к пониманию сущности, особенностей развития и проявления электронной зависимости, степени её воздействия на сознание молодых людей, и в этом контексте, на ухудшение не только здоровья и психики человека, но и дестабилизацию национального самосознания и патриотизма. Виртуальное пространство представляет собой сконструированную с помощью информационных технологий "реальность", обусловленную разнообразием форм взаимодействия пользователей посредством интернета. Оно определяется посредством информационно-коммуникационной практики и развлекательным содержанием, являясь одним из важнейших элементов новой информационной культуры. Определены положительные и отрицательные стороны интернет-отношений, характеризующие состояние здоровья, психологические особенности развития личности молодежи,

которые имеют непосредственное отношение к вопросам обеспечения национальной безопасности.

**Ключевые слова:** виртуальное пространство, интернет, молодёжь, ценности, электронная зависимость, интернет-сотрудничество, цифровой гедонизм, зависимость от интернета, национальная безопасность, информационная безопастность.

**Annotation.** The article deals with the problem of the influence of virtual space on the consciousness and lifestyle of modern youth. The theoretical significance of the work can be traced in the description of approaches to understanding the essence, development and manifestation of electronic culture, the degree of its impact on the minds of young people, and in this context, the deterioration of not only the health and psyche of a person, but also the destabilization of national identity and patriotism. Virtual space is a reality constructed with the help of information technology, due to the variety of forms of user interactions via the Internet. It is defined through information and communication practices and entertainment content and is one of the most important elements of the new information culture. The positive and negative aspects of Internet relations are determined, which characterize the state of health, psychological characteristics of the development of the personality of young people, which are directly related to the issues of ensuring national security.

**Key words:** virtual space, Internet, youth, values, e-culture, Internet cooperation, digital hedonism, Internet addiction, national security, information security.

Солҳои охир рушди фаъоли иттилоот ва коммуникатсия, технологияҳои электронӣ, рақамӣ ва шабакавӣ ба чашм мерасад. Онҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ворид шуда, на танҳо усулҳои муошират, балки самтҳои арзишӣ, амалияи рафтори инсониро ба таври куллӣ тағйир медиҳанд, ба шуури ҷамъиятӣ ба таври махсус таъсир мерасонанд.

Фазои маҷозии Интернет, ки асосан бо таҷрибаи гуногуни иттилоотию иртиботӣ ва мундариҷаи фароғатӣ муаррифӣ шудааст, яке аз муҳимтарин унсурҳои фарҳанги нави иттилоотӣ мебошад, ки дар даҳсолаҳои охир босуръат рушд мекунад. Интернет, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ ба як омили муҳимме табдил ёфта, таъсирнокиаш дар байни ҷавонон баъзе мавридҳо бештар аз ниҳодҳое, ба монанди оила, маориф ва давлат гардидааст [6, 85]. Ба ин маънӣ, ҳамгироии амиқи насли наврас ба фазои маҷозӣ метавонад бо ҷустуҷӯйи ҷойгоҳи худ дар зиндагӣ алоқаманд гардида, аксар вақт он эскапизм ё ба истилоҳ «паноҳгоҳи иҷтимоии» ҷавонон арзёбӣ мешавад.

Дар доираи тадқиқот зарурати омӯзиши хусусиятҳои таъсири фазои маҷозии Интернет ба насли ҷавони муосир, арзёбии оқибатҳои эҳтимолии мусбат ва манфии ин раванд ба миён омадааст, ки ҷанбаҳои манфии он метавонад ба худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ низ таъсир расонад. Бо ин мақсад бояд ба сарчашмаҳои таҳлили масъалаи ҳалталаби таъсири мутақобилаи инсон ва технологияи иттилоотӣ ру овард. Фазои маҷозӣ як навъ воқеият аст, ки бо ҷанбаи маънавии фард робитаи зич дорад. Ин фазои ба худ хос, яъне як ҷаҳони алоҳидаи дорои забони худ, шаклҳои гуногуни муошират корбарон мебошад, ки берун аз замону макон вуҷуд дошта, бо марзҳои ҷуғрофӣ маҳдуд намешавад. Дар ҷомеашиносии Амрико онро марҳилаи охирини рушди фазои иҷтимоӣ маънидод мекунанд, ки

хусусияти иҷтимоию сиёсии худро гум карда, ба фароғат, бозиҳо, муоширати ғайримуқарраррӣ табдил меёбад ва ҳамин тариқ, ба виртуалӣ ё маҷозӣ мегузарад [3, 40]. Ба ин маъно, Интернет на танҳо ҷузъи ҷудонашавандаи он аст, балки бидуни он фазои маҷозӣ вуҷуд надорад. Шабака ҳамчун системае амал мекунад, ки дар асоси он фазои маҷозӣ ташаккул ёфта, ба таври динамикӣ инкишоф меёбад.

Дар ин маврид фазои маҷозии Интернет ҳамчун унсури муҳимми фарҳанги электронӣ фаҳмида мешавад. Ин як соҳаи фаъолияти инсон аст, ки бо пайдоиши объектҳо ва падидаҳои рақамӣ, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ сохта шудаанд, алоқаманд аст [1,85]. Коршиносон чанд нуктаи назарро барои дарки моҳият, хусусиятҳои рушд ва зуҳури фарҳанги электронӣ, дараҷаи таъсири он ба шуури ҷавонон муайян кардаанд.

Аз нигоҳи **равиши фарҳангию бойгонӣ** фазои маҷозии фарҳанги электронии муосир як навъ идомаи фарҳанги анъанавии ғайриэлектронӣ хизмат мекунад. Тарафдорони ин нуқтаи назар ба чунин вазифаҳои воситаҳои иттилоотию иртиботӣ, ба монанди нусхабардорӣ, нигоҳдорӣ ва интиқоли маълумот дар бораи осори фарҳангӣ диққати махсус медиҳанд. Ба ибораи дигар, мероси фарҳангӣ ба мисли дастовардҳои фарҳанги оммавӣ метавонад дар шакли рақамӣ интиқол ва нигоҳ дошта шавад. Дар доираи ин назария имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун роҳи ҳифз ва оммавӣ гардонидани фарҳанги анъанавӣ қабул карда мешаванд. Дар ин ҳолат, дастрасӣ ва дарки намунаҳои мероси фарҳангӣ меафзояд. Дар ин ҷо вазифаҳои иҷтимоию тарбиявии фарҳанги электронӣ зоҳир гардида, барои ҷавонон ба дастовардҳои баланди башарият ҳамроҳ шудан имконият фароҳам мешавад [9, 198].

Аз нуқтаи **назари равиши ВАО-лингвистӣ**, фарҳанги бар матн, калом асосёфта, ҷойи худро ба фарҳанги электронӣ, визуалии ВАО медиҳад. Аз ин назария бармеояд, ки фазои маҷозӣ ҳамчун як имконияти муоширати доимӣ, тавлиди ҷараёни иттилоот, ки аксаран зиддиятнок ва беэътимод аст, фаҳмида мешавад ва қодир аст ба тафаккури ҷавонон ба таври ғайричашмдошт таъсир расонад [10, 111].

Тарафдорони **равиши экзистенсиалӣ-аксиологӣ** (усули экзистенсиалӣ-аксиологии тадқиқот дар ин маврид дар дарки ҳамаи намудҳои арзишҳо ҳамчун арзишҳои ҳастии фард ва динамикаи он ифода меёбад, ки идомаи он воқеияти таърихӣ мебошад. Арзишҳо ҳамчун омиле ҳисобида мешаванд, ки ҳама намудҳои дигари фаъолиятро барои ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоӣ роҳнамоӣ мекунанд. Фазои маҷозӣ ва ҳамзамон, фарҳанги электрониро дар маҷмуъ, ҳамчун шакли мавҷудияти рақамии фард шарҳ медиҳанд. Он ҳамчун роҳи рафъи маҳдудиятҳои мавҷудияти инсон амал мекунад. Инсон ба фазои маҷозӣ ворид шуда, шаклҳои нави озодӣ, ҳисси беохирии мавҷудиятро пайдо мекунад; визуализатсияи тасвирҳо, графикаи компютерӣ, аниматсия ва дигар имкониятҳои технологияҳои интернетӣ ба ҳиссиёт барҷастагӣ ва таъсир мебахшанд [1, 93]. Ҳамзамон, «ҳаёти рақамии» фард метавонад ҳамчун омили халалдор кардани муносибати ӯ бо ҷаҳони беруна хизмат кунад, ки дар ҷудоихоҳӣ аз ҷомеа, шабоҳат додани худ бо қаҳрамонҳои ҷаҳони маҷозӣ, қаҳрамонҳои бозиҳои компютерӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра зоҳир мешавад.

Назарияҳои интихобшуда ҳамчун дараҷабандӣ дар фаҳмиши фазои маҷозӣ ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин, назарияи фарҳангӣ-бойгонӣ маҳдуд

аст, зеро онро ҳамчун маҷмуи имкониятҳои техникии интиқоли осори фарҳанги суннатӣ пешниҳод менамоянд. Тарафдорони равиши ВАО-лингвистӣ фазои маҷозиро то андозае васеътар дарк намуда, ба вазифаҳои иртиботӣ ва иттилоотӣ диққати махсус медиҳанд. Фазои маҷозӣ аз мавқеи назарияи экзистенсиалӣ-аксиологӣ амиқтар шарҳ дода мешавад, ки онро ҳамчун роҳи мавҷудияти рақамии рӯҳии инсони муосир тавсиф мекунад.

Дар раванди омӯзиши фазои маҷозӣ ва муайяннамоии таъсироти он ба амнияти миллӣ, масъалаи ҳимоя намудан аз хатарҳои имконпазири шабакаҳои иҷтимоӣ барои давлат хеле муҳим аст. Дар баробари ин, таҷрибаи муосири истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, муошироти интернетӣ байни ҷавонон паҳлӯҳои мусбат ва манфӣ дорад, ки ҳам ба ҳолати ҷисмонӣ ва ҳам ба хусусиятҳои равонии ташаккули шахсият таъсир мерасонанд. Омилҳои мусбати истифодаи интернет, ки амалӣ шудани ниёзҳои иҷтимоии ҷавононро таъмин мекунанд, имконоти зерини фазои маҷозиро дар бар мегиранд:

1. Ҳар як инсон имкон дорад, ки ба воситаи фазои маҷозӣ ба ҳар гӯшаи олам иртибот ва муошират барқарор намояд. Муошırате, ки аз таъмини алоқаи хешутаборӣ, дӯстона, корӣ иборат аст, новобаста аз вақт ва омилҳои ҷуғрофӣ, тавассути технологияҳои интернетӣ амалӣ карда мешавад. Ин вазифаи муҳимми фазои маҷозӣ ҳамчун роҳи дар муддати кӯтоҳтарин таъсис додани робитаҳои зиёди байнишахсӣ мебошад, ки аксар вақт дар доираҳои маҷозии ҷавонон дида мешавад.

2. Маърифатӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯйи иттилооти нав, асосан бо мақсади таълимӣ, гирифтани хулосаи коршиносӣ оид ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ.

3. Эҷодкорӣ, ки боиси рушди худшиносӣ, худомӯзӣ, зарурати эҷоди арзишҳои нави маънавию моддии ҷавонон мегардад.

4. Иҷтимоӣ, ки бо дурнамои шиносоиҳои нав, ҳамкорӣ, шарикӣ, ҷустуҷӯйи одамони ҳамфикр, ба роҳ мондани муносибатҳои иҷтимоӣ дар байни ҷавонон алоқаманд аст.

5. Вақтхушӣ, аз ҷумла машғулиятҳои фароғатӣ, бозиҳо ва маҳфилҳои гуногун [11].

Фазои маҷозӣ дар баробари имкон ва қудрати худ дар шароити муосир барои давлатҳо ҳамчун таҳдид ва ҳуҷум низ баромад мекунад. Оқибатҳои манфии истифодаи фазои маҷозӣ инҳоянд:

1. Иваз кардани муошırати воқеии байнишахсӣ дар муҳити ҷавонон бо шаклҳои сунъии муоширати иҷтимоӣ, ки тавассути Интернет сурат мегирад.

2. Таъсири манфӣ ба низоми арзишҳои насли ҷавон, ки дар фазои маҷозӣ бо кумаки заминаи иттилоотии васоити ахбори омма эҷод шудааст. Аз ин лиҳоз, рушди тафаккури интиқодӣ дар байни ҷавонон, маҳорати таҳлил ва интихоб кардани иттилооти воқеан муфиду пурмазмун аҳамияти хосса дорад.

3. Ташаккули вобастагӣ аз Интернет асосан дар байни ҷавонон ҳамчун майл ё хоҳиши ҳарчи бештар дар фазои маҷозӣ гузаронидани вақти худ. Ин шакли вобастагӣ метавонад дар пайвастагии равонӣ ба бозиҳо ва муошırати онлайн, ба хариди онлайн, пайгирии шумораи муштариён дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра зоҳир шавад [2]. Маҳз бо ин хусусияти таъсирнокии манфиаш вобастагӣ аз Интернет шахсро аз муҳити оила, таъсири волидайн, аз таҳсилоти зинаҳои гуногун, пеш аз ҳама таҳсилоти миёна дур менамояд, ки бо ин роҳ раванди тарбия ва ташаккули шахси баркамоли ба ҷомеа манфиатовар коста мегардад.

4. Пайдоиши ба истилоҳ

гедонизми (ишратпарастии) рақамӣ, ки на танҳо аз хоҳиши ҷавонон ба гирифтани ҳаловат тавассути муҳити виртуалӣ вобастагӣ дорад, балки ба ташаккули чунин ҷаҳонбинӣ, ки дар он таваҷҷуҳ ба ҳаёти воқеӣ, шавқу ҳавас ба кори пурмазмун гум мешавад. Яъне, ба ҷойи ҷаҳонбинии анъанавии мо, ки бо арзишҳои миллию маънавии таърихии халқи мо алоқаманд аст, ҷаҳонбиние ба вуҷуд меояд, ки ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳифзи сохти конститутсионӣ, истиқлолият, тамомияти арзии Тоҷикистон, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ба даст овардани созгории миллӣ, демократизатсияи минбаъда ва рушди устувори ҷомеаи тоҷикон, солимгардонии маънавию ахлоқӣ, истифодаи қонун ва нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, боло бурдани сифат ва сатҳи зиндагӣ, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳниро мухолифат менамояд. Ниҳоят, дар натиҷаи канораҷӯӣ ва дур шудани шахс аз таъсири идеологияи миллию давлатӣ, фазои холигии дар шуури ӯ бавуҷудомада, тавассути Интернет аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор бо ҳар гуна идеяҳои зараровар аз ҷумла, тундраву ифротӣ пурра гардонида мешавад.

Сарфи назар аз чораҳои пешгирикунандаи мақомоти дахлдори давлатӣ дар ин самт, вобаста ба таваҷҷуҳи қишри ҷавон ба шабакаи ҷаҳонии Интернет, фазои маҷозӣ барои парвариши ифротгароӣ, дар маҷмӯъ дорои иқтидори бузурге боқӣ мемонад. Аз ҳама муҳим, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ, ба ин васила ҷалби қишрҳои муайян ба сафҳои худ боис гардидааст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ барои баъзе давлатҳо ҳамчун таҳдид эътироф карда шаванд. Гузашта аз ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ омили асосии пайвастани гурӯҳҳои гуногун, хусусан, ҷавонон ба сафи ташкилотҳои террористиву экстремистӣ гардидаанд.

Ин як хусусияти хоси ҷавонон ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ мебошад, ки асири ҷустуҷӯйи маънои ҳаёт ва зиддиятҳо буда, аксар вақт ба гедонизми рақамӣ меафтанд, ки канорагирӣ аз ҳама гуна кӯшишҳо, ҳатто мавҷудияти руҳӣ ҳамчун ҳадафи инсониро ифода мекунад. Хоҳиши ҳузуру ҳаловати беканор, ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ – як хусусияти барҷастаи фалсафаи гедонизми рақамӣ мебошад [7, 46]. Дар навбати худ, густариши таҷрибаи маҷозӣ ба он мусоидат мекунад, ки хоҳишҳо ва орзуҳо метавонанд бо ёрии навовариҳои муосири технологӣ фавран қонеъ карда шаванд. Аслашро гирем, гедонизм ҳамчун идеология маънои мавҷудияти муҳити виртуалиро муайян мекунад, зеро барои насли наврас Интернет, пеш аз ҳама, ҳамчун фазои фароғатӣ ва сипас, ҳамчун манбаи иттилоотӣ ва таълимӣ хизмат мекунад [6, 88].

Бахусус, дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо барои давлатҳое, ки сутуни амнияти миллии онҳо фарҳангу одат ва арзишҳои ахлоқии миллӣ мебошад, шабакаҳои иҷтимоӣ омиле мегарданд, ки ба ин арзишҳо ҳар гуна таҳдидҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меоранд.

**Ҳамин тариқ**, таҳлили маълумоти оморӣ ва сотсиологӣ ҷараёни афзоиши ҷалби ҷавонон ба фазои маҷозии Интернет ва таъсири манфии онро нишон хоҳад дод. Қариб ҳамаи ҷавонони мо аз шабакаи ҷаҳонии Интернет ба ин ё он роҳ истифода мебаранд, ки дар ҷараёни ба муҳити иҷтимоӣ воридшавии насли наврас асар

мегузорад. Майли зиёд ба фазои маҷозӣ на танҳо тарзи муқаррарии зиндагӣ, балки мароми ҷаҳонбинии шахсро тағйир дода, системаи арзишҳои инсониро дигаргун месозад [2, 46].

Сабабҳои ҳамгироии ҷавонон ба фазои маҷозӣ ба эҳтимоли зиёд дар омилҳои зерин аст:

– мавқеи хосси ҷавонон дар байни дигар гурӯҳҳои иҷтимоию демографӣ, ки дар ҷустуҷӯйи зиддиятнокии худ, хоҳиши ба даст овардани мустақилият аз калонсолон иборат аст. То як андоза насли наврас барандаи навовариҳост, ки асосан дар фазои маҷозӣ амалӣ мегардад [4, 197];

– на ҳама вақт дастрас будани иттилоот аз манбаъҳои расмӣ оид ба масъалаҳои ҳалталаби рӯз, руйдоду хабарҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ. Дар ин мавриид технологияи интернетӣ метавонад, воситаи қудрат ва неру дар расондани таъсир ва нооро сохтани вазъият нақш бозад. Ҳодисаҳои бо ном «Инқилобҳои ранга» далели гуфтаҳост, ки давлатҳо ва созмонҳои муайян интернетро ҳамчун қудрат барои нооро сохтани вазъи сиёсии давлат ва амалигардонии манфиатҳои геостратегиву геополитикии худ истифода намудаанд. Дар китоби «Илм ва амният» узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор С.Ятимов ҷиҳати таъсирбахшии иттилоот қайд мекунад: «Дар тамоми соҳа информатсия ҷузъи ҳаётан муҳимми фаъолият ба ҳисоб меравад. Ҳарф сари маълумоти ба талаботи иҷтимоӣ посухгӯянда аст. Ҳангоми истифодаи истилоҳи «информатсия» («маълумот», на «хабар»), маҳз ҳамин талабот ба инобат гирифта мешавад» [8, 18];

– дар амал пурра татбиқ нагардидани тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявии стратегия ва барномаҳои давлатӣ вобаста ба сиёсати давлатии ҷавонон. Ба андешаи муҳаққиқон, дар қатори тадбирҳои амалии зарурӣ барои татбиқи сиёсати самараноки ҷавонон таҳияи заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст. Бо дарназардошти он, ки имрӯз дилхоҳ камбудӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон аз ҷониби давлатҳои муайян ва созмонҳои алоҳида бо мақсади ғаразнок истифода мегардад, стратегияи дарозмуддати фаъолият дар ҳама сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ бояд боз ҳам такмил дода шуда, тадбирҳои татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи истифодаи пурсамари **неруи** зеҳнӣ ва маънавии ҷавононро, ки ба манфиати ҷамъият равона мешавад, фаро гирад. Барои бомуваффақият анҷом додани лоиҳаҳо ва чорабиниҳои дахлдори сатҳи маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар муддати кӯтоҳ муайян кардани ҳадафҳои дақиқ ва гузоштани ҳадафҳои стратегӣ зарур аст. Вобаста ба ин, ҳалли масъалаҳои сиёсати дуруст андешидашуда нисбат ба ҷавонон, рушди инфрасохтор барои ҳалли он, омода намудани захираҳои кадрии соҳа низ муҳим аст [5.48].

Хулоса, амнияти иттилоотӣ ва таъмини он тайи солҳои охир дар зери таъсири рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ қарор гирифта, як қатор масъалаҳои дигарро ба вуҷуд овардааст, ки омӯзиши онҳо низ дар шароити муосир аҳамияти зиёд дорад. Чунончи, геополитикаи иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, муборизаҳои иттилоотӣ, аслиҳаи иттилоотӣ, терроризми иттилоотӣ (кибертерроризм) ва ғ. ба масъалаҳои нави соҳаи амнияти иттилоотӣ ба тозагӣ шомил гардидаанд.

Аз ин рӯ, масъалаи ҳимоя намудан аз хатарҳои имконпазири шабакаҳои иҷтимоӣ бояд дар асоси таҳлили имкон, қудрат, таҳдид ва

ҳуҷуми фазои маҷозӣ сурат гирад. Дар раванди рушди фазои маҷозӣ ба хотири таъмини субот дар ҷомеа, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, густариши ахлоқи миллӣ ва рушди устувори давлат, дар Стратегияҳои давлатии Ҷумҳури Тоҷикистон тадбирҳо дар самти назорати истифодаи фазои маҷозӣ андешида шаванд. Махсусан:

1. Бо меъёрҳои мувофиқ назорат намудани фазои маҷозӣ. Барои дарки равандҳои иттилоотӣ ва рушди технологияҳои коммуникатсионӣ дар ҷомеа ва таъсири онҳо ба насли наврас таҳлили маълумоти оморӣ оид ба истифодаи Интернет дар синни 15-30 сола зарур аст. Дар ин ҷода ба нуқтаҳои зерин бояд диққати махсус додан даркор:

– шумораи оилаҳое, ки ба Интернет дастрасӣ доранд (омори як чанд соли охир аз рӯйи IP-суроға, бо назардошти тамоюли афзоиш ё кам шудани шумораи корбарони шабакаи ҷаҳонии Интернет вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ [12].

– ба Интернет фарогирии ҷавонони гурӯҳи синну соли 15-30 сола, ҷараёни афзоиши шумораи истифодабарандагони Интернет дар се соли охир [12].

– ба таври сотсиологӣ (назарсанҷӣ) омӯзиши мушкилоти ҷавонон (духтарон ва писарон дар алоҳидагӣ) вобаста ба муносибати онҳо ба шабакаҳои иҷтимоӣ (Интернетро нисбат ба ҳаёти муқаррарӣ авлотар медонанд, метарсанд, ки муддати тӯлонӣ бе шабакаҳои иҷтимоӣ бимонанд, ҳамчун манбаи асосии хабар захираҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ё телевизионро меҳисобанд [13].

2. Ташкил намудани семинарҳои омӯзишӣ бо ҷалби мутахассисон (равоншиносон) дар самти истифодаи оқилонаи фазои маҷозӣ, таъсири он ба вазъи саломатӣ, ҳолати рӯҳӣ-равонӣ.

3. Сари вақт ва ба таври мушаххас ва огоҳона аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ посух гардондан ба ғояҳои ифротие, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегарданд.

4. Қатъ намудани сомонаҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ ва сомонаҳое, ки таҳдид ба арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳанги миллии мо доранд, ба таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат зараровар мебошанд.

Татбиқи ин тадбирҳо барои худташкил ва худшиносии ҷавонон шароити устувор фароҳам меорад. Шояд дар ин сурат таъсири манфии фазои маҷозӣ ва муоширати Интернет ба насли наврас хеле кам шавад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Баева Л.В. Развитие системы электронной культуры и дифференциация современного социогуманитарного знания // Философские науки, 2018. № 6. – С. 83-99.
2. Ишмуратова Д.Ф. Развитие человеческого капитала в условиях формирования цифровой среды // Национальная безопасность, 2019. № 6. – С. 44-49.
3. Касьянов В.В. Виртуальное пространство как новый – «старый» социокультурный феномен // Учёные записки Крымского федерального университета им. В.И. Вернадского. Социология. Педагогика. Психология, 2018. Т. 4 (70), № 52. – С. 38-42.
4. Краснокутский Д.Н. Молодёжь и социальные сети интернета: теоретико-прикладной анализ // Общество и право. 2017. № 1 (59). – С. 196-199.
5. Отроков О.Ю. Использование интернет-ресурсов в работе

молодёжного парламентского движения России: проблемы и перспективы // Общество: политика, экономика, право, 2016. № 12. – С. 47–52.

6. Фетисова О.В. Влияние виртуального пространства на ценностные ориентации современной российской молодёжи // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки, 2017. № 10. – С. 84-90.

7. Фортунатов А.Н. Цифровая толпа и цифровой гедонизм: постбытийность информационного общества // Философия и гуманитарные науки в информационном обществе, 2019. № 4 (26). –С. 44–52.

8. Ятимов С. Илм ва амният. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 192 с.

9. Giannachi G. Archive Everything: Mapping the Everyday. Cambridge, UK, 2016. 214 p.

10. McLuhan M., Powers B. The Global Village: Transformations in World Life and Media in the 21st Century. Oxford, UK, 1989. 220 p.

**Сарчашмаҳои электронӣ:**

11. Арестова О.Н., Бабанин Л.Н., Войскунский А.Е. Мотивация пользователей Интернета [Электронный ресурс] // Киберпсихология. 2017. 30 окт. URL: https://cyberpsy.ru/articles/internet_user_motivation (санаи муроҷиат: 26.10.2021).

12. Информационное общество в Российской Федерации. 2020 [Электронный ресурс]: статистический сборник / Федеральная служба государственной статистики; Национальный исследовательский университет «Высшая школа экономики». – М., 2020. – 268 с. // Федеральная служба государственной статистики: официальный сайт. 2020. URL: https://rosstat.gov.ru/storage/mediabank/lqv3T0Rk/info-ob2020.pdf

13. Исследование ВКонтакте: портрет молодежи [Электронный ресурс] // Mail.ru. 2017. URL: https://corp.imgsmail.ru/media/files/vk-generation.pdf.

# МУБОРИЗАҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ ДАР ФАЗОИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

# ГЕОПОЛИТИЧЕСКАЯ БОРЬБА В СФЕРЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

# GEOPOLITICAL STRUGGLE IN THE FIELD OF INFORMATIVE SECURITY

**Расулов Қ.С.**
**Rasulov K.S.**



*Муаллими калони кафедраи махсуси Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, подполковник.*

*Старший преподаватель специальной кафедры Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан, соискатель учёной степени кафедры политологии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, подполковник.*

*Senior lecturer of the special department of the Higher school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, applicant for the department of political science of the Institute of philosophy, political science and law named after A.Bakhovaddinov of the National Academy of sciences of Tajikistan, lieutenant colonel.*

**Email: kurbon66@mail.ru**

**Ихтисоси илмӣ:** 23.00.02 – институтҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.

**Научная специальность:** 23.00.02 – институты, процессы и политические технологии.

**Scientific specialty:** 23.00.02 – institutions, processes and political technologies.

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти амнияти иттилоотӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф таъмини амнияти иттилоотиро дар шароити муосир таҳлил намуда, паёмадҳои онро нишон медиҳад. Аз ҷумла, таҳдидҳои иттилоотии равандҳои ҷаҳонишавиро ба амнияти миллӣ қайд намудааст. Иттилоот ҳамчун омиле баррасӣ мегардад, ки бахри ҳифзи мавқеи геополитикии кишварҳо мусоидат менамояд. Хусусан, падидаҳои экстремизм ва терроризми иттилоотӣ, инқилобҳои ранга объекти таҳлили мақолаи мазкур мебошанд.

**Калидвожаҳо:** муборизаи геополитикӣ, амнияти иттилоотӣ, экстремизм, терроризм, кибертерроризм, ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо, инқилобҳои ранга

**Аннотация:** в данной статье рассматриваются понятие и сущность информационной безопасности. Автор анализирует обеспечение информационной безопасности в современных условиях и показывает его последствия. В частности, он отметил информационные угрозы процессов глобализации национальной безопасности. Информация рассматривается как фактор, который содействует защите геополитической позиции стран. Особенно, предметом анализа данной статьи являются явления экстремизма и информационного терроризма, цветных революций.

**Ключевые слова:** геополитическая борьба, информационная безопасность, экстремизм, терроризм, кибертерроризм, глобализация,

угрозы, цветные революции.

**Annotation:** this article considers the conception and essence of information security. The author analyzes the ensuring of information security in modern conditions and shows its consequences. In particular, he noted the information threats of globalization processes of national security. Information consideres as a factor which assist to the protection of the geopolitical position of countries. In particular, the object of analysis of this article are the phenomenon's of extremism and information terrorism, color revolutions .

**Key words:** geopolitical struggle, information security, extremism, terrorism, cyber terrorism, globalization, threats, color revolutions.

Аз оғози асри нав зуҳури терроризми байналмилалӣ, дар заминаи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба амал баровардани тарғибу ташвиқи ақидаҳои тундгароӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ, ба вуҷудоии инқилобҳои ранга ва табаддулоти давлатӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва низоъҳои мусаллаҳона омилҳое мебошанд, ки суботи кишварҳои тозаистиқлолро халалдор намуда, дар самти ташаккули давлатдории миллии онҳо ба таври ҷиддӣ монеа эҷод менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «хоинони миллат ва хоҷаҳои хориҷии онҳо то ҳанӯз аз нақшаҳои нопоку ғаразноки худ, ки ибтидои солҳои 90-ум доштанд, даст накашидаанд. Онҳо тобаҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд» [10]. Тавре маълум аст, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24» ва «Паймони миллии Тоҷикистон» ҳамарӯза тариқи шабакаи интернет дар муқобили давлату ҳукумат ҳуҷумҳои иттилоотӣ анҷом дода, кӯшиши ташкил намудани инқилоб ва ё табаддулоти давлатиро карда истодаанд.

Онҳо аз технологияи назарфиребӣ истифода намуда, бо паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ ва иғвоангез мехоҳанд шаҳрвандони кишварро дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат сафарбар намоянд. Чунин ҳолат, таҳдид ба суботи сиёсӣ, вайрон намудани сохтори конститутсионии давлат, аз байн бурдани оромии ҷомеа ва зери хавфу хатар қарор додани манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [7].

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барои паст намудани таъсири манфии иттилоотии шабакаи интернет ба ҳалли як қатор масъалаҳо таваҷҷуҳи зарурӣ додан лозим аст. Пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати иттилоотонии аҳолӣ, огоҳ намудани онҳо аз таҳдиду хатарҳои замони муосир, назарфиребӣ ва мағзшӯйӣ нагардидани онҳо аз ҷониби террористону экстремистон, баланд бардоштани маърифати сиёсию ҳуқуқии шаҳрвандон, огоҳӣ аз арзишҳои динӣ ва ғайра масъалаҳое мебошанд, ки метавонад барои коҳиш додани таъсири чунин падидаҳои манфии ақидатӣ дар ҷомеа мусоидат намоянд. Зеро таҷрибаи рӯзгори сиёсии кишварҳои мусулмоннишин нишон медиҳад: агар дар ҷомеа ихтилофи шадиди ақидатӣ сар занад ва ҷаҳонбиниҳо ба манфиати сохти давлатдории миллӣ ҳаллу фасл нашаванд, ин раванд оқибат бо низои мусаллаҳонаву хунбор анҷом меёбад [8].

Таҳлил нишон медиҳад, ки муборизаҳои геополитикӣ на танҳо дар соҳаи ҳарбӣ мавҷуданд, балки дар фазои сиёсӣ, дипломатӣ, иттилоотӣ, психологӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ғайра низ ба назар мерасанд, ки онҳо чи дар шароити ҷангӣ ва чи дар шароити осоиштагӣ ба амал бароварда мешаванд. Дар раванди амалишавии муборизаи геополитикӣ муайян намудани самаранокии воситаҳои истифодашуда аз рӯйи амалишавии мақсади геополитикӣ баҳогузорӣ мегардад. Яъне, заиф гардонидани давлат, халалдор намудани суботи сиёсӣ, ноустувор намудани системаи сиёсӣ, тағйир додани режими сиёсӣ, барҳам додани давлату давлатдорӣ ва ғайра метавонанд бе ёрии қувваҳои ҳарбӣ ва бо истифода аз воситаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва маънавӣ амалӣ карда шаванд [5, 146].

Бо туфайли технологияҳои муосир бисёр гурӯҳҳои террористию экстремистии ҷаҳон мавқеи худро рӯз то рӯз дар арсаи байналмилалӣ тавсия бахшида истодаанд. Онҳо ба воситаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан, истифодаи шабакаҳои интернет корҳоеро ба анҷом мерасонанд, ки таъсирашон ба сиёсати дохилию хориҷии кишварҳо мерасад. Дар бисёр маврид мушоҳида намудан мумкин аст, ки чунин равандҳо аз ҷониби як қатор давлатҳои манфиатдор барои амалӣ намудани ҳадафҳои геостратегии худ ва мустаҳкам кардани мавқеи геополитикии онҳо моҳирона истифода бурда шудаанд. Ба андешаи муҳаққиқон ҷангҳои иттилоотӣ ҷойгузини ҷангҳои классикӣ мебошанд ва бо мақсадҳои зерин ба амал бароварда мешаванд:

– паст намудани симои байналмилалии давлат ва вайрон намудани муносибати он бо давлатҳои дигар;

– мушкилӣ эҷод намудан дар раванди қабули қарорҳои ҳаётан муҳимми сиёсӣ;

– ташкил намудани фазои ноором ва ноустувор гардонидани ҷомеа;

– бадном намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

– дар байни омма ташкил намудани эътирози иқтисодӣ (корпартоӣ, коршиканӣ);

– вайрон намудани фаъолияти муназзами низоми идоракунии қувваҳои мусаллаҳ, объектҳои ҳарбӣ ва дорои аҳаммияти стратегӣ;

– паст намудани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва дар муқобили фарҳанги худӣ равона намудани онҳо [4, 39].

Таҳлил нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои муҳимтарини соҳаи амнияти иттилоотӣ ин роҳандозӣ гардидани ҷангҳои иттилоотию психологӣ мебошад. Таъсири таҳдидҳои мазкур ба он хотир хатарнок арзёбӣ мегарданд, ки маҳз онҳо боиси ба амал омадани шиддати иҷтимоию психологӣ, бедор гардидани ҳиссиёти манфии одамон, вайрон гардидани меъёрҳои ахлоқ, тағйир ёфтани рафтори сиёсию ахлоқии шаҳрвандон ва дар ниҳояти кор, боиси ба амал омадани рафторҳои номувофиқ ва ношоистаи онҳо мегарданд. Зери таъсири таҳдидҳои мазкур шуури фардӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, ба муҳити иҷтимоию психологӣ ва сиёсию ахлоқии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ин сиёсатшиноси ватанӣ, профессор Ятимов С.С. менависад: “Дар хотир бояд гирифт, ки омили психологияи ҷамъиятӣ, тавъам бо шуури рӯзмарра – сатҳ, сифат, мундариҷа ва майлони он дар муносибат бо манфиатҳои миллӣ, аз мавзӯъҳое мебошанд, ки мадди назари доимии мухолифони давлатдории миллии мо ҳастанд. Кӯшишҳои

суиистифода аз нуқтаҳои заъфи он тавассути душманони давлатдории миллӣ ба тарзи доимӣ мадди назар гирифта мешавад. Ин падидаро дар муқобили ҳар зуҳурот ва ташаббусе, ки метавонад ба рушди миллӣ, сулҳу субот дар ҷомеа созгор бошад, мушоҳида кардан мумкин аст” [9]. Чунин ҳуҷумҳои иттилоотию психологиро чӣ дар рафтори давлатҳои алоҳида ва чи дар амалу гуфтори ташкилотҳои террористию экстремистӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Воқеан ҳам, масоили амнияти иттилоотӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавию бархӯрди тамаддунҳо аз мубрамтарин паҳлуҳои амнияти миллии кишварҳо гардидааст. Бояд гуфт, ки муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ амниятро дар аксар маврид, ҳолати ҳимоятшавандагӣ аз таҳдиду хатарҳо муаррифӣ менамоянд. Дар муносибат бо амнияти иттилоотӣ низ чунин шарҳу тавзеҳ истифода мегардад.

Дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон «амнияти иттилоотии ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ дар соҳаи иттилоот» муаррифӣ мегардад [2].

Тазаккур бояд дод, ки зиёд шудани шумораи истифодабарандагони он ба ташкилотҳои террористӣ имкон медиҳад, то дар фазои иттилоотӣ ақидаҳои худро ба таври осон тарғибу ташвиқ намоянд ва ба сафҳои худ одамони навро ҷалб созанд. Инчунин, дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ анҷом додани зӯроварии сиёсӣ низ имконпазир гардидааст, ки чунин падидаро кибертерроризм номидан мумкин аст. Айни замон, кибертерроризм ба давлатҳое бештар таҳдид менамояд, ки системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои компютериро дар сатҳи баланд истифода менамоянд. Аммо масъалаи паҳн намудани ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ тариқи шабакаи Интернет ба ҳамаи кишварҳои олам метавонад хатар бештар бахшад.

Ба андешаи олим Г.Вейман террористон шабакаи интернетро бо мақсадҳои зерин истифода менамоянд:

1) анҷом додани ҷангҳои психологӣ;

2) ҷустуҷӯ намудани иттилооти нав ва зарурӣ;

3) ба омӯзиш фаро гирифтани террористон;

4) ҷамъоварии маблағ;

5) тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию экстремистӣ;

6) мағзшӯйӣ намудани одамон;

7) ташкил намудани шабакаҳои террористӣ;

8) банақшагирӣ ва ташкил намудани амалҳои террористӣ [7].

Махсусан, ба амал омадани “инқилобҳои ранга” дар фазои геополитикӣ яке аз нишонаҳои вусъатёбии иттилоот дар шароити муосир мебошад. Сабабҳо ва омилҳои ба вуҷудоварандаи инқилобҳои ранга дар кишварҳои гуногун аз ҳам фарқкунанда мебошанд, вале роҳҳо ва василаҳои татбиқи онҳо ба ҳамдигар хело монананданд. Масалан, дар Гурҷистон баъди давраи дурударози идоракунии Э.Шеварднадзе, дар Қирғизистон идоракунии А.Акаев, ки ҳарду ҳам кадрҳои тарбиянамудаи давраи Шӯравӣ буданд, новобаста ба татбиқи ислоҳоти гуногун, як қатор мушкилиҳои иқтисодию иҷтимоӣ боқӣ монда буданд, ки боиси таҳрик додани неруҳои дохилӣ ба сарнагун сохтани қудрат, ташаккули руҳияи эътирозӣ дар ҷомеа ва ташкили норозигии дохилӣ гаштанд [1]. Аз ин ҷо, хулоса баровардан мумкин аст, ки баҳри роҳандозӣ намудани инқилобҳои ранга заминаҳо ҷустуҷӯ карда мешаванд.

Таҷрибаи бадастомада дар

ин самт нишон дода истодааст, ки дар раванди инқилобҳои ранга яке аз технологияҳои васеъ истифодашаванда ин технологияи назарфиребии омма мебошад, ки тавассути амалӣ намудани таъсиррасониҳои гуногуни психологию иттилоотӣ дар омма эҳсоси боварӣ ба қудрати худ ташаккул дода шуда, онро дар қадамҳои минбаъда роҳнамоӣ мекунад.

Ба майдон баровардани оммаи бузург, дар зеҳн ва тафаккури онҳо ҷой намудани тағйири ҳокимият, дар шуури онҳо мустаҳкам намудани образи шахси мазлум ва эҳсоси ин аз ҷониби онҳо, ваъдаиояндаи дурахшон тавассути сарнагун кардани режими мавҷуда амалҳои саҳл набуда, танҳо дар натиҷаи татбиқи стратегияҳои қадам ба қадам ва ғофилгир кардани режими ҳукмрон ба даст оварда мешавад [6, 127].

Бояд тазаккур дод, ки таҳдиду хатари шабакаи Интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бинобар сабаби рушди бемайлони онҳо рӯз то рӯз зиёд мегардад ва чунин ҳолат назорати онро низ душвор мекунад. Масалан, ҷамъоварии иттилоот дар бораи истифодабарандагони Интернет, назорат намудани рафтори одамон, дуздидани иттилооти дорои сирри давлатӣ, ҳатто рабудани иттилооти тиҷоратӣ хеле зиёд гардида истодаанд. Барои амалӣ намудани ин мақсад аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор ва киберҷинояткорон барномаҳои махсуси компютерӣ, ки онҳоро вирусҳои компютерӣ меноманд, сохта истифода бурда мешаванд. Чунин ҳолатро ҳуҷумҳои кибернетикӣ номидан мумкин аст, ки он ба воситаи вирусҳои компютерӣ анҷом дода мешаванд ва мақсад аз чунин амалҳо дуздидани иттилооти махфӣ, вайрон намудани системаҳои иттилоотӣ ва зарару зиён расонидан ба рақибон мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қабули Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ оид ба рушди сиёсати иттилоотӣ, қонунҳои соҳаи иттилоотӣ дар ташаккули мундариҷаи ягонаи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, муайян намудани таҳдидҳои иттилоотӣ, роҳу усулҳои муқовимат бо таҳдидҳои мазкур ва низоми таъмини амнияти иттилоотии кишвар заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Махсусан, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мутобиқсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати амалисозии манфиатҳои иттилоотии кишвар ва ҳифзу ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию беруна заминаи сиёсию стратегӣ муҳайё намудааст [7].

Консепсияи амнияти иттилоотӣ низ ҳадафҳои таъмини ин навъи амниятро аз махфият, дурустӣ ва дастрасии иттилоот вобаста медонад. Дар аксари системаҳои иттилоотӣ ва дар фаъолияти ташкилоту идораҳои гуногун ҳаҷми муайяни иттилоот махфӣ нигоҳ дошта мешавад ва чунин ҳолат арзиши онро хеле боло мебарад. Субъектҳои гуногун бо ҳар роҳу восита мехоҳанд ба таври ғайриқонунӣ иттилооти махфиро дастрас намоянд ва барои амалӣ намудани манфиатҳои худ истифода баранд. Дар аксар маврид иттилооти махфӣ бо роҳи ҳуҷумҳои кибернетикӣ дастрас карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар муқаррароти асосии Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Самтҳои стратегии сиёсати давлатии иттилоотӣ чунин муайян шудааст:

– ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии

иттилоотӣ;

– истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи низомҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра;

– ташкил, ҳимоят ва такмили имиҷи Тоҷикистон аз тариқи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ;

– ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо;

– воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ [2].

Воқеан ҳам роҳандозии дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи истифодаи густурдаи имкониятҳои фановариҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ сурат мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори таҳияи маҷмуи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар мавриди таъмини амнияти иттилоотӣ ва риояи ҳамаҷонибаи он меъёрҳо дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бо киберҷиноятҳо бахри пешгирӣ намудани истифодабарии ғайримақсадноки воситаҳои иттилоотӣ- коммуникатсионӣ ва ҳифз намудан аз кибертерроризм ва дигар ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд, амри воқеӣ мебошад. Зеро дар фазои ягонаи иттилоотӣ, ҳимояи маълумот омили асосии муайянкунандаи системаи амнияти иттилоот ба шумор меравад.

Аз ин рӯ яке аз роҳҳои таъмини амнияти иттилоотӣ – ин нигоҳдории ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ мебошад. Маҳз ҳувияти миллӣ метавонад барои истодагарӣ алайҳи ҳамагуна таҳдидҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ бошад. Воқеан ҳам, дар шароити муосир зарурати ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот ва таъмини амнияти он ба миён омадааст. Махсусан, тӯли солҳои охир аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар муносибат ба афкори ҷамъиятии мамлакат ҷангҳои психологӣ роҳандозӣ гардидаанд, ки онро ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар донистан мумкин аст.

Хусусан, ҳодисаҳое ки дар сарҳади кишвар ба амал омада истоданд, аз мо дониши амиқро тақозо менамояд. Мо бояд ба ҳар гуна таҳдиду бухтонҳо ҷавоби дақиқи илмию таҳлилӣ дошта бошем. Зеро ҷаҳонишавии ВАО ва рушди технологияи нави электронӣ (Интернет) имрӯз аз тарафи ВАО-и хориҷӣ мушкилоти экспансияи фазои иттилоотии ҷумҳуриро ба вуҷуд меорад. Масъалаи экспансияи ВАО - и хориҷӣ, хусусан, дар ноҳияҳои сарҳадии ҷумҳурӣ ба вуҷуд омада истодааст.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Кара-Мурза С., Телегин С., Александров А., Мурашкин М. Экспорт революции. Саакашвили М., Ющенко... [Электронный ресурс]. URL: http://www.kara-murza.ru/books/export/index.htm (Санаи мурочиат: 12.10.2022.)
2. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008.
3. Морозов И.Л. Информационная безопасность политической системы // Полис. Политические исследования, 2002, №5.
4. Проценко Е.В. Информационная безопасность политической

коммуникации в современной России: дис. … канд. полит. наук. – Ставрополь, 2009. – 199 с.

5. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳо ба суботи сиёсии ҷомеа ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо//Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: Маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 05.12. 2019). – Душанбе: ДМТ, 2019. – 411 с.

6. Сафаров Б.Р. Технологияҳои сиёсӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити дигаргуниҳои ҷаҳони муосир (таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) Дис. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.с. – Душанбе, 2022. –164 с.

7. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дис. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.с. – Душанбе,2022. – 192 с.

8. Ятимов С.С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат. Манбаъи электронӣ: https://radiotoj.tj/?p=15019. Санаи мурочиат:14.10.2022

9. Ятимов С.С. Равоншиносӣ ва амнияти ҷамъиятӣ (Дар доираи шуури муқаррарӣ).Манбаъи электронӣ:http://javonon.tj/ news/ politics/ ravonshinos-va-amniyati-amiyat-dar-doirai-shuuri-mu-arrar-/ Санаи мурочиат: 10.10.2022.

10. Address on key aspects of Tajikistan's domestic and foreign policy by the President of the Republic of Tajikistan, the Leader of the Nation, H.E. Emomali Rahmon to the Parliament of the Republic of Tajikistan 26.01. 2021 12:15, Dushanbe city.: http://president.tj/en/node/25.

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАКТИКИИ ҶАМЪОВАРИИ ИТТИЛООТИ ИСБОТКУНАНДАИ ЭЛЕКТРОНӢ-РАҚАМӢ

# ТАКТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОБИРАНИЯ ДОКАЗАТЕЛЬСТВЕННОЙ ЭЛЕКТРОННО-ЦИФРОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

# TACTICAL FEATURES OF COLLECTING EVIDENCE-BASED DIGITAL INFORMATION

**Салимов Б.А.**
**Salimov B.A.**



*Муовини сардори кафедраи махсуси №4-и Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, подполковники адлия.*

*Заместитель начальника специальной кафедры №4 Высшей школы ГКНБ Республики Тадикистан, соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, подполковник юстиции.*

*Deputy head of the special department №4 of the Higher school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, applicant for the department of criminalistics and forensic activities of the faculty of law of the Tajik National University, lieutenant colonel of justice.*

E-mail: Salimov.romish@bk.ru.

**Ихтисоси илмӣ:** 12.00.12 – криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**Научная специальность:** 12.00.12 – криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.

**Scientific specialty:** 12.00.12 – criminalistics; forensic activities; operational investigative activities.

**Аннотатсия:** дар мақола масъалаҳои мубрами марбут ба ҷамъоварии далелҳои электронӣ баррасӣ шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои амалҳои тафтишотӣ, ки ба ошкор, сабт ва гирифтани иттилооти рақамии аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим равона гардидаанд, муайян карда шудаанд. Вобаста ба холати мушаххаси тафтишотӣ маҷмуъҳои тактикӣ барои ба даст овардани маълумоти зарурӣ аз ҳомилҳои электронӣ пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** иттилооти электронӣ-рақамӣ, ҳомилҳои электронии иттилоот, муҳити радиоэлектронӣ, геолокатсия, сабт, далелҳо, вазъияти тафтишотӣ, экспертизаи судии компютерӣ-техникӣ.

**Аннотация:** в статье рассматриваются актуальные вопросы, связанные с собиранием электронных доказательств. Обозначены цели и задачи следственных действий, направленных на обнаружение, фиксацию и изъятие криминалистически значимой электронно-цифровой информации. В зависимости от конкретной следственной ситуации предлагаются тактические комплексы для получения искомой информации, содержащейся на электронных носителях.

**Ключевые слова:** электронно-цифровая информация, электронные носители информации, радиоэлектронная обстановка, геолокация,

фиксация, доказательство, следственная ситуация, судебная компьютерно-техническая экспертиза.

**Annotation:** the article deals with topical issues related to the collection of electronic evidence. The goals and objectives of investigative actions aimed at detecting, fixation and exception of criminalisticly significant digital information are outlined. Depending on the specific investigative situation are offered tactical complexes to obtain the required information contained on electronic bearers.

**Key words:** electronic digital information, electronic information carriers, radio-electronic set, geolocation, fixation, evidence, investigative situation, forensic computer-technical expert.

Дар шароити муосир, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ нақш ва аҳамияти иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимме, ки дар ҳомилҳои электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ мунтазам меафзояд ва ин ҳолат боиси омӯзиши муфассали хусусиятҳои ошкор ва сабти ин навъи иттилоот мегардад.

Ошкор ва сабти иттилооти исботкунанда марҳилаҳои раванди ҷамъоварии далелҳо мебошанд. Ҷамъоварии далелҳо, дар навбати худ, як ҷузъи раванди исбот дар баробари тафтиш ва арзёбии далелҳо аст.

Моҳияти раванди ҷамъоварӣ, ба қавли Р.С. Белкин аз кофтуков, ошкор, сабт ва гирифтани иттилоот бо усулҳои муқаррарнамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ иборат аст [2, 211]. Мафҳуми «ошкор кардани далелҳо»-ро бояд ҳамчун фаъолияти дарёфт, муайян кардан, муқаррар намудани баъзе маълумотҳои воқеие, ки арзиши исботӣ доранд, фаҳмидан лозим аст [3, 29]. Сабт кардан ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи чараёни ҷамъоварии далелҳо дар мустаҳкамкунӣ ва инъикоси онҳо ифода меёбад [4, 8]. Мундариҷаи ин фаъолиятро дар робита бо далелҳои электронӣ-рақамӣ баррасӣ мекунем.

Нисбат ба пайгирии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир мешаванд, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои алоҳидаи мурофиавии ошкор ва сабтро пешбинӣ накардааст. Дар воқеияти имрӯза тафтиши ин қабил ҷиноятҳо ба дастрас кардани иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим дар шакли паёмҳо, файлҳои матнӣ ва мултимедиявӣ, мукотиба дар шабакаҳои иҷтимоӣ, маълумот дар бораи алоқаи муштариён ва ғайра асос ёфтааст. Аксаран чунин иттилооти исботкунанда асосӣ ё ягона дар парвандаи ҷиноятӣ мегардад, ки ба муқаррар намудан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷинояткор мусоидат мекунад.

Ин гуфтаҳоро ба таври возеҳ тафтиши парвандаи ҷиноятии №15185 бо айбдории Н.С. дар содир намудани ҷинояти дар қисми 2 моддаи $307^3$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда тасдиқ менамояд. Чунончи, зимни тафтишот муайян карда шуд, ки айбдоршаванда давоми солҳои 2018-2021 дар фаъолияти ташкилоти террористию экстремистӣ иштирок намуда, тавассути саҳифаи худ дар шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» бо номи “Suraj Nazar” маводи таблиғотии онро мунтазам паҳн кардааст. Зимни азназаргузаронии саҳифаи интернетии номбурда дар телефони мобилии ӯ, тамғаи «Samsung G 7 prime» тамоми наворҳо ва файлҳои матнии аз ҷониби айбдоршаванда паҳншуда бо даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти ифротгароӣ дарёфт ва сабт гардид. Ин иттилооти электронӣ-рақамӣ барои оғоз

намудани парвандаи ҷиноятӣ асос шуда, баъдтар далели асосии тасдиқи гуноҳи Н.С. шуд [7].

Усулҳои тактикии ошкор ва сабти изҳои электронӣ-рақамӣ аз вазъияти мушаххаси тафтишотӣ, ки дар лаҳзаи муайни тафтишот ба вуҷуд меояд, вобаста мебошанд. Ҳангоми таҳлили амалияи тафтишотӣ, вазъиятҳои зерини тафтишотии маъмулиро аз навъҳои умумӣ фарқ кардан мумкин аст:

1) маълумот дар бораи ҷойи ҳодиса гирифта шудааст, ки дар он ҷо мумкин аст ҳомили электронӣ-рақамӣ, ки дорои иттилооти исботкунанда мебошад, мавҷуд аст (ҷои истиқомат ё кори гумонбаршуда, ҷойи куштор, маҳалли одамрабоӣ ва ғ.);

2) дар бораи мавҷудияти изҳои электронӣ-рақамӣ дар дастгоҳҳои шахсии ҷабрдида маълумот мавҷуд аст. Ин вазъият барои дуздии маблағҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, ҷиноят алайҳи кӯдакону наврасон дар Интернет ва ғайра хос аст;

3) дар ихтиёри мақомоти тафтишотӣ маълумот дар бораи шахс ё гурӯҳи шахсоне мавҷуд аст, ки ҷиноят содир намуда, айни замон аз таҷҳизоти компютерӣ, иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ истифода мебаранд, ки онҳо хусусияти дар худ инъикос кардани ҳолатҳои муайяни кирдори содиршударо дар шакли изҳои электронӣ-рақамӣ доранд. Масалан, шахс ҷинояти марбут ба муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддирро содир менамояд ва ҳангоми фурӯши моводи мухаддир бо истифода аз дастгоҳи алоқаи мобилӣ шарт ва макони муомилотро бо харидори эҳтимолӣ муайян мекунад. Ҳангоми таҳлили ҷузъиёти (детализатсия) гуфтугӯҳои телефонӣ имкон дорад, ки маҳалли будубоши гумонбаршуда дар вақти муайян, дар ҷои мушаххас муқаррар карда шавад. Ҳамин тариқ, ваҷҳҳои эҳтимолии фурӯшандаи моводи мухаддир дар хусуси он ки ӯ дар маҳалле, ки ҷиноят содир шудааст, набуд ва бо шахси боздоштшуда бо далелҳои шайъӣ робита надоштааст, рад карда мешаванд;

4) маълумот мавҷуд аст, ки дар дастгоҳҳои шахсии гумонбаршуда, айбдоршаванда ё шоҳид изҳои электронӣ-рақамӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ин вазъияти тафтишотӣ метавонад, ҳам дар мавриди истифодаи дастгоҳи электронии шахсӣ ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят (масалан, ҳангоми тафтиши ҷинояти вобаста ба иштирок дар фаъолияти экстремистӣ, дар дастгоҳи мобилии тамғаи «Редми 9»-и айбдоршаванда Д.Д. моводи бадномкунандаи сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ӯ барои истифода дар фаъолияти таблиғотӣ ба суроғаи сомонаи мамнуи ифротӣ ирсол намудааст, дарёфт гардид [8]) ва ҳам дар ҳолате ки дастгоҳ бевосита ба кирдори содиршуда робита надошта бошад (масалан, дар ҷараёни тамаъҷӯйӣ яке аз шарикони ҷиноят наворгирӣ кардааст), ба вуқуъ ояд.

Вазъиятҳои тафтишотии номбаршуда метавонанд якҷоя арзи ҳастӣ кунанд (масалан, маълумот дар бораи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, метавонанд бо маълумот дар бораи ҷойи содир шудани ҷиноят якҷоя дастрас шаванд) ё аз як ба дигараш гузаранд (масалан, ҳангоми мавҷуд бадани маълумот дар бораи шахсони ҷиноятсодиркарда, вазъияте ба миён омада метавонад, ки дар он маълумот дар бораи мавҷуд будани изҳои электронӣ-рақамӣ дар дастгоҳи шахсии гумонбаршуда дастрас мегардад).

Вазъиятҳои тафтишотии маъмулӣ ҳадафҳои тактикии бо ҳам алоқаманди ҷамъоварии изҳои электронӣ-рақамиро муттаҳид мекунанд, ки асосиашон инҳоянд:

1) муайян кардани ҳимили

электронии дорои иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим;

2) ошкор ва сабти изҳои электронӣ-рақамӣ дар ҳомилҳои электронии муайянгардида;

3) бо роҳи омӯзиши изҳои электронӣ-рақамӣ ба даст овардани маълумоти иловагӣ.

Баъзе муаллифон кор бо ҳомилҳои электронӣ-рақамиро аз нуктаи назари техникӣ ба марҳилаҳои зерин тақсим мекунанд:

а) баровардан ва нусхабардории иттилоот аз ҳомилҳои электронӣ;

б) табдил додани иттилооти баровардашуда ба шакли барои коркард ва таҳлили минбаъда мувофиқ;

в) таҳлили иттилооти гирифташуда [6, 186-201].

Бояд қайд кард, ки чорабиниҳо оид ба баровардан ва табдил додани изҳои электронӣ-рақамӣ дар аксари ҳолатҳо дар як давраи ягонаи технологӣ амалӣ карда мешаванд, ки дар навбати худ, ҳадафи дуюми таъсири тактикиро (ошкор ва сабти изҳои электронӣ дар ҳомилҳои электронӣ) ташкил медиҳанд. Дар мавриди таҳлили иттилооти гирифташуда бояд дар хотир дошт, ки мавҷудияти як категорияи муайяни маълумот барои мақомоти тафтишот далели аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим аст, масалан, нусхаи ҳуҷҷати молиявӣ дар бораи дуздии маблағ, ки имзо ва муҳр гузошта шудааст ва категорияи дигари иттилоот, пас аз ошкор ва сабти он, бояд бо дигар маълумоте, ки дар тафтишот мавҷуд аст, таҳлил ва муқоиса карда шавад. Аз ин рӯ, вобаста ба вазъияти тафтишотӣ, ба даст овардани маълумоти иловагӣ бо роҳи омӯзиши изҳои электронӣ-рақамии муайяншуда ҳамчун ҳадафи алоҳидаи таъсири тактикӣ баромад мекунад.

Ба ҳадафи муайян кардани ҳомили электронии дорои иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим тавассути ҳалли ду масъала ноил шудан мумкин аст:

– муқаррар намудани изҳои электронӣ-рақамии фаъолияти ҷиноятӣ;

– муайян намудани изҳои электронӣ-рақамии будубоши шахси алоҳида дар ҷои мушаххас.

Барои муайян кардани изҳои фаъолияти ҷиноятӣ объектҳои тадқиқот метавонанд инҳо бошанд:

– таҷҳизоти шахсӣ, аз ҷумла, дастгоҳҳои алоқаи мобилӣ, компютерҳои хонагӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– дастгоҳҳои хизматӣ (масалан, компютери корӣ, автоматҳои қиморбозӣ ва ғ.);

– системаҳои сабти видео (системаҳои назорати видеоӣ, авторегистраторҳо, системаҳои назорати ҳаракати роҳ ва ғ.).

Изҳои будубоши шахси мушаххасро дар ҷойи муайян бо роҳҳои зерин ошкор кардан мумкин аст:

– тафсилоти (детализатсия) пайвастшавии телефонҳои мобилӣ бо зикри истгоҳи базавӣ, ки хизматрасониро пешниҳод кардааст;

– таҳлили маълумоти мултимедиявии файлҳои корбарӣ;

– санҷиши маълумоти барномаҳо ва хизматрасониҳои махсус;

– дидани сабтҳои системаҳои сабти видеоии дар боло номбаршуда.

Вазифаҳои маъмулии ошкор кардани изҳои рақамӣ дар ҳомилҳои электронӣ ва сабти онҳо вобаста ба намуди ҷинояти тафтишшаванда ва вазъияти мавҷудаи тафтишотӣ метавонанд инҳо бошанд:

– ошкор намудани файлҳои корбарӣ (матн, файлҳои мултимедиявӣ: графика, видео, аудио ва ғ.), инчунин дигар файлҳои аз ҷониби истифодабаранда эҷодшуда. Дар ин маврид, ҳам мазмуни бевоситаи файл ва ҳам метамаълумот (санаи сохтан, тағйир

додан, нест кардани файл, манбаи қабул ва сохтани он, координатаҳои ҷойгиршавӣ ва ғайра) метавонанд аҳамияти криминалистӣ дошта бошанд;

– дар ҳомили электронӣ ошкор намудани барномаи махсусгардонидашудаи таъминотӣ, ки метавонад ҳамчун воситаи амалисозии қасди ҷиноятӣ хизмат кунад. Инҳо метавонанд барномаҳои автоматикунонии фаъолияти молиявии ташкилот, бонкдории фосилавӣ, беном кардани трафики Интернет ва ғайра бошанд;

– муайян намудани фаъолнокии корбарон дар шабакаи алоқаи мобилӣ ё Интернет (далелҳои пайвастшавӣ, боздид аз захираҳои интернетӣ, истифодаи хизматрасониҳои интернет-банкинг, мукотиба тавассути почтаи электронӣ ва ғ.);

– аз операторони мобилӣ дархост кардани тафсилоти пайвастшавии телефонҳои мобилии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бо нишон додани пойгоҳи базавӣ, ки хизматрасониро пешниҳод кардааст.

Мақсади ниҳоии хоси таъсири тактикӣ омӯзиши изҳои электронӣ-рақамии муайяншуда мебошад. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, мундариҷаи файлҳо омӯхта шуда, дахл доштани онҳо ба ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад, масалан: видео ё матн бо даъватҳои оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ, тасвири ҳуҷҷати баҳисобгирии муҳосибӣ, ки шаҳодат аз амалиёти молиявии сохта медиҳад ва ғайра.

Ҳангоми омӯхтани фаъолнокии шахси гумонбар дар шабакаи алоқаи мобилӣ ё дар Интернет дар байни алоқаҳои ӯ мумкин аст, шарикони ҷинояти вай, ҷабрдидагон, шоҳидон, ки қаблан ба тафтишот маълум набуданд, муайян карда шаванд.

Дар вазъияти тафтишотӣ, вақте ки иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ муайян аст ва мақомоти тафтишоти пешакӣ рақамҳои телефони мобилии ӯро медонад, муфаттиш ё дигар шахси мансабдоре, ки тафтишотро анҷом медиҳад, дар асоси таҳлили маълумот дар бораи алоқаҳои муштарӣ метавонад ҳаракати шахси мавриди таваҷҷуҳи тафтишот бударо дар фосилаи муайян ва инчунин ҳузури эҳтимолии ӯро дар вақти муайян дар ҷойи мушаххас муайян кунад. Амалишавии ин вазифаи тактикӣ, ки геолокатсия номида мешавад, ба он вобаста аст, ки мувофиқи принсипҳои бунёди шабакаҳои алоқа, ҳар як истгоҳи базавӣ як қаламрави муайянро бо алоқаи мобилӣ таъмин мекунад ва дорои идентификатори беназир мебошад, ки ҳангоми пайвастшавӣ дар тафсилоти рақами абонентӣ инъикос меёбад. Бо вуҷуди ин, дақиқии геолокатсия бештар ба ҷуғрофияи минтақа вобаста аст. Дар маҳалҳои сераҳолии шаҳр минтақаи хизматрасонии истгоҳҳо метавонад 200-400 метрро ташкил диҳад ва дар маҳалҳое, ки шумораи аҳолиашон камтар аст ё роҳҳои нақлиёт ин нишондиҳанда ба чандин километрҳо баробар шуда метавонад.

Ҳангоми ташаккули вазъияти ибтидоии тафтишотӣ дар маҷрои бе низоъ, яъне пурра ё қисман ба ҳам мувофиқат кардани манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [9, 157], ҳангоми мавҷуд будани маълумот дар бораи ҷойи содиршавии ҷиноят гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотии (маҷмуи тактикӣ) зерин самаранок мебошад:

1. Пурсиши иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бо иштироки мутахассиси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ. Иштироки мутахассис имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккули изҳои

электронӣ-рақамӣ дар ҳомилҳои электронӣ дар ҷараёни содир намудани ҷиноят муайян карда шуда, амалҳои минбаъдаи мақомоти тафтишотӣ самаранок ба нақша гирифта шаванд. Ҳангоми пурсиш вазифаи муайян кардани ҳомилҳои эҳтимолии изҳои электронӣ-рақамии амалҳои ҷиноятӣ, инчунин гирифтани логинҳо ва паролҳо аз захираҳои гуногуни иттилоотӣ ҳал карда мешавад.

2. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ки дар рафти он бо иштироки мутахассис ҳомилҳои электронии пайҳои электронӣ-рақамӣ ва изҳои ҳузур ошкор карда мешаванд.

Минбаъд, вазъияти тафтишотии ибтидоӣ ба вазъияте табдил меёбад, ки дар он маълумот дар бораи мавҷудияти изҳои электронӣ-рақамӣ дар дастгоҳҳои шахсии иштирокчии мушаххаси мурофиаи ҷиноятӣ мавҷуд аст.

3. Азназаргузаронии ҳомилҳои электронӣ дар доираи ҳаракати тафтишотии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса. Ин амали тафтишӣ метавонад ҳам бо иштироки мутахассис ва ҳам аз ҷониби муфаттиш мустақилона бо истифода аз дониши худ дар соҳаи техникаи ҳисоббарор анҷом дода шавад. Дар рафти азназаргузаронӣ вазифаҳои ошкор кардани файлҳои корбарӣ, фаъолнокии интернетии истифодабарандагон ва барномаҳои махсуси таъминотӣ ҳал карда мешаванд.

4. Агар ҳангоми азназаргузаронии ҳомили электронӣ изҳои рақамии кирдорҳои ҷиноятӣ ошкор нагардида бошад, дар доираи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар бораи гирифтани ин ҳомил барои таҳқиқи минбаъда қарор қабул карда мешавад.

Вобаста ба вазъияти тафтишотӣ, гирифтани васоити электронӣ инчунин дар доираи ҳаракатҳои тафтишотии кофтуков ва ёфта гирифтан анҷом дода мешавад. Азназаргузаронии муфассали минбаъда дар доираи азназаргузаронии ашёҳо бо иштироки мутахассиси соҳаи техникаи компютерӣ гузаронида мешавад, зеро иштироки ӯ эҳтимолияти ошкор кардани иттилооти аз ҷиҳати криминалистӣ муҳимро зиёд мекунад. Инчунин, вобаста ба намуди маълумоти гирифташуда ва хусусияти парвандаи тафтишшаванда дар ин ва марҳилаҳои пешин, ба ғайр аз мутахассиси категорияи номбурда, ҷалби мутахассисони дигар соҳаҳо (масалан, иқтисодчӣ, равоншинос, санъатшинос ва ғайра) дар амали тафтишотӣ истисно нест.

5. Тадқиқоти иттилооти электронӣ-рақамии ошкоршуда. Он асосан барои ҳалли масъалаҳои хоси муайян кардани шарикони эҳтимолии дигар дар ҷиноят, шоҳидон, ҷабрдидагон, инчунин дигар ҳолатҳои фаъолияти ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад.

6. Таъйин намудани экспертизаи судии компютерӣ-техникӣ. Зарурат ба он вақте ба миён меояд, ки дар доираи азназаргузаронӣ маълумоти пурра ба даст оварда нашудааст.

7. Гузаронидани кофтуков. Ин унсури маҷмуи тактикӣ дар сурати ба вуҷуд омадани вазъияти тафтишотӣ дар маҷрои низоъ (ҳангоми мавҷуд будани муносибатҳои рақобат ва мухолифат байни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ) ва мавҷуд будани маълумот дар бораи ҷойи ҷиноят самаранок аст.

Вазъияти тафтишотӣ, ки бо мавҷудияти маълумот дар бораи ҷойи ҳодиса алоқаманд аст, аксар вақт ба вазъияте табдил меёбад, ки вазифаҳои асосии тактикии он аз инҳо иборатанд: муайян кардани шахсони гумонбар дар содир намудани ҷиноят, муқаррар

намудани ҷойи қарордошти эҳтимолии онҳо дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят, инчунин муайян ва таҳлили алоқаҳои (робитаҳои иттилоотӣ) иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ.

Дар ин ҳолат татбиқи маҷмуи зерини тактикӣ, ки барои ба даст овардани маълумот дар бораи пайвастшавӣ байни муштариён ва (ё) дастгоҳҳо нигаронида шудааст, самаранок аст [1, 221-229].

8.Арзёбии вазъи радиоэлектронӣ. Он имкон медиҳад, ки дар бораи истгоҳҳои базавии операторони алоқаи мобилӣ, ки дар як минтақаи муайян хидмат мерасонанд, маълумот гирифта шавад. Дар асоси ин маълумот ҷойи қарордошти муштарии мавриди назар дар вақти мушаххас ва пайвастҳои телефонии ӯро муайян кардан мумкин аст. Ин амал бояд бо иштироки мутахассиси дахлдор сурат гирифта, дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ё дар протоколи азназаргузаронии маҳал қайд карда шавад.

Ин маҷмуи тактикӣ бештар дар вазъияти тафтишотие, ки иштирокчиёни ҷиноят ба мақомоти тафтишот маълум нестанд, истифода мешавад.

Дар ин вазъият муфаттиш вазифадор аст, доираи муштариёнеро, ки ба ҷинояти содиршуда алоқамананд, муқаррар намояд. Барои ҳалли ин масъала маълумоти ҳамаи пайвастҳо тавассути истгоҳи базавии муайян таҳлил карда мешаванд, яъне биллинги пайвастҳои мобилӣ гузаронида мешавад. Арзёбии вазъи радиоэлектронӣ бояд дар он ҷойҳое анҷом дода шавад, ки эҳтимолияти будани иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ он ҷо мавҷуд аст. Агар якчанд ҷойҳои барои тафтишот муҳим муайян карда шаванд (ҷойи одамрабоӣ, ҷойи пайдо шудани ҷасад ва ғ.), он гоҳ зарур аст, ки вазъи радиоэлектрониро дар ҳар як макони маълум арзёбӣ карда, аз операторони мобилӣ дар бораи ҳама пайвастҳо тавассути истгоҳҳои базавии муқарраршуда маълумот талаб карда шавад. Сипас, дар бораи вақти ҷиноят маълумот дошта, таҳлили муқоисавии маълумоти биллингиро гузаронидан лозим аст, то макони қарордошти муштариён дар ин ё он вақт ва дар ин ё он ҷо муайян карда шавад. Дар натиҷаи муқоиса мақомоти тафтишот рӯйхати муштариёнеро, ки эҳтимолан дар ҷиноят даст доранд, дастрас менамоянд. Дар баробари ин, вобаста ба як қатор омилҳо (зичии аҳолии минтақа, серҳаракати дар шоҳроҳҳо ва ғайра) ин рӯйхат метавонад 10-15 муштарӣ ва ё шояд 100-200 муштариро дарбар гирад. Ҳангоми таҳлил, тафтиши ҳамаҷонибаи муштариён ва муқоисаи маълумоти гирифташуда бо дигар маълумоти парвандаи ҷиноятӣ, ин рӯйхат метавонад кам шавад ва имкон медиҳад, ки шахсони мушаххаси алоқаманд ба ҳодисаи тафтишшаванда муайян гарданд.

9. Аз операторони мобилӣ талаб кардани иттилоот дар бораи пайвастҳои телефонии иштирокчиёни муқарраршудаи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин маълумот дар бораи ҷойгиршавии истгоҳҳои хизматрасонӣ. Ин маҷмуъ метавонад ба мақомоти тафтишоти пешакӣ дар бораи ҷинояти содиршуда ва дигар ҳолатҳои дар парвандаи ҷиноятӣ муқарраршуда маълумоти муҳим диҳад: аз ошкор намудани муштариёне, ки бо иштирокчии мушаххаси мурофиаи ҷиноятӣ алоқа доранд, то муайян намудани ҷои вохӯрии шарикони ҷиноят.

10. Таҳлили иттилооте, ки аз операторони мобилӣ гирифта мешавад. Ин амалро метавонад ҳам худи муфаттиш ва ҳам мутахассис иҷро намояд ва ин ба вазифаҳое, ки дар назди тадқиқот истодаанд,

вобаста аст. Ҳангоми ҷалби мутахассиси дахлдор ба тадқиқот натиҷаи он метавонад дар шакли хулосаи мутахассис ба расмият дароварда шавад.

Дар вазъияти тафтишотӣ, ҳангоме ки маълумот дар бораи ҷой доштани изҳои электронӣ-рақамӣ дар дастгоҳи шахсии иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, мувофиқи мақсад дониста мешавад, то амалҳое, ки пайдарҳамии онҳо дар бандҳои 3-6 дар боло зикр шудааст, анҷом дода шаванд.

Дар вазъияти тафтишотие, ки бо мавҷудияти маълумот дар бораи шахс ё шахсони дар кирдорҳои ҷиноятӣ иштирокдошта, инчунин мухолифат ба тафтишот тавсиф мешавад, истифодаи маҷмуи тактикии дар бандҳои 7-10 зикршуда самаранок аст.

Бояд гуфт, ки ҳангоми ба амал баровардани маҷмӯи тактикии дар боло зикршуда принсипҳои асосии тадқиқоти криминалистии ҳомилҳои электрониро риоя кардан лозим аст. Ҳамин тавр, Е.Р. Россинская пешниҳод мекунад, ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишотӣ, ки ба санҷиши ҳомилҳои электронӣ алоқаманданд, чор принсипи асосӣ риоя карда шавад:

– принсипи тағйирнопазирии иттилоот, яъне иттилооти электронӣ-рақамӣ, ки дар ҳомилҳои ёфтгардида нигоҳ дошта мешавад, набояд тағйир дода шавад;

– принсипи гирифтани ҳатмии ҳомили электронӣ. Принсипи мазкур маънои онро дорад, ки омӯзиши иттилооти электронию рақамӣ дар ҷойи дарёфти ҳомил танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки агар гирифтани он барои таъйин кардани экспертизаи судии компютерӣ-техникӣ имконнопазир бошад;

– принсипи иштироки ҳатмии мутахассис. Моҳияти ин принсип дар он аст, ки ҳамагуна ҳаракат бо ҳомили электронӣ бояд танҳо бо иштироки мутахассис анҷом дода шаванд;

– принсипи протоколкунонии амалҳо. Риояи ин принсип имкон медиҳад, ки истифодаи натиҷаҳои амалҳои тафтишотӣ, ки ба омӯзиши ҳомилҳои электронӣ-рақамӣ нигаронида шудааст, дар ҷараёни исботи парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин карда шавад [10, 115].

Ҳамин тавр, риояи принсипҳое, ки Э.Р. Россинская пешниҳод кардааст, бешубҳа, ҳангоми кор бо ҳомилҳои электронии иттилоот аҳамияти калон доранд. Дар баробари ин, татбиқи принсипи дуюм (гирифтани ҳатмии ҳомили электронӣ) на ҳамеша аз нуқтаи назари исбот самарабахш буда метавонад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дастрасӣ ба иттилоот ва омӯзиши он дар ҷойи қарордошти ҳомил аксаран роҳи кофии мустаҳкамкунии изҳои электронӣ-рақамӣ мебошад. Баъзан мусодираи беасоси ҳомили электронӣ метавонад ҳуқуқи дигаронро поймол карда, оқибатҳои манфиро ба бор орад, масалан, дар корхонаҳои истеҳсолӣ боиси муваққатан қатъ гардидани фаъолияти онҳо гардад ва ё ба фаъолияти пурраи ин корхонаҳо таъсири манфӣ расонад. Вобаста ба ин, масъалаи гирифтани ҳомили электронӣ бояд якҷоя бо мутахассиси соҳаи технологияҳои компютерӣ бо дарназардошти тамоми хавфҳои имконпазир, аз ҷумла, хатари гум шудани изҳои электронӣ ҳал карда шавад. Дар ин бобат мебоист ба фикри Ю.В. Гаврилин ва А.В. Победкин розӣ шуд, ки тибқи он усули афзалиятноки ба даст овардани иттилоот бояд нусхабардорӣ бошад, на гирифтани ҳомили электронӣ [5, 110]. Ҳомилҳои электронӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани асосҳои объективӣ дар хусуси он ки дар онҳо изҳои электронӣе мавҷуданд,

ки дар маҳалли қарордошти онҳо ошкор карданашон ғайриимкон аст, инчунин дар ҳолати зарурати таъин намудани экспертизаи судии компютерӣ-техникӣ бояд гирифта шаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда метавон чунин хулоса кард.

Усулҳои тактикии ошкор ва сабти изҳои электронӣ-рақамӣ аз вазъияти мушаххаси тафтишотӣ, ки дар лаҳзаи мушаххаси тафтишот ба вуҷуд омадааст, вобаста мебошанд.

Дар вазъияти тафтишотӣ, ки дар он маълумот дар бораи нигоҳдошти изҳои электронӣ-рақамӣ дар дастгоҳи шахсии иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, гузаронидани амалҳои зерин самаранок аст: а) азназаргузаронии ҳомили электронии иттилоот бо иштироки мутахассис; б) таҳқиқ ва муқоисаи иттилооти ошкоршуда бо дигар маълумоти воқеии ҳодисаи таҳқиқшаванда.

Агар ҳангоми азназаргузаронӣ маълумоти зарурӣ ва пурра ба даст наояд, зарур аст: а) ҳомили электронии иттилоот гирифта шавад ва б) экспертизаи судии компютерӣ-техникӣ таъин гардад. Дар сурати инкишофи вазъияти бидуни низоъ, маҷмуи тактикии зикргардида метавонад пеш аз ин амалҳои тафтишотӣ сурат гирад: а) пурсиши иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, бехтараш бо иштироки мутахассиси технологияҳои иттилоотӣ; б) азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо иштироки мутахассис. Дар ҳолати инкишофи вазъият дар маҷрои низоъ ба ҷойи маҷмӯи амалҳои мазкур кофтуков гузаронида мешавад.

Дар вазъияти тафтишотӣ, ки бо мавҷудияти маълумот дар бораи ҷои ҳодиса, шахс ё шахсони ҷиноятсодиркарда, инчунин муқовимат ба тафтишот тавсиф мешавад, истифодаи маҷмуи тактикии зерин мақсаднок дониста мешавад: а) арзёбии вазъи радиоэлектронӣ бо иштироки мутахассиси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ; б) аз операторони мобилӣ талаб кардани маълумот дар бораи тафсилоти гуфтугӯҳои телефонии иштирокчиёни мушаххаси мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин маълумот дар бораи ҷойгиршавӣ ва самти (азимут) истгоҳҳои базавии хизматрасонӣ; в) таҳлили иттилооти гирифташуда. Таҳлилро муфаттиш метавонад мустақилона ё бо ҷалби мутахассис анҷом диҳад. Ҳангоми ба тадқиқот ҷалб намудани мутахассис ё коршинос натиҷаи он метавонад дар шакли хулосаи мутахассис ё коршинос ба расмият дароварда шавад.

Вобаста ба хусусиятҳои тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо маҷмуи тактикии дар боло зикргардида метавонанд такмил ва мушаххас карда шаванд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Антонов О.Ю. Получение информации о соединениях между абонентами и (или) абонентскими устройствами в России: сущность, этапы и пути совершенствования тактического обеспечения // Вестник Томского государственного университета, 2020,. № 459.
2. Белкин Р.С. Криминалистическая энциклопедия. 2-е изд., доп. – М.: Мегатрон XXI, 2000. – 211с.
3. Белкин Р.С. Собирание, исследование и оценка доказательств. Сущность и методы. – М.: Наука, 1966. – 29 с.
4. Винберг А.И. Криминалистика. Вып. 1: Введение в криминалистику. – М.,1950.
5. Гаврилин Ю.В., Победкин А.В. Собирание доказательств в виде

сведений на электронных носителях в уголовном судопроизводстве России:необходимо совершенствование процессуальной формы // Труды Академии управления МВД России, 2018, № 3 (47). – 110 с.

6. Гончаров А.В. Использование возможностей современных инновационных технологий при исследовании цифровых устройств мобильной связи и компьютерных носителей информации при расследовании преступлений // Криминалистика - прошлое, настоящее, будущее: достижение и перспективы развития. Мат. Междунар. науч.-практ. конф. – М.: Московская академия Следственного комитета Российской Федерации, 2019. – С. 186-201.

7. Материалы уголовного дела № 15185 в отношении Назарова С.Х. по ч.2 ст. $307^3$ УК Республики Таджикистан от 07.02.2021 года.

8. Материалы уголовного дела №23139 в отношении Давлатова Д.М. по ч.2 ст. $307^3$ УК Республики Таджикистан от 18.02.2022 года.

9. Ратинов А. Р. Судебная психология для следователей. – М.: Юрлитинформ. 2008. –157 с.

10. Россинская Е. Р. К вопросу о частной теории информационно-компьютерного обеспечения криминалистической деятельности // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки, 2016, № 3-2. –115 с.

# МОРФОЛОГИЧЕСКИЙ СПОСОБ ОБРАЗОВАНИЯ ЛЕКСИКИ И ТЕРМИНОЛОГИИ БЕЗОПАСНОСТИ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

# ТАРЗИ МОРФОЛОГИИ ЛУҒАТСОЗӢ ВА ИСТИЛОҲОТИ АМНИЯТ ДАР ЗАБОНҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

# MORPHOLOGICAL WAY OF FORMATION OF VOCABULARY AND TERMINOLOGY OF SECURITY IN MODERN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

**Худойназарова З.Ч.**
**Khudoinazarova Z. Ch.**



*Профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, полковник.*

*Профессор кафедры общественных дисциплин Высшей школы ГКНБ Республики Тадикистан, соискатель кафедры иностранных языков Национальной академии наук Таджикистана, полковник.*

*Professor of the department of the Higher school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, applicant for the department of foreign languages of the National Academy of sciences of Tajikistan, colonel.*

**Ихтисоси илмӣ:** 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ.

**Научная специальность:** 10.00.12 – сравнительно-историческое, типологическое и сопоставительное языкознание.

**Scientific specialty:** 10.02.12 – the comparative-historical, typological and comparative philology.

**Аннотация:** в статье рассматриваются основные морфологические способы образования лексики и терминологии в сфере безопасности на материале таджикского и английского языках. Представлены происхождение и определение термина, а также использование термина «безопасность» в таджикском и английском языках. Были анализированы словообразование лексики и терминологии безопасности в таджикском и английском языках. Приведены примеры образования лексики и терминологии безопасности с использованием префиксов, суффиксов, конверсии и аббревиации. Проведён сопоставительный анализ способа образования лексики и терминологии безопасности в таджикском и английском языках и его использование в разных языках. Также представлены заимствованные английские слова в сфере безопасности из других языков.

**Ключевые слова:** таджикский язык, английский язык, лексика, терминология, безопасность, префиксы, суффиксы, конверсия, аббревиация, заимствованные слова.

**Аннотатсия:** дар мақола тарзи морфологии луғатсозӣ ва истилоҳоти амният дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Пайдоиш ва таърифи истилоҳ, инчунин, истифодаи истилоҳи «бехатарӣ» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пешниҳод мегардад. Калимасозии лексика ва истилоҳоти бехатарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ гардиданд. Намунаҳои калимасозӣ ва ихтисораҳо бо

истифодаи пешвандҳо, пасвандҳо, конверсия (калимасозӣ бо роҳи дигар кардани парадигмаи калима) оварда шудаанд. Таҳлили муқоисавии тарзи лексикасозӣ ва истилоҳоти бехатарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва истифодабарии он дар забонҳои гуногун гузаронида шудааст. Ҳамзамон, калимаҳои англисии иқтибосии «бехатарӣ» аз дигар забонҳо пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** забони тоҷикӣ, забони англисӣ, лексика, истилоҳот, бехатарӣ, префикс, суффикс, конверсия, ихтисораҳо, калимаҳои иқтибосӣ.

**Annotation:** the article considers the main morphological methods of word-formation and terminology of «security» on the basis of Tajik-English languages materials. It was proposed the origin and the determination and also the usage of "security" term in Tajik and English languages. And it was examined the origin of world-building of vocabulary and terminology of security in Tajik and English languages. Using prefixes, suffixes, conversion, word-formation and abbreviation, gave an example of formation of vocabulary and terminology of «security». Also was held comparative analyses of the method of foundation of vocabulary and terminology in Tajik and English languages and it's usage in different languages. And also were proposed unoriginal English words of «security» from other languages.

**Key words:** English language, Tajik language, vocabulary, security, terminology, suffix, prefix, conversion, abbreviation, unoriginal words.

Политические процессы в обществе могут влиять на изменение терминологии в сфере безопасности. Терминологией безопасности могут пользоваться не только специалисты право-охранительных органов, но и политики, журналисты, дипломаты, обычные люди.

В современном английском языке образование новых терминов безопасности возможно путём использования обычных способов словообразования. Значение новых терминов в сфере безопасности можно приобрести, имея соображения о способах словообразования. К терминологии безопасности относятся все термины и словосочетания данной сферы. Лексика современного английского языка очень подвижна, вследствие чего неологизмы пополняют словарный запас. В настоящее время процесс появления слов и терминов безопасности с их значениями ускоряется.

С политической точки зрения понятие «безопасность» является синонимом слова «государства» и наоборот [3, 36].

Если безопасность государства означает состояние защищённости по отношению к суверенитету, территориальной целостности, политическому, экономическому, социальному положению, одновременно такое обстоятельство подразумевает экономическое развитие и повышение народного благосостояние. Без этих двух последних элементов безопасность – пустейшая фраза [4, 24].

Ситуация в мире и регионе на сегодняшний день остаётся напряжённой. Исходя из этого, важнейший вопрос заключается в обеспечении безопасности, общества и государства. В центре дискуссии стоит вопрос защиты мира, стабильности и безопасности [3, 39].

В ходе проведённых исследований выяснилось, что по сравнению с военной терминологией, терминология «безопасности» остаётся малоизученной. Исходя из этого, остановимся на изучении данной терминологии.

Нужно отметить, что термин «безопасность» в различных языках

имеет разные формы, но имеет равное значение.

| Английский язык | Таджикский язык |
|---|---|
| security | бехатарӣ |
| safety | таъмини амният |
| stability | устуворӣ |
| danger | хатар |
| threat | таҳдид |
| protection | муҳофизат |
| ensure | таъмин |

Наиболее активно используется слово **«амният»** в таджикском языке как существительное. Корень слова **«амн» (амну амонӣ) – (**анг. **quite; serenity; security), «амният» (**safety; security; pacification) с употреблением суффикса ***-ӣ в*** таджикском языке можно образовать имя прилагательное, к примеру, ***амният – амниятӣ*** относящийся к **амният** (безопасности): ***неруҳои амниятӣ*** (силы безопасности) [8, 59,60].

Словообразование – наука о способах и средствах образования новых слов, а также о строении и составе имеющихся слов.

Ученые 40-50-х годов В.В. Виноградов, Г.О. Винокур и А. И. Смирницкий своими исследованиями внесли огромный вклад в словообразование.

По определению В.В. Виноградова, морфология изучает формообразование, а словообразование — образование слов.

Словообразование происходит при появлении нового слова в языке (word for ma tion; ка-ли-ма-со-зӣ).

По приведённым примерам постараемся рассмотреть основные способы английского словообразования:

Конверсия (conversion) обозначает роль слова в изменении части речи. К абсолютному типу конверсии относятся те слова, которые имеют одинаковое написание и фонетическую структуру. Например:

***shoo-ting ( тирпарронӣ) – (to) shoot (паррондан)***

***rec-ru-it-ment (ҷалбкунӣ) – (to) recruit (ҷалб кардан)***

***in-for-ma-tion (маълумот) – (to) inform (маълумот додан)***

***ex-pose (фошкунӣ, ошкоркунӣ) – (to) expose(фош, ошкор кардан)***

Морфология - это раздел грамматики, изучающий словоизменение и грамматические разряды слов (части речи), имеющиеся в данном языке.

Термины образуются от общеупотребительных слов. Морфологический способ образования терминов происходит с помощью префиксов и суффиксов.

При образовании терминов суффиксы занимают место справа от корня слова. Суффиксация образует новые термины или слова.

Префикс от суффикса отличается тем, что префиксы употребляются в начале слова, а суффиксы ставятся в конце. Если поставим префикс перед словом, изменится значение корневого слова. Префиксы и суффиксы играют огромную роль в образовании неологизмов.

В английском языке часто используются следующие (образующие лексику безопасности) префиксы: ***-co*** *(cooperation-ҳамкорӣ)*,***-counter*** *(counterintelligence-зиддииктишоф)*, ***-de*** *(destabilization-ноустуворӣ)*, ***-dis*** *(dismiss-напоканда)* - *disengagement (аз ҷанг баромадан)*, *-engagement (ҷанг, задухӯрд)*, *-disarm-(бесилоҳкардан)*,-***ex*** *(external-дохили)*, ***-in*** *(innocent-бегуноҳ)*, ***-im*** *(important-муҳим)*,-***over*** *(overhead-болоӣ)*, ***post*** *(postwar-баъдиҷангӣ)*, ***-pre*** *(preliminary-пешакӣ)*,***-re*** *(responsibility-масъулият, ҷавобгарӣ)*, ***-sub*** *(submashingun-силоҳ)*, *-sabotage (коршиканӣ,вайронкорӣ)*, *-**super*** *(supervision-мушоҳида)*,***-trans***

*(transnational, transmission – фаромиллӣ, интиқол), -undertake (таъмин, муҳофизат),* ***- out*** *(outside-берунӣ).*

В народном творчестве также активно используются термины «безопасности», так как они остаются актуальными во все времена.

Английские пословицы и поговорки охватывают все стороны жизни английского народа.

Например, в нижеследующих цитатах эти термины народ употребляет в значении:

Кто не боится **опасности,** останется невредимым. – Касе аз **хатар** наметарсад, зарар намебинад. – Who is not afraid of **dange**r will remain unharmed.

Ощущение **безопасности** делает человека неосторожным. – Ҳисси **бехатарӣ** инсонро беэҳиёт мекунад. – The feeling of **security** makes a person careless.

В **безопасный** путь посылают только слабых. – Ба роҳи **бехатар** танҳо шахсони заифро мефиристанд. – Only the weak are sent on a **safe** path.

В ходе исследования установлено, что авторы художественных книг при создании произведений, наряду с общеупотребительной лексикой, широко используют и термины «безопасности».

К примеру, в своем произведении «Воспоминание» («Ёддоштҳо») С. Айни рассказывает *и* о военной обстановке конца XIX начала XX века в Бухаре. Автор умело и продуктивно употребляет следующие термины «безопасности», относящиеся к существительному: ***одамкушӣ (killing), далел (evidence), шиканҷа (torture, torment), куштор (murder), сиёсатдонҳо (politician), қотил (murderer), ҳимоя (protection), ҷазо (punishment), сир (secret)****и др. [1,508].*

Слово ***куштор(murder)*** в данном произведении используется при описании убийства или проявлении неуважения к высшему обществу и государству. В таджикском и английском языках слово ***куштор (murder) значит*** *убить, лишить кого-то жизни,* то есть нанести вред кому-либо. The boy was brutally **murdered**. – Писар бераҳмона **кушта шуда буд**.

В Толковом словаре таджикского языка слово ***«куштор»(murder)*** на тадж. яз. означает - ***кушиш, куштан; бисёр куштан – на анг.- (murder, to kill, to kill much)*** *[10,с.640].*

Слово ***«куштор»*** относится к имени существительному, ед.числу, мужск.роду, корень слова- ***куштан-(суффикс)-ор.***

Термины «безопасность» образуются при помощи морфологического способа образования с помощью префиксов и суффиксов как в английском, так и в таджикском языках.

Например, в таджикском языке, образующие существительное:

Суфикс ***-хоҳ, амният-амниятхоҳ*** – Ҷонибдори **сулҳ** шахсе мебошад, ки тарафдори **сулҳу субот** аст. – A supporter of **peace** is one who is for **peace and tranquility**. – Сторонником мира является тот, кто за **мир** и **спокойствие.**

Суффикс - ***ҷӯй, амният – амниятҷӯй–сулҳ –сулҳҷӯй***[8,с.59,60].

В таджикском языке продуктивно употребляется отрицательный префикс ***бе-***. В Толковом словаре таджикского языка слова: ***бехатар (анг. safe;secure), бехавф (safe;secure): роҳи бехатар (secure way)*** образуются посредством *префикса* ***-бе-*** , корня – **хатар, хавф**, относятся к имени прилагательному.

*Суффикс* ***-ӣ*** в таджикском языке также продуктивно употребляется в лексике «безопасности». Например, слово ***«бехатарӣ»*** на

анг. яз. означает ***(safety; security)*** и трактуется как ***бехатар будан (to be secure), эмин будан аз хатар(to secure from dangerous), таҳдид накардани хавфу хатар (not threaten of fear and dangerous), бехавфӣ (safety;security), амният (safety; security): идораи бехатарӣ (security office), Кумитаи амният (Security Committee); амнияти давлатӣ (State security); техникаи бехатарӣ (security technique).***

Продуктивными суффиксами в английском языке являются: ***tion-(corruption – ришватхӯрӣ, фасод), (solution–хулосақарор, (information–маълумот), (cooperation – ҳамкорӣ), sion – (tension–шиддатнок, (mission-супориши ҳарбӣ), (aggression – ҳамла, таҷовуз), (explosion - таркиш)***, (***oppression – зулм, ситам), ty-( cruelty – бераҳмӣ), (casualty – захмӣ), (liberty – озодӣ), (stability – устуворӣ)*** [10, 193].

В нижеследующих предложениях автор продуктивно использует следующие термины, относящиесяксфере«безопасности»: ***озод – free, асорат – slavery, озодӣ – freedom***: «Ман аз бозе, ки худро медонам, худро **озод** нигоҳ доштам, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ маврид **асоратро** ба гардан нагирифтам. Дар вақтҳое ки ман ба дарбор мансуб будам, маъмур ва ротиба (маош)-хӯри подшоҳӣ будам, низ **озодиамро** аз даст надодаам ва асоратро ба гардан нагирифтаам. Мактуб ва аризаҳоям ба подшоҳ аз ҳама гуна алқоб, тамаллуқ ва хушомад холӣ буд» [1, 546].

С тех пор, как я знаю себя, держал себя на свободе, никогда не был узником. Когда я был при дворе, был администратором и слугой царя, не терял свободы и не принимал слугу. Мои письма и обращения к королю были лишены какого-либо прозвища, честолюбия или лести.

«Since I know myself, I save myself free, never and in any case didn't take over **slavery.** When I was pertaining to court, I was a manager and pad shah's earner, didn't lose my freedom and didn't take over **slavery** too. Letters and applications were empty from any nickname, flattery and compliment».

Люди всего мира хотят жить в мире и безопасности. Однако в настоящее время в некоторых странах мира, в том числе в Афганистане и на Украине, в результате политических конфликтов люди живут в неспокойной обстановке.

Проблема разработки терминологии рассматривалась еще в 30-х годах прошлого столетия. Каждая сфера имеет свою специальную терминологию. Терминология – это наиболее подвижная часть словарного состава языка, особенно бурно развивающаяся в последние десятилетия в результате стремительного движения науки и техники вперёд [5, 29].

Одним из важнейших источников лингвистической терминологии в таджикском и английском языках послужили ранние научные и литературные памятники, созданные на обоих языках.

В научной статье «Сравнительный анализ способов терминообразования в таджикском и русском языках» Саидов Х.А. разделил военные термины на 16 лексико-семантических групп, к наиболее многочисленным из них относятся: ***«сражаться-воевать» – мубориза бурдан, ҷангидан(to fight), «вести огонь» – оташ кушодан (fire on), «осаждать, окружать» – муҳосира, иҳота кардан(to siege – to surround) ,*** которые также употребляются в лексике «безопасности».

В знаменитом романе Юлиана Семёнова «Семнадцать мгновений весны» можно встретить термины, которые непосредственно связаны

со сферой безопасности, так как сюжет произведения поведал нам о жизни и деятельности легендарного советского разведчика Штирлица (Максима Исаева). Известный писатель современной русской литературы в романе использовал много терминов, которые связаны с безопасностью: ***агент – agent, амалиёт – operation, пулиси махфии давлатӣ – secret state policy, betrayal – хиёнат, худкушӣ – suicide, иктишоф – intelligence, шубҳа – suspicion, хатар – danger, душман – enemy, бомбежка – бомбаборон, шикаст, нокомӣ – failure, мухолифат – opposition*** [6, 8-26].

Нужно отметить, что в романе мы также встречаем термины безопасности, которые взяты из немецкой лексики, например: штандартенфюрер (нем. Standartenführer, сок. Staf) –это звание в СС и СА соответствовало званию оберста (полковника) в Вермахте.

Слово ***разведчик – кошиф (secret service man)*** означает военнослужащий, которого отправляют в разведку для выполнения секретного задания.

Слово ***радист*-радист, радиочӣ (wireless operator)** – специалист, принимающий и передающий важное сообщение по рации.

Общеупотребительными словами в лексике «безопасности» являются: ***звание, субординация, секрет, сохранение, конспирация, информация, агент, тайна, расшифровка, сведения.***

Теперь дадим определение слову "термин". Слово **«термин»** , которое на латинском языке звучит как **terminus**, и означает ***«конец – охир(end), предел – ҳудуд (limit), окончание –хотима(terminsation)».*** Анг. **term**, тадж. **мухлат** (руск**. срок**). В Толковом словаре таджикского языка **истилох.** Этимологическое происхождение слова «термин» имеет следующую трактовку: «Terminus, или termen, inis, или termo, onis происходят от корня ter,- которое имеет следующее значение***: «ба пеш рафтан, ба мақсад расидан» (go ahead, succeed).*** В словарях **terminus** переводится как ***«border (сарҳад)», «bound(ҳудуд)»*** [5, 20]. Такое определение дано многими учёными - лингвистами в научных трудах.

Следует отметить, что к лексики «безопасности» можно отнести и научно-технические термины, употребляемые с военными понятиями (например – ***тасмаи милтиқ*** (rifle sling). Происходящие явления стали базой становления терминологии «безопасности» таджикского языка.

В романе «Не говори, что лес пустой…» Фатех Ниязи, описывая героически погибшего героя Давлята Сафоева при выполнении сложной и опасной боевой операции по спасению советских людей, использует следующие термины, связанные со сферой безопасности: ***fight*** – *мубориза,* ***boader*** – *сарҳад,* ***weapon*** – *милтиқ,* ***wounded*** – *захмӣ,* ***fire*** – *оташ*, ***robbery*** – *тороҷ*, **machine-gun** – *силоҳ*, ***cannons*** – *тӯпҳо*, **enemies** – *душманон, дастаҳо, душман*, ***task*** – *супориш, operation –амалиёт, забт, иҳота, secret service agent – кошиф,* ***officerrank*** – *рутбаи афсарӣ* [2, 14].

Слово ***operation – амалиёт*** – организованная деятельность, в которую вовлечены много людей для выполнения различных заданий.

Корень слова – ***operate***-суффикс- ***tion,*** образуется от корня слова ***operate,*** суффикса – ***tion.***

Слово ***enemy – душман*** существительное, единственное число, третье лицо, неодушевлённое, означает противодействовать или враждебно относится к кому-чему-нибудь.

Слово – ***murder*** – образовано от корня **-murd-** и суффикса **-er,** неодушевленное, мужск.род, 3-е склонение, существительное.

Корень слова – ***куштор*** на тадж. **-куштан-** , суффикс **- тор.**

Слово **асорат** произошло из арабского языка и означает ***асирӣ, гирифторӣ, бандагӣ; ба асорат афтидан// гирифтори асорат шудан, ба асирӣ афтидан, асир гаштан, анг.-.(captivity; bondage, caught; delayed, to stay in bondage, to enslave, to become prisoner, to enslave).*** Данное слово является существительным, неодушевленным, относится к мужской роду, единственному числу.

Имя существительное считается самой богатой частью речи в современном английском языке. Существительные можно производить с помощью суффиксации от основ различных частей речи. В современном английском языке суффиксы существительных разнообразны. Суффиксы, как часть слова имеют признаки существительного.

При вставке суффикса после корня происходит изменение слова как части речи. В английском языке часто употребляются следующие, образующие существительное суффиксы:***-er****(killer-одамкуш, котил,* ***-or*** *(agrassor-таҷовузкор),* ***-ant*** *(informant, хабаркаш, расонанда),-****ent*** *(disarmament – бесилоҳкунӣ, бесилоҳкунӣ),(commandment – фармон),* ***-ion*** *(information – маълумот),* ***-ment*** *(movement – ҳаракат),****-ture*** *(srtructure – сохтор – структура),* ***-age*** *(espionage – ҷосусӣ),* **–ence** *(independence-истиқлолият),* ***-ance*** *(important-importance – муҳим – аҳамият),-****ing****,* ***-ism****(separatism – ҷудоихоҳӣ),* ***- ity*** *(stability – устуворӣ),* **-ness** (defencelessness – *беҳомӣ),* ***-ency*** *(dependency – номустақил),* ***-ship*** *(relationship – муносибат (отношение),* ***-ist****(arsonist – оташдиҳанда –поджигатель),-****ian****(башардӯстона – humanitarian (гумманитарный),* ***-tion****(liquidation – барҳамдиҳӣ – ликвидация).*

При прибавлении суффикса к глаголам, существительным и прилагательным образуются следующие производные прилагательные как: ***-ive****(represent – representative – намояндагӣ кардан, намоянда),* ***-able*** *(stable – stability – устувор – устуворӣ),* ***-ical*** *(policy–political–сиёсат– сиёсӣ),* ***-ent*** *(accomplish – accomplishment),* ***-ant****(command – commandant),* ***-l*** *(tactic–tactical),* ***-ous****(suspect – suspicious – шубҳа – шубҳанок),* ***-ful*** *(use –useful – истифода – фоиданок),* ***-less****(defence–defenceless – мудофиа, муҳофиза, беҳимоя,),* ***help*** *– helpful (ёрӣ – фоиданок),* ***use–*** *useful (истифода – фоиданок).* **зиддиҷангӣ**

По материалам исследования обнаружено, что среди суффиксов существительных, суффикс **«-er»** для лексики «безопасности» является самым продуктивным. Он сочетается с основами глаголов и прилагательных. К примеру:

***Отглагольные существи-тельные****:* ***to kill–killer (куштор – кушанда), to fight – fighter (мубориза – ҷанговар), to smuggle – smuggler (қочоқгарӣ кардан – қочоқчӣ), murder – muerderer (куштор – кушанда), to attack –attacker (ҳамла кардан-ҳамлакунанда), organize- organizer (ташкил кардан – ташкилотчӣ) conceal – concealer (пинҳон кардан – пинҳонкунанда).***

***С прилагательными****:* ***high – higher(калон – калонтарин – высокое звание – на звание высше рутбаи баланд – баландтар), to bit-bitter(задан –бераҳмона), bitter enemy (душмани ашшадӣ ).***

Аффиксация, словосложение, конверсия и аббревиатура относятся к основным морфологическим способам словообразования терминов безопасности.

При присоединении слово-образующих аффиксов (префиксов и суффиксов) к основам частей речи образуются новые слова.

## Суффиксы, с помощью которых образуются (существительные) термины безопасности:

**Таблица 1.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **-ment:** | bombardment; punishment, armament | **-ӣ, -он** | бомбаборон; ҷазодиҳӣ; силоҳ |
| **-age:** | camouflage; sabotage; espionage | **-ӣ** | либоси низомии саҳроӣ; коршиканӣ; ҷосусӣ |
| **-ability:** | maintainability, responsibility, | **-ӣ** | дастгирӣ; масъулият; ҷавобгарӣ |
| **-ance:** | surveillance; resistance; importance | **-ӣ** | назорат; дидбонӣ; муқовимат; муҳиммият |
| **-ry:** | weaponry; missilery; | **-** | мусаллаҳ; техникаи мушакӣ |
| **-ship:** | generalship; brinkmanship | **-ӣ** | рутбаи генералӣ; мувозина |
| **-ty:** | casualty | **-ӣ** | захмӣ, кушташуда |
| **-ant:** | commandant; illuminant | | комендант; |
| **-eer:** | missile; cannoned | **-** | мушак; тӯп |
| **-ence:** | deterrence | **-ан** | боздоштан, тарсондан |
| **-ent:** | deterrent | **-ан** | воситаи тарсондан |
| **-er:** | launcher; booster; gunner; killer | **-андоз** | тӯпи гранатаандоз; ракетаи ҳомил; гранатаандоз; кушанда |
| **-ier:** | grenadier; bombardier | **-зан** | гренадер (дар артиши Россияи подшоҳӣ ва дар баъзе артишҳои хориҷӣ сарбозон ё афсарони қисмҳои яккачини пиёдагард ва ё савора, ки қадбаланду тануманд буданд); тӯпзан |
| **-ism:** | cannibalism, extremism | **-изм** | экстремизм |
| **-ion:** | reunion, agitation | **-ӣ** | оштӣ, сулҳ, ташвиқот |
| **-st:** | analyst | **-гар** | таҳлилгар |

**Слова:** ***граната-андоз, тир-андоз, бомба-борон, найза-занӣ, найза-партоӣ, қонун-шиканӣ, кор-шиканӣ,*** состоят из двух частей относятся к сложным существительным.

К сложным словам «безопасности» также относятся: ***comrade-in-arms (рафиқи ҷангӣ), Commander-in-chief (Сарфармондеҳ).***

**Суффиксы прилагательных, которые часто используются в лексике безопасности: -able:** (transportable – гузарондашаванда), (disputable –баҳснок), **-al:** (criminal – ҷиноятӣ), (international – байналмилалӣ), **-ary:** revolutionary – инқилобӣ), **-ible:** convertible – бозгарданда, **-ic(al):** strategic – стратегӣ, tactical – тактикӣ), **-less:** (harmless – бехатар), **-ous:** (amphibious – десантӣ), (suspicious – шубҳанок).

**Суффиксы глаголов, более употребляющиеся в лексике безопасности: -ate:** (activate - фаъолкунонӣ, evacuate – тахлиякунӣ**), -ize:** (mobilize – сафарбаркунӣ), (destabilize – ноустуворӣ).

**Образование терминов (существительных) при помощи наиболее употребительных префиксов: anti-:** (antiterrorist – зиддитеррористӣ), (antiwar – зиддиҷангӣ), (antimissile – зиддиракетавӣ), **co-:** (coordination –мутобиқаткунӣ), (cooperation – ҳамкорӣ), **counter-:** (counterterrorism – зиддитеррористӣ), counterin-

telligence – зиддииктишоф), **dis-:** (disorganization – исён), (disarmament – бесилоҳкунӣ), **ex-:** (exacerbate –пурзӯркунӣ), examine – баҳодиҳӣ), **non-:** (nongovernmental – ғайридавлатӣ, (nonproliferation – паҳн накардани силоҳи ҳастаӣ), (non-aggression –ҳуҷумнакунӣ).

**В таджикском языке суффиксы (пасвандҳои) *–ӣ, -гӣ*** образуют абстрактные имена качества, профессии и действий. ***Например:*** *чорабиниҳои агентур**ӣ*** **(secret-service arrangement*)*, *амали террорист**ӣ** **(terrorist act)**, гурӯҳи эктремист**ӣ** **(extremist group)**, ҳуҷҷати таҳлил**ӣ** **(analytical document)**, амали таъсиррасон**ӣ** (**impresssive** act), кирдори зиддиҷамъият**ӣ** **(antisocial act)**, далеҳои айбдоркун**ӣ** ва шайъ**ӣ** **(accusation and exact proof)**, афсари эҳтиёт**ӣ** **(reserve officer)**, сиёсати дохил**ӣ** ва хориҷ**ӣ** **(internal and external officer)**, авфи умум**ӣ*** **(general amnesty*)*, *ҳадафи асос**ӣ** **(the main aim)**, кодекси ҷино**ӣ** **(criminal case)**, парвандаи оператив**ӣ** **(operational case)**, ҳуҷҷати махф**ӣ** **(secret document)**, суроғаи пинҳон**ӣ** **(secret address)**, усули ҷалбкун**ӣ** **(recruiting method**, ҷиноятkор**ӣ** **(criminality)**, фошкун**ӣ** **(leakage)**, айбдоркун**ӣ*** **(accusation*)*, *махфикор**ӣ** **( secrecy)**, муайянкун**ӣ** **(determination )** .*

Суффиксы (**–ӣ, -гӣ, -вӣ**) в таджикском языке образуют относительные прилагательные, такие как: лавозимоти ҷанг**ӣ** (**ammunition**), маълумоти разведка**вӣ** **(intelligence information)**, фаъолияти контрразведка**вӣ** **(counterintelligence activity),** фаъолияти ҷосус**ӣ** **(espionage activity)**, амнияти давлат**ӣ** (state security), ҷанги иттилоот**ӣ** **(information war)**, амри хаттӣ **(writing order)**, варақаи назорати сарҳадӣ **(border control sheet),** парвандаи самтӣ **(direction case)**, бетартибиҳои оммавӣ **(racial discrimination),** манфиатҳои миллӣ **(national interests).**

**В таджикском языке пешвандҳои феълии *(отглагольные префиксы): дар-*** *даргирифтан (to flash up, to fire)**, бар-** барангехтан (to provoke**)**, барандохтан (to overthrow, to destroy) барангезонидан (to worry), баррасидан (to get information, to make inquiries, to obtain, to investigate), **фур-** фурӯзонидан (to set fire, kindle)**, фар-** фармудан (to order, command)**, боз-** боздоштан (to detain, to delay), бозгардонидан (to return, to turn back), бозҷустан (to investigate), **во-:** вогузоштан (to entrust, to give a chance), вогурехтан (to run away), водоштан (to force, to compel, to stop, to warn пишутся слитно и образуют лексику «безопасности».*

Пешванди маъносози инкории (отрицательный префикс**): на-** *наҳаросидан (don't be afraid of), напаррондан (don't shoot), натарконидан (don't explode).*

В английском языке **отрицательные словообразовательные префиксы**: ***-anti- и counter-*** означают противоположность действия. Например: ***anti****war – зиддиҷангӣ,* ***anti****terroristic – зиддитеррористӣ,* ***anti****-fascist – зиддифашистӣ,* ***anti****missile – зиддиракетавӣ,* ***anti****-nuclear– зиддиҳастаӣ,* ***anti****state – зиддидавлатӣ,* ***anti****tank – зиддитанкӣ. Префикс –* ***counter-*** образует существительное. ***Так,*** ***counter****intelligence –зиддииктишоф,* ***counter*** *– spionaging – зиддиҷосусӣ,* ***counter****action –муқовимат.*

Худоиева Н.Н. в научной работе «Структурно-семантический анализ военной терминологии таджикского языка», классифицируя военную терминологию, разделяет её на следующие группы: «военно-организационная, терминология по родам войск и видам вооружённых сил, терминология, обозначающая воинские звания, обозначающая средства обороны и вооружение, военную медицину, область связи,

и другие военные отрасли.

Кроме того, «военно-организационная: ***patrol – патрул, дастаи посбонон; наряд – навбатдор – duty***, область связи: ***рамсия – portable radio transmitter,*** военная медицина»: ***захмӣ – wounded, талафот – casualty, амалиёти ҷарроҳӣ – хирургическая операция (surgical operation).***

В современном английском и таджикском языках одним из продуктивных способов словообразования в сфере «безопасности» является сокращение. Как в английском, так и в таджикском языках в лексике «безопасности» широко используется аббревиатура.

К примеру: ***National Guard (NG) – Гвардияи миллӣ, Submachine gun (smg) – автомат, пистолет-пулемёт, cavalry fighting vehicle (CFV) – мошини ҷангии иктишофӣ, National Security Council (NSC) – Шӯрои амнияти миллӣ (ШАМ), State Committee for National Security (SCNS of RT) – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КДАМ ҶТ), Security Service (SS) – Хадамоти Бехатарӣ (ХБ), Federal Security Service (FSS) – Хадамоти Бехатарии Федеролӣ (ХБФ), Checkpoint – Нуқтаи назорати гузаргоҳӣ (ННГ), FBI (Federal Bureau of Investigation – Хадамоти федеролии тафтишот (ХФТ), CIA (Cerntral Intelligence Agency- Хадамоти маркази иктишоф (ХМИ), ҚМ ҶТ (Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ВКД (Вазорати корҳои дохилӣ).***

Современный английский язык имеет заимствования из многих языков, также во многом обязан французскому языку. Термины **representative**- намоянда, **legislature** – мақомоти қонунбарор, **president** – президент, **constitution** – конститутсия, **parliament** – парламент и **congress** – конгресс произошли из французского языка.

Многие английские термины употребляются и в других языках: **mafia** – мафия, **racket** – ракета, **office** – идора, вазифа, **business** – тиҷорат, кор.

Термины: ***commando- (дастаи диверсионӣ-десантӣ, сарбози дастаи диверсионӣ-десантӣ), spoor- (пай, из, пайравӣ кардан, таъқиб кардан), commandeer- (мусодира кардан, бо унвони ҳарбӣ сарфароз кардан)*** появились в результате влияния голландского языка на южно-африканский вариант английского языка.

Слова: ***cannibal – одамхӯр, ҷинояткор (каннибал; людоед; злодей), guerrilla – партизан, ҷанги партизанӣ, партизанӣ*** английская лексика приобрела из испанского языка.

Термины: ***arsenal – аслиҳахона, аслиҳа, assassin – одамкуш, котил, террорист, террорчӣ*** английский язык получил наполнении из арабских языков посредством испанского или французского, латинского или иногда греческого языков.

Таджикский и английский языки почти похожи в представлениях о значении слова **«террорист»**. Под словом **«terrorist»** носитель английского языка может подразумевать, например, **«одами бераҳм» («cruel man»)**. По «литературным» фразеологизмам в обоих языках значение слова **«terrorist – террорчӣ»** понимается как **“fear” (тарс), “threat” (таҳдид), «danger» (хатар)**, и **«pitilessness» (бераҳмӣ)**.

**В заключение в процессе проведенного анализа можно сделать следующие выводы:**

1) по сравнению с военной терминологией, терминология «безопасности» остаётся малоизученной;

2) термин «безопасность» в разных языках имеет разные слова, которые включает одно значение;

3) аффиксация, слово-сложение,

конверсия и аббревиатура относятся к основным морфологическим способам словообразования терминов безопасности;

4) авторы художественной литературы при создании произведений, наряду с общеупотребительной лексикой, широко используют и термины «безопасности»;

5) среди суффиксов существительных, суффикс **«-ег»** для лексики «безопасности» является самым продуктивным;

6) терминологию «безопасности» можно распределить на следующие группы: **«военно-организационная»** (patrol – патрул, дастаи посбонон; наряд – навбатдор – duty) **«область связи»** (ратсия – portable radio transmitter) **«военная медицина»** (захмӣ – wounded, талафот – casualty, амалиёти ҷарроҳӣ – хирургическая операция (surgical operation) и др.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. С. Айни. Ёддоштҳо. – Душанбе: Энциклопедияи насри муосири тоҷик, 2009.
2. Ф.Ниязи. Не говори, что лес пустой. – Москва, 1982.
3. С.Ятимов. Илм ва амният. – Душанбе, 2019.
4. С. Ятимов. О политической идеологии. – Душанбе, 2014.
5. Д.Саймиддин. Становление и развитие лингвистической терминологии таджикского и английского языков. – Душанбе, 2017.
6. Ю.Семёнов. Семнадцать мгновений весны. – Душанбе, 1985.
7. «Oxford Advanced Learner's Dictionary».
8. А. Мамадназаров. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 2007.
9. А.И. Смирницкий. Русско-английский словарь. – Москва, 1959.
10. Назарзода С., Сангинов А. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе , 2008.

# «ШОҲНОМА» ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ
## (ё нақши осори адибон дар тарғиби худшиносӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ)

# «ШАХНАМЕ» И ЧУВСТВО НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ
## (роль произведений поэтов в пропаганде самосознания и защите национальных интересов)

# «SHOHNOMA» AND THE SENSE OF THE NATIONALITY
## (or the role of poets works in propaganda of the self-knowledge and protecting of the national interests)

**Саъдизода Ш.М.**
**Saadizoda Sh.M.**



*Муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Мактаби олии КДАМ ҶТ, унвонҷӯи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*

*Старший преподаватель кафедры иностранных языков Высшей школы ГКНБ РТ, соискатель кафедры Иранской филологии факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета.*

*Senior lecturer of the department of foreign languages of Higher school of the SCNS RT, competitor of the department of iranian philology of the faculty of Asian and European languages of the Tajik National University.*

**Анотатсия:** адабиёти классикии тоҷик фарогири мавзуъҳои мухталиф буда, осори бадеии адибони мо дар ҳар давру замон ба бартараф сохтани мушкилоти гуногуни ҷомеа ва тарғиби хислатҳои нек равона гардидааст ва то имрӯз адабиёт ин хусусияти худро гум накардааст. Имрӯз низ метавон аз ганҷинаи адабиёти классикии тоҷик барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ истифода кард. Дар мақола ҳамин нақши осори адабии бузургони мо дар мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф бо овардани мисолҳо нишон додааст, ки дар ҳақиқат, асарҳои бадеӣ муассиртарин воситаи тарғиби ватандӯстиву ҳимояи Ватан ва манфиатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни таҳлил ва омӯзиши масъала муаллиф сараввал, оид ба таҳдиду хатарҳо нисбат ба амнияти давлат дар замони муосир мухтасар ишора намуда, сипас, ба шарҳи мавзуи асосӣ, яъне нақши осори адибон дар тарғиби ҳифзи манфиатҳои миллӣ пардохтааст.

**Калидвожаҳо:** «Шоҳнома», ҳисси миллӣ, худшиносӣ, амнияти миллӣ, адабиёт, ватандӯстӣ, мероси адабӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, таҳдид ба амният, ҳимояи Ватан.

**Аннотация:** таджикская классическая литература охватывает различные темы, художественные произведения наших поэтов в разные периоды были направлены на устранение трудностей в обществе и пропаганде положительных качеств, и до сих пор литература не утратила данную специфику. Сегодня можно использовать богатство таджикской классической литературы в целях укрепления государственных основ и защиты национальных интересов. В статье обсуждается указанная роль литературного произведения наших великих предков, на примере «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. Автор статьи на основе приведённых примеров показывает, что, действительно,

художественные произведения являются действенным средством пропаганды патриотизма, защиты родины и национальных интересов. В процессе анализа и изучения проблемы, автор сначала кратко рассуждает об угрозах относительно безопасности страны в современном мире, потом разъясняет главный вопрос, то есть, роль произведений литераторов в пропаганде защиты национальных интересов.

**Ключевые слова:** «Шахнаме», чувство национальной принадлежности, самосознание, национальная безопасность, литература, патриотизм, литературное наследие, Абулкасим Фирдоуси, угроза безопасности, защита Родины.

**Annotation:** tajik classic literature covers various subjects, and the literary heritage of our poets in all periods were aimed at eliminating various problems of society and promoting good qualities. And until today, literature has not lost this characteristic. That is, even today it is possible to use the treasure of Tajik classic literature to strengthen the foundations of statehood and protect national interests. In the article, the same role of literary heritage of our poets is analyzed in the example of "Shohnoma" by Abul Qasim Firdawsi. The author has shown by giving examples that, in fact, artistic creativity is considered the most effective means of promoting patriotism and protecting borders and national interests. In the process of analysis and study of the issue, the author first briefly pointed out the threats and dangers to the security of the state in the modern era, and then explained the main question, i.e. the role of the works of our poets in promoting the protection of national interests.

**Key words:** "Shohnoma", a sense of nationality, self- knowledge, national security, literature, patriotism, literary heritage, Abul Qasim Firdawsi, threat of security, defence of the motherland.

*«Он чизеро, ки дар ифода карданаш илм мувоҷеҳ бо мушкилот мегардад, сухани бадеӣ хеле сода, одӣ, ба таври оммафаҳм, заминӣ ифода мекунад. Яъне, барои таъмини мақсадҳои амнияти миллӣ аз беҳтарин воситаҳост...» [12, 31].*

***Масъалаи*** таъмини амнияти давлат ва ҷомеа ҳанӯз аз ибтидои пайдоиши нахустдавлатҳо яке аз мавзуъҳои муҳим ва ҳассос ба ҳисоб рафта, дар ҳазораи сеюми милодӣ низ амнияти давлатҳо ба хатару таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ аст.

Вазъи ҷаҳони муосир ноором буда, муносибат миёни аксар давлатҳо собиту устувор нест. Илова бар ин, бозиҳои геополитикии абарқудратҳои ҷаҳониву минтақавӣ, ҷараёни тезутунди глобализатсия (ҷаҳонишавӣ), соҳиби «ҳукумат» шудани терроризм дар симои ҳаракати «Толибон» ва дигар тамоюлҳои манфии асри нав ҳолати ногувори мавҷударо аз пештара дида бухронитар кардааст.

Имрӯз ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун дигар давлатҳои миллӣ, хатарҳои мухталифи воқеӣ, ҳам аз ҷониби созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва ҳам аз тарафи баъзе давлатҳои алоҳида, таҳдид менамояд.

Бахусус, зимоми роҳбариро ба даст гирифтани ҳаракати «Толибон» дар ҳамсоякишвари ҷанубии мо ва таҷаммуи гурӯҳҳои сершумори худкома, ки бештарини аъзояшон аз манотиқи гуногуни Осиёи Марказӣ буда, қасди бозгашт ба зодгоҳи худ ва роҳандозӣ намудани амалҳои террористиро доранд, боиси нигаронии ҷиддии коршиносон гардидааст.

Аз ҷониби дигар, дастдарозии баъзе кишварҳои ҳамҷавор ба хоки муқаддаси сарзамини мо ва даъвои беасоси онҳо вобаста ба тақсимоти марзиву ҳудудӣ,

кӯшиши амаликунии нақшаҳои ғаразнок оид ба забти ҳудудҳои таърихӣ ва қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо истифода аз васоити ахбори оммаву шабакаҳои интернетӣ барангехтани иғвову дасисаҳо ва талоши дуруст нишон додани мавқеи худ, вазъро боз ҳам печидатар гардонидааст.

Масъалаи таъмини амнияти давлат имрӯз ба яке аз масъалаҳои меҳварӣ ва калидии соҳаҳои мухталифи илм табдил ёфта, доираи муайяни равшанфикронро водор намудааст, ки ба дарёфти роҳу воситаҳои беҳтари таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои давлату миллат пардозанд.

Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва вазъияти геополитикии тахти таъсири он ташаккулёфта, имрӯз аз ҳар як миллати соҳибихтиёр ва худогоҳ тақозо мекунад, ки арзишҳои маънавиву фарҳангии худро ҳифз карда, аз осори гаронбаҳои гузаштагон самаранок истифода намояд. Зеро он ягона омили ҳимоятгари миллат аз падидаҳои нохушоянди ҷаҳони имрӯза мебошад. Миллати соҳибфарҳанги моро низ зарур аст, то аз таърихи тамаддуни бостон, забону фарҳанги миллии аҷдодон ва оини давлатдории гузаштагони худ огаҳ бошад ва вобаста ба тағйироту таҳаввулоти асри нав барои таҳкими пойдевори давлатдории навин ва ҳифзи ҳар як ваҷаб хоки муқаддаси кишвар талош намоянд.

Бояд қайд намуд, ки аз муассиртарин роҳҳои ноил шудан ба ин мақсад даст ёфтан ба худшиносӣ ва ҳисси миллӣ ба ҳисоб меравад.

Таъкиди Пешвои муаззами миллат доир ба ин масъала бисёр бамаврид ва воқеъбинона аст: «Ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқати ҷавонони мо ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ гарави амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад».

***Худшинос*** будан, яъне дар муҳити ҷамъият худро ҳамчун шахс шинохтан ва муайян намудани дидгоҳу мавқеи худ нисбат ба тамоми зуҳуроти олам мебошад.

Доштани ҳисси миллӣ ба он маъност, ки фард бояд арзишҳои миллиро аз дигар арзишҳо болотар шуморад, нисбат ба сарнавишт ва манфиатҳои миллати худ бетараф набуда, ба забон ва фарҳанги миллӣ, таърих ва фардои миллат эҳтирому боварии самимонаву шикастнопазир дошта бошад.

Маҳз ҳамин ду омил метавонанд дар ҳифзи давлат ва манфиатҳои миллӣ нақши калидӣ бозанд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҷиҳати даст ёфтан ба худшиносӣ ва ҳисси миллӣ аз тамоми имконот истифода намоем.

Вобаста ба ин мавзуъ, ёдовар шудани таваҷҷуҳи доимии Пешвои миллат ба масъалаи таҳкими худшиносии миллӣ тавассути шинос намудани мардум бо осори гаронбаҳои гузаштагон бамаврид аст. Ҳадаф аз ин амал, мавриди истифода қарор додани панду андарз ва афкори нoби бузургон дар зиндагии имрӯза ва бо ин роҳ тарғиби худшиносӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар ҷомеа мебошад. Зеро, танҳо ҳамон қавму миллат дар ин озмунгоҳи таърих пирӯз мегардад, ки ба тарзи ҳамешагӣ ва бо иродаи шикастнопазир барои ҳифзи манфиатҳои хеш талош меварзад ва барои ин кор аз тамоми роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилот истифода менамояд. Ва яке аз муассиртарин усулҳои ҳалли мушкилот рӯй овардан ба осори бузургони илму адаб аст.

Президенти кишвар таъкид намудаанд: «Бо итминони комил метавон гуфт, ки мероси таърихиву адабии гузаштагонамон ба бисёре аз саволҳое, ки ҳар рӯз мо ба онҳо

рӯ ба рӯ мешавем, посухи сазовор медиҳад».

***Миллати*** тоҷик аз ҷумлаи он миллатҳоест, ки марзу буми худро хеле дӯст медорад ва барои ҳастии он ҷоннисорӣ мекунад. Таърих ин далелро борҳо исбот намудааст. Ва дар ин роҳ бузургони илму адаб ҳамвора бо мардум будаанд ва бо сеҳри сухани худ дар ташаккул ва бедорсозии эҳсоси ватандӯстиву меҳанпарастӣ, ҳисси миллӣ, тарғиби худшиносӣ, ҳимояи марзу бум ва манфиатҳои миллӣ саҳми назаррас доштаанд.

Адабиёти бекаронаву пурғановати тоҷик пур аз мисолу намунаҳои собиткунандаи ин гуфтаҳост. Шоире нест, ки вобаста ба мавзуъҳои мавриди назар ҳарфе, сухане, байте нагуфта бошад. Ҳама бузургон васфи ватан кардаанд, ҳифзи онро вазифаи муқаддас шумурдаанд ва дар ин роҳ ҷоннисорӣ намуданро фарз донистаанд.

***Чун зиндагӣ*** ҳамеша дар ҳаракат аст, бо гузашти замон ҳама чиз тағйир мепазирад. Ҷойи як ҳодисаро воқеаи дигар мегирад, номи куҳнае бо номи нав иваз мешавад. Ва аз рӯйи қоида, ҳар он чи гузашт, аз ёдҳо низ зудуда мегардад. Номҳову чеҳраҳое ҳам ҳастанд, ки бо ҳар чӣ бештар сипарӣ шудани рӯзгор дурахши онҳо зиёдтар гардида, эҳтиёҷ ба андешаҳои корсозашон торафт меафзояд.

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аз шумори чунин абармардон аст ва «Шоҳнома»-и безаволи ӯ чашмаи фанонопазири афкори меҳанпарастист, ки имрӯз мо аз ҳар вақти дигар дида бештар ба он ниёз дорем.

«Шоҳнома» аз замони таълиф то имрӯз роҳнамо ва китоби рӯйимизии мардуми бофарҳанг буду ҳаст. Он саршор аз масоили сулҳ, фалсафаву ҳикмат, тарбияту ахлоқ, одоби зисту зиндагӣ, оини давлатдорӣ, дӯстӣ, хирад, дину ойин, ишқу муҳаббат, касбу ҳунар, базму тараб ва ғайра аст. Мағз андар мағзу ҷавҳари аслии асар ва идеяи марказии онро масъалаи муҳаббати беандоза ба Ватан, муттаҳидиву ягонагӣ, ҳифзи марзу бум ва манфиатҳои миллат ташкил медиҳад.

Вобаста ба мавзуъҳои зикргардида мисолҳо он қадар фаровонанд, ки ёдоварии ҳамаи онҳо фурсати бештару таълифоти васеътарро талаб мекунад. Аз ин рӯ, бо овардани чанд порча аз ҳамосаи нотакрори Ҳаким Фирдавсӣ иктифо менамоем.

Ҳар як сатри «Шоҳнома» оҳангу бӯйи ишқу муҳаббати бепоён нисбат ба Ватан, ҳифзи хоки поки кишвар, ҳимояи манфиатҳои халқу миллат ва дар ин роҳ сарсупориву ҷоннисорӣ намуданро инъикос мекунад:

**Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,**
**Ҷавонони шоистаи корзор.**
**Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,**
**Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.**
**Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем** [2, 277].

Омодагии аҷдоди размовари мо дар ҳама гуна ҳолат ва шароит барои ҳифзи марзу бум дар «Шоҳнома» хеле равшан ва пуртаъсир тасвир шудааст. Шоир дар мавриди ҳамлаи арабҳо бо сарварии Саъди Ваққос ба сарзамини мо ва муносибати Яздигурди сосониву сарлашкари ӯ – Рустами Ҳурмузд чунин нигоштааст:

**Чу огоҳ шуд з-он сухан паҳлавон,**
**Биёмад бари шоҳи равшанравон.**
**Бар ӯ офарин хонд бас шаҳрёр,**
**Ки «эй аз каёни ҷаҳон ёдгор!**
**Шунидам, ки аз тозиён бешумор**

**Сипоҳе ҳама рух ба кирдори қор.**
**Бад-ин марзи мо размхоҳ омаданд,**
**Агарчанд беганҷу шоҳ омаданд.**
**Сипаҳро биёрою барсоз ҷанг,**
**Набояд, ки гирӣ замоне диранг».**
**Бад-ӯ гуфт Рустам, ки «ман бандаам,**
**Ба пеши ту эдар парастандаам.**
**Бибуррам сари душмани шоҳро,**
**Ба банд оварам ҷони бадхоҳро»** [2, 335-336].

Таҳдид ба давлату миллат падидаи навзуҳур ва ҳақиқати танҳо ҷомеаи муосир нест, балки воқеияти такроршавандаву хоси тамоми давру замон аст. Аҳволе, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба он ишора мекунад, аз вазъи имрӯзаи сиёсиву геополитикӣ ҳеҷ фарқе надорад:

**Ҷаҳон пур зи бадхоҳу пур душман аст,**
**Ҳама марзи мо ҷойи оҳарман аст** [2, 212].

Ва ё:

**Чунон буд, ки омад сипоҳе зи Рум,**
**Ба кина бад-ин марзи озодбум** [2, 54].

Ҳакими бузург вазъи мавҷудро ба назар гирифта, сари масъалаи рафъи ин мушкил меандешад ва барои ҳифзи якпорчагии кишвару тамомияти арзии он, пеш аз ҳама, ба ҳимояи доимӣ ва устуворгардонии марз таъкид меварзад:

**Мадоред бе дидбон марзи хеш,**
**Падид оваред андар ин арзи хеш** [2, 115].

Ё ҷойи дигар:

**Яке нома фармуд бо офарин**
**Сӯйи марзбонони Эронзамин,**
**Ки тарсанда бошеду бедор бед,**
**Ҷаҳонро зи душман нигаҳдор бед.**
**Бидоред, чандон ки бояд, сипоҳ,**
**Бад-он то наёбад бадандеш роҳ** [2, 395].

Воқеан ***«Шоҳнома»*** сарчашмаи беохири афкори ватанпарастона, ғояҳои ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, муҳаббати бепоён ба марзу буми аҷдодӣ, иҷрои қарзи фарзандӣ дар назди Ватану миллати хеш мебошад, ки то имрӯз ин моҳияти худро заррае ҳам аз даст надодааст ва абёти онро метавон ҳамчун шиори илҳомбахш, барангезандаи руҳи қавиву шикастнопазир дар набарди сангини замона бо душманони миллат ва марзу бум истифода намуд.

Боварӣ дорем, ки насли ҷавони ватандӯсту худогоҳи мо андешаи бузургони илму адаби тоҷикро, ки Фирдавсӣ нафаре аз онҳост, роҳнамои худ қарор дода, бахри ҳифзи якпорчагии Ватан, ҳимояи хоки муқаддаси кишвар аз он чун сипари боэътимод истифода менамоянд.

Таърихгувоҳаст,кихалқитоҷик ҳеҷгоҳ ба хоки кишвари бегона бо чашми тамаъ нанигаристааст ва замон нишон хоҳад дод, ки дар оянда низ наменигарад, аммо аз марзу буми хеш ҳамеша ҳимоя кардааст ва минбаъд низ мекунад. Ва ба ҳангоми ҳар набард ин садои ҷовидонаи Фирдавсӣ аз умқи таърих ба гӯши мо расида, моро ба ҳушёрӣ, бедорӣ ва омодагӣ даъват намуда, аз мо дар роҳи ҳифзи сарзамини муқаддас нишон додани ҷасуриву мардонагиро талаб мекунад:

**Кунун гоҳи разм аст, кин оваред,**
**Ба туркони саркаш камин оваред.**
**Ҳар он кас, ки мардӣ кунад ошкор,**
**Зи мо хилъату бахшиш аз кирдгор** [2, 16].

Вазъияти имрӯзаи ҷаҳон аз мо тақозо мекунад, ки ин фармудаҳои

Фирдавсиро шиори худ қарор диҳем. Шарт нест, ки разми мо разми ҷисмониву физикӣ бошад. Он метавонад ҷанги иттилоотиву ақлониву набарди донишварона бошад. Агар лозим ояд, бе ҳеҷ диранг андаруни майдони ҷанги рӯ ба рӯю тан ба тан ва ҷисмонӣ бибояд шуд, то битавонем ба ояндагон Ватани ободу миллати озодро мерос гузорем.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. А. Раҳнамо. Дидгоҳи давлатмеҳвар. – Душанбе, 2021.
2. А. Фирдавсӣ. «Шоҳнома», ҷилдҳои 2-10. – Душанбе, 2007-2010.
3. Б. Ғафуров, Н. Прохоров. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан. – Душанбе, 2012.
4. З. Аҳрорӣ, К. Айнӣ. Андарзномаи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1992.
5. Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015.
6. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006.
7. М. И. Нудушан. Мо ва Фирдавсӣ. – Теҳрон, 1354.
8. М. Шакурӣ. Пантуркизм ва сарнавишти тоҷикон. – Душанбе, 2010.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 2021.
10. Р. Шарофзода. Шуҳрати ҷаҳонии «Шоҳнома». – Душанбе, 2005.
11. С. Ятимов. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе, 2015.
12. С. Ятимов. Илм ва амният. – Душанбе, 2019.

# ИСТИФОДАИ БЕМАВРИДИ КАЛИМАҲОИ АРАБӢ ДАР МАТБУОТИ МУОСИРИ ТОҶИК

# НЕУМЕСТНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АРАБСКИХ СЛОВ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЕ

# INCORRECT USE OF ARABIC WORDS IN MODERN TAJIK PRESS

***Қодиров И.А.***
***Kodirov I.A.***

*Корманди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, майор.*

*Сотрудник Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан, майор.*

*Officer worker of State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, major.*

**Аннотатсия:** дар ин мақола атрофи истифодаи бемавриди калимаҳои арабӣ дар матбуоти муосири тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Қайд карда шудааст, ки баъзе калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шакли ҷамъ ба фарҳанги мо гузаштаанд, дар сурати пасвандҳои ҷамъбандии хоси тоҷикии “ҳо” ва ё “гон”, “он” илова кардан, маънои лозимиро ифода карда наметавонанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки бо вуҷуди он ки барои ифодаи баъзе мафҳумҳо калимаҳои таърихан тоҷикӣ маъмул аст, олимону нависандагони мо боз ҳам калимаҳои арабиасосро бештар истифода мебаранд. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои корбурди калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ бояд як меъёри муайяне вуҷуд дошта бошад, то ки забони модарӣ набояд аз ҳад зиёд ба забонҳои ғайр омехта гардад.

**Калидвожаҳо.** матбуоти тоҷик, истифодаи бемаврид, фавран, исми ҷамъ, забони муосири тоҷик, истилоҳ, мафҳум, иқтибосоти арабӣ.

**Аннотатция:** в данной статье рассматривается неуместное использование арабских слов в современной таджикской прессе. Отмечено, что некоторые арабские заимствованные слова, которые массого переходили в лексический фонд нашего языка, при добавлении особенных таджикских суффиксов **“хо”, “гон”** и **“он”,** не могут передавать нужные значения. Автор отмечает, что несмотря на то, что для выражения некоторых понятий существуют исконно таджикские слова, наши учёные и писатели в прессе всё- таки используют арабские слова. Автор предлагает, что при использовании арабских слов в таджикском языке должна существовать определённая норма, чтобы не смешивать родной язык с другими языками.

**Ключевые слова.** таджикская пресса, неуместное употребление, множественное число, современный таджикский язык, термин, понятие, арабские заимствования.

**Annotation:** this article examines the inappropriate use of Arabic words in the modern Tajik press.It is noted that some Arabic loanwords, which passed into our language in a plural form with the addition of special Tajik suffixes “ho”, “gon” and “on”, cannot carry the desired meanings. The author notes that despite the fact that for expressing some concepts, exist Tajik historical words, our scientists and writers use Arabic words. The author offers that in using Arabic words in Tajik language must exist definite norm that don’t mix our native language with other languages.

**Keywords**. Tajik press, inappropriate use, directly, plura noun, modern Tajik language, term, concept, Arabic borrowings.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пурғановат ва қадима ба ҳисоб рафта, дорои таркиби луғавии устувор, ғанӣ ва фарогири соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошад. Мутафаккирони форсу тоҷик барои такмилу инкишоф ва бой гардидани таркиби луғавии ин забон саҳми барҷаставу муассир гузоштаанд. Бинобар ин, тадқиқ ва баррасии осори мутафаккирони классик аҳаммияти калон дорад. Яке аз муҳаққиқони пешгоме, ки ба омӯзиши масъалаҳои забонӣ таваҷҷуҳ кардааст, Н.Маъсумӣ мебошад.

Тадқиқоти ӯ «Дар бораи вазъият ва баъзе тағйирот дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X-X1X», «Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX» [10, 63].-ро аз ҷумлаи аввалин андешаҳои нисбатан мукаммали илмӣ доир ба масъалаи вазъи забони адабии тоҷик ва ҷараёни инкишофи он дар тӯли ҳазорсола ва хусусан, нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX шуморидан мумкин аст. Муаллиф дар бобати рӯ ба равшанбаёнӣ ва содданависӣ овардани нависандагон, аз унсурҳои арабӣ ба оҳистагӣ даст кашидани онҳо чунин изҳори ақида кардааст: «Баъдтар дар асри X1X, кӯшиши андаке содакунии забони адабӣ дар байни маорифпарварони тоҷик зиёд шуда бошад ҳам, аз услуби мушкилнависӣ ва истеъмоли калимаҳои номафҳуми арабӣ даст кашидан муяссар нагардидааст» [11. 61,159].

Забони омма, забоне мебошад, ки дар зиндагии рӯзмарраи мардум кор фармуда мешавад. Забони расмӣ ва давлатии имрӯзаи мардуми тоҷик ва Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони тоҷикӣ шохаест аз он дарахти тановар, ки забонҳои форсию дарӣ низ бо он ҳамреша буда, аз як сарчашма маншаъ гирифтаанд.

Дуруст аст, ки забон монанди ҳар соҳаи дигари зиндагӣ инкишофи озод ва бемаҳдудият мехоҳад. Тараққии озод ва бархам задани маҳдудиятҳо чунин маъно надорад, ки аз талаботи ҳар гуна қоидаву тартибот озодем ва ҳақ дорем, ки ҳар чи хоҳем ироа дорему бинависем. Ҷойи нигаронист, ки ин амал дар ВАО, махсусан, рӯзномаҳо ва ҳафтаномаҳои даврӣ ва сайтҳои интернетӣ то ба ҳадди зиёд бурда расонида мешавад.

Ба назари академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, – «Худсарӣ дар забон, истифодаи худсаронаи калимаю ибораҳо, қолибҳои сухан – тарзҳои калимасозӣ, иборабандӣ, ҷумлаофарӣ ва ғайра, ба ихтиёри худ ба онҳо нисбат додани вазифае ё маъние натиҷаи ноогоҳист. Инҳо ба забон бесару сомонӣ оварда, боиси ифодаи харобии фикр мегарданд ва ҳар дафъа фикри чандин нафарро ба хирагӣ мекашанд, чандин касро ба хирабаёнӣ меоранд. Истифодаи забон ва воситаҳои он бояд ба дониши устувору табъи солим асос ёбад» [5, 84].

Чунон ки маълум аст, аз асри X1 то нимаи дуюми асри X1X истифодаи калимаҳои арабӣ дар асарҳои назмӣ ва насрии нависандагон ва шоирони тоҷику форс миқдоран хеле зиёд истеъмол мешуд.

Баъдтар, дар натиҷаи торафт ба омма наздик шудани забони адабии тоҷик мавқеи калимаҳои тоҷикӣ беш аз пеш афзудан гирифт. Чунин ҳолат аз қарни X111 бештар дар асарҳои классикони тоҷику форс шуруъ аз “Гулистон”-и С.Шерозӣ то “Наводир-ул-вақоеъ”-и А. Дониш ба назар мерасад [2.106, 84].

Ин ҳолат нисбат ба назму шеър дар наср бештар аст. Барои мисол устод А. Рӯдакӣ дар замони хеш, дар шеъраш “Дониш андар дил чароғи равшан аст” ба ҷойи калимаи арабии **“илм”** калимаи **“дониш”** истифода бурда бошад,

пас А.Фирдавсӣ “Ба дониш дили пир барно бувад”-ро истифода кардааст, ки ба ҳар як хонандаи имрӯза хеле хуб фаҳмо мебошад.

Профессор С. Ятимов дар мақолаи хеш бо номи **“Дар бораи як китоби дарсӣ”** на танҳо оид ба тозагии забони тоҷикӣ, балки тозагии равони шахс, мардум, тарбияи онҳо дар руҳияи миллӣ ва ватандӯстӣ истифодаи мафҳумҳо ва истилоҳоту иқтибости зиёди забони бегонаро халал дар дарки олами атроф шуморида, роҳи аз ин мушкилиҳои равониро бо мисраҳои шеъри шоир А. Рӯдакӣ “Дониш андар дил чароғи равшан” будан ва кӯшиши “бардоштани ин фалакро зи миён ва сохтани дунёи нав ба мақсади осон ба коми дил расидан”-ро тавсия додааст [17.184].

Масалан, ҳамин анъанаро пас аз он ки забоншиносии тоҷик аз таъсири забоншиносии араб раҳо ёфт, донишмандони забардасти тоҷик, аз ҷумла, Ибни Сино хостанд, ки аз нав эҳё созанд. Дар давраи ба итмомрасии таҳаввулоти низоми грамматики араб [асри X] илми забоншиносии классики тоҷикро Ибни Сино оғоз гузошт. Бо таълифи “Донишнома” бо забони тоҷикӣ кӯшиш кардааст, ки умдатарин мавзӯъҳои забоншиносии тоҷикро ҳам мухтасар шарҳ диҳад. Ибни Сино дар рисолаи “Мантиқ” -и “Донишнома” фасле ҷудо кардааст бо номи “Падид кардани маънии ном, куниш ва ҳарф” [4, 103].

Барои тақвияти андешае, ки бештари истилоҳоти фаннию илмии форсии тоҷикӣ аз масдарҳои арабӣ иқтибос гардидааст, сухани забоншиноси эронӣ Шер Сайиди Атоиро мисол овардан бамаврид хоҳад буд, ки чунин мегӯяд: “Корбурди вожаҳои арабӣ дар форсӣ мояи он нашуд, ки сохтори дастури забони форсӣ тағйир пазирад, магар он вожаҳое, ки аз масдари феълҳои арабӣ пазируфта шудаанд. Масалан: **тасҳеҳу ислоҳ** – **дуруст кардан, тақаддум – пешрафт, тадаббур ё тафаккур – андеша, истеҳком – пурзӯршавӣ ва ғ.**” [14, 67].

Маълум аст, ки дар забони арабӣ се шакли ҷамъбандии исмҳо мавҷуд аст, ки дар забони тоҷикӣ аз ҷамъи **«мусанно»** [дутогӣ] миқдори ками вожаҳо ба монанди: калимаҳои **волидон – волидайн**, яъне падару модар; **тарафайн** – ду тараф ё ҷониб ва ё тарафҳо; **дорайн** – ду ҷаҳон ва дар ҷамъи **«солим»** [1, 589]. Калимаҳои **муаллимон – муаллимийн, хонандагон муҳасиллийн, мусофирон – мусофирийн, тамошобинон – мушоҳидийн, шунавандагон – сомиъийн, ҳозирон - ҳозирийн, муфассирон – муфассирин, мухлисон – мухлисийн** ва ғайра истифода мешаванд.

Ҷамъи **«таксир»** [шикаста] бошад қолабҳои гуногуни худро дошта, дар адабиёт ва матбуоти тоҷик хеле зиёд истифода бурда шуда, ҷойи калимаҳои ҷамъи тоҷикиро гирифтаанд, дарки қисме аз онҳо ба хонандаи имрӯза душворӣ меорад. Масалан: **васф – авсоф; шакл – ашкол; тифл – атфол; исм – асмо; вакт – авқот; мушкил – машокил; шеър – ашъор; мариз – амроз; мавҷ – амвоҷ; ноҳия – навоҳӣ; қишр – ақшор; дин – адён; шахс – ашхос; ҳукм – аҳком; ҳодиса – ҳаводис ва ғайра** [7, 272-278].

Бояд қайд кард, ки дарки шакли танҳои калимаҳои дар боло зикршуда ба ҳар як хонандаи тоҷик мушкилӣ намеорад, вале шаклҳои ҷамъи он албата, ки душвориро пеш хоҳад овард.

Бояд донем, ки чӣ омилҳое боиси қабули калимаҳои арабӣ гаштаанд, ба онҳо чӣ тағйироте ворид намудаем ва онҳоро чӣ гуна истифода мебарем. Ошноӣ бо забони арабӣ набояд бо далели хатти муштарак надоштанамон бо арабҳо монеи омӯзиши вожаҳои иқтибосӣ (вомвожаҳо)-и арабӣ

шавад. Ҷойи таъкид аст, ки дар мавриди корбурди вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ бояд мизон ва меъёре муайяндошта бошем. Ин мизонро дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи услуби гуфтугӯии забони адабӣ метавон дарёфт, зеро ба андешаи забоншинос Т. Бердиева "Баррасии вожагони нодир дар гӯишҳо чигунагии вазъи пайванди забонҳоро дар давронҳи гуногуни таърих дар манотиқи гуногун ошкор намуда, робитаҳои таърихии забонҳои форсӣ ва забонҳои ғайрифорсиро дар ҳавзаи густариши забонҳову лаҳҷаҳои мухталиф аз замони пешин ба баъд рӯшан месозад" [3, 36].

Вақте ки ба забони гуфтугӯӣ суҳбат мекунем, манзурамон он забонест, ки бо таври табиӣ дар иртиботи рӯзмарра ва суҳбат бо ҳамдигар кор мефармоем. Дар ин раванд, калимаҳои арабие вомехӯранд, ки то ҳол тоҷикӣ нашудаанд, яъне дар забони адабии гуфтугӯӣ ривоҷ наёфтаю суфта нагардидаанд. Пас бояд ҳангоми истифодаи калимаҳои арабӣ ҳудуди муайян дошта бошем.

Яке аз роҳҳои ба даст овардани меъёри истифодабарии вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ ин аст, ки матбуоти давриро зери таҳлил қарор дода, суҳбати чанд тан аз донишмандони ин ва ё он соҳаи илмро сабт намуда, ва ё бинависем ва тамоми калимаҳои истифодабурдаи онҳоро шуморида, аз он вомвожаҳои арабиро ҷудо намоем. Дар сурати истифодаи зиёди калимаҳои арабӣ ба онон ва дигарон низ тавсия дода шавад, ки ба ҷойи вомвожаҳо калимаҳои асили тоҷикиро ба андозаи тавон истифода баранд, дар сурати наёфтани ягон вожаи мувофиқ ва ё носозгор омадани маъно метавонад, пасон аз калимаҳои иқтисобии арабӣ истифода намоянд. Масалан, мо ҳамеша дар гуфтугузори худ ба ҷойи калимаи тоҷикии **"бомдод"** вожаи арабии **"субҳ"** ва ба ҷойи калимаи сирф тоҷикии "**сарчашма"** истифодаи калимаҳои арабии **"маъхаз"** ё **"манбаъ"**-ро зиёд истифода мекунем, ки ба ин монанд калимаҳои зиёд низ дар гуфтори ҳаррӯзаи мо ба гӯш мерасад [8, 167].

Гузашта аз ин, истифодаи масдари феълҳои арабӣ дар забони муосири тоҷикӣ, хусусан дар матбуот ва ВАО-и кишвар хеле фаровон истифода мешавад, ки ба ғайр аз мутахассисони соҳа ва ё аҳли зиё касе онҳоро намефаҳмад. Масалан, метавон ба ҷойи калимаҳои арабии **ибтидо** калимаи тоҷикии **оғоз;** ба ҷойи масдари **интиҳо** – исмҳои **анҷом ё охир;** ба ҷойи масдари **иҷборӣ** – ифодаҳои **бо таври зӯрӣ, зӯран ё шакли ҳазмшудаи он маҷбуран; тармим – дуруст кардан, тафриқа – ҷудоӣ андохтан** ва амсоли инҳоро мавриди истфода қарор диҳем [9, 124-127].

Дар истифодаи исмҳои макон, монанди **маҳбас – зиндон, мадфан – гур ё қабр, маъман – ҷойи амн, марқад – оромгоҳ ё гуристон, маскан – ҷойи зист** ва монанд ба инҳоро метавон шакли тоҷикиаашонро зиёдтар истифода кард.

Дар гузашта тамоми адибони тоҷику форс чун забони арабиро бо меъёраш хуб медонистанд, онро вобаста ба замони хеш дар ашъори худ бамавқеъ истифода мебурданд. Калимаҳои арабӣ дар шакли ҷамъбандии худ низ мавриди истифода қарор мегирифт. Имрӯз мо бештар ба пасвандҳои ҷамъсози тоҷикӣ таваҷҷуҳ ва зарурат дошта бошем, пас, иддае азрӯзноманигорон ва омӯзгорону донишмандони соҳаҳои гуногуни илм ҳангоми навиштани асар ё мақолаҳояшон аз калимаи **"котиб"** ва шакли ҷамъи арабии он "**куттоб**" истифода карда аз калимаи сирф тоҷикӣ ба ҳама фаҳмо **нависанда - нависандагон ё нигорандагон** худдорӣ менамоянд. Аммо бояд зикр кард, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ калимаҳои арабии

**“котиб”** ва шакли занонаи исми мазкур **“котиба”** бештар ба касоне иртибот доранд, ки дар корхона ва донишгоҳҳо ё дабистонҳо вазифаи навиштани ҳуҷҷатҳои гуногунро ба уҳда доранд, фаҳмида мешавад. Ин калима дар ҳоли ҳозир бештар ба калимаи русии “секретарка” наздикӣ дорад. Шакли ҷамъи он **“котибот”** номи шуъбача, шуъба ё раёсатро гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар забони муосири тоҷикӣ зарфҳои арабие, ба монанди: **фавран, оҷилан, таъҷилан** ва **филфавр,** ки маъноҳои зуд, тез, дарҳол, шитоб ва бошитобро ифода мекунад, аз калимаҳои серистеъмоли рӯзмарра буда, дар самтҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва давлатӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Масалан, агар дар сухани шифоҳӣ-гуфтугӯйӣ ё асарҳои бадеӣ ин зарфҳо дар шакли **фавран, оҷилан ва филфавр ба самте рафтан, кумак расонидан ё иҷрои коре** истифода шаванд, пас, дар соҳаи тиб он дар шакли - **ёрии таъҷилӣ, ёрии аввалин** ва дар соҳаи ҳарбӣ он дар шакли - **амалиёти фаврӣ** истифода мешавад.

Ҳамзамон, лозим ба зикр аст, ки дар сохторҳои қудратӣ калимаи **фаврӣ** дар баробари калимаи иқтибосии русии **оперативӣ** истифода мегардад, вале дар номи Қонуни ҶТ «Дар бораи ФОҶ» аз 25-уми марти соли 2011, таҳти №687, вожаи фаврӣ истифода намешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар вақти омода кардани ҳуҷҷатҳо ва ё пешниҳоди маълумот дар нишастҳои хабарӣ бо рӯзноманигорон аз истифодаи бемавриди калимаи мазкур даст кашида шавад [13, 249].

Ҷамъи шикастаи арабӣ барои мардуми авом он қадар фаҳмо нест, яъне дар забони гуфтугӯӣ (манзур забони шеваю лаҳҷа аст) он қадар роиҷ нест. Маслан, калимаи **лавозим** шакли ҷамъи калимаи **лозим** аст, ки мо онро дар шакли ҷамъулҷамъ **лавозимот** мефаҳмем. Дар зеҳни мардуми тоҷик шакли ҷамъулҷамъи ҳамин исм суфта гардидааст.

Исмҳои ҷамъулҷамъи арабӣ, ҳатто дар осори ниёгони мо дида мешавад ва дарк кардани он дар шакли комил танҳо баъди огоҳӣ пайдо намудан аз сарфу наҳви забони арабӣ ва истифодаи луғат барои ҳар як мутахассис даст медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар як калима ё вожае, ки аз як забон ба забони дигар иқтисбос мегардад, хусусиятҳои овозии забони аслиро аз даст дода, хусусиятҳои овозии забони воридшавандаро мегирад. Ба ин тартиб, ба ҷойи шакли ҷамъбандии арабии **мушоҳадот – мушоҳидаҳо, муколамот – муколамаҳо, мусоадот – мусоидатҳо, мубоҳасот – мубоҳисаҳо, мувофиқот –мувофиқаҳо** истифода мегарданд.

Калимаҳои арабие, ки ба тоҷикӣ иқтибосу ҳазм шудаанд, бештар дар шакли ҷамъбандии тоҷикӣ кор фармуда шуда, пасвандҳои ҷамъсози тоҷикӣ қабул мекунанд. Масалан: **китоб-кутуб – китобҳо, нусха-нусах – нусхаҳо, қолаб-қаволиб – қолабҳо, муъаллим-муъаллимин – муаллимон, мерос-маворис – куносҳо** 

**мероcҳо, исм-асмоъ – исмҳо, суннат-сунан – суннатҳо, муҳандис-муҳандисун –муҳандисон, далел-далоил – далелҳо, минбар-манобир – минбарҳо, раис-руасо –раисон, бино-абния – биноҳо, меъёр-маъойир – меъёрҳо, унсур-аносир – унсурҳо, тарҷума-тароҷим – тарҷумаҳо** ва ғайра [16, 952-798].

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ баъзан калимаҳое вомехӯранд, ки бо шакли ҷамъи шикастаи арабиашон шинохта шудаанд ва шакли ҷамъи арабии онҳо аз тарзи ҷамъбандии тоҷикӣ дида фарохтар ва доманадор аст. Масалан дар калимаҳои намуди **хабар-ахбор, фикр-афкор, ақида-ақоид, навъ-анвоъ, қавм-ақвом, омӣ-аввом** ва ғ. Аз ин намунаҳо ҳам метавонем ба

ҷойи исми ҷамъи шикастаи арабӣ аз пасванди тоҷикии **“ҳо”** истифода бурд, дар ин ҳолат ҳам маънои аслии калима халалдор нахоҳад шуд: **Фикр-афкор ё фикрҳо, ақида-ақоид ё ақидаҳо, қавм-ақвом ё қавмҳо** ва ғ.

Дар мавридҳои дигар калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шакли танҳояшон омада, шакли ҷамъи арабиаш дар забони гуфтӯйи мо ҳазм нагардидааст. Масалан: **таълим-таъолим-таълимот-таълимҳо**. Дар мисоли мазкур шакли ҷамъи шикастааш **таъолим** дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, аммо шакли ҷамъи солими занонааш **таълимот** ба забони модарии мо чунон гӯшнавоз шудааст, ки ҳатто **таълимҳо** гуфтан ҳангоми шунидан нисбат ба **таълимот** нохушово менамояд.

Агар мо калимаи ҷамъи **шариф-ашроф, ҳасан-ҳасанот, сабаб-асбоб, амр-умур**-ро таҳлил намоем, ба хулосае мерасем, ки шакли ҷамъи онҳо тобишҳои маънои худро дар забони тоҷикӣ гум карда, каме ба маънои дигартар истифода мегарданд. **“Шариф”** шахсеро гӯянд, ки дар ҷомеа обурӯи хоса дошта, дар ҳама ҳолат ба атрофиён фоидааш мерасад. Аммо шакли ҷамъи ин калима **“Ашроф”** намояндагони ҳокимияти сиёсӣ ва нафаре, ки аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ бонуфуз ва таъсиргузор ҳаст, фаҳмида мешавад. **“Ҳасан”** дар забони тоҷикӣ ҳамчун исми хос маъмул аст, вале шакли ҷамъи он калимаи **“ҳасанот”** ба маънои аслии худ “некиҳо” омадааст. Ҳамчунин калимаи **“сабаб”** низ арабӣ буда, ба маънои аслиаш омадааст, лекин шакли ҷамъи он калимаи **“асбоб”** дар забони тоҷикӣ на ба маънои **“сабабҳо”**, балки ба маънои **олот ва таҷҳизоти рӯзгор** истеъмол мешавад.

Баъзе калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шакли ҷамъашон ба фарҳанги мо гузаштаанд, дар сурати пасвандҳои ҷамъбандии хоси тоҷикии “ҳо” ва ё “гон”, “он” илова кардан маънои лозимиро ифода карда наметавонанд. Ба ин гуна ҳолатҳо калимаҳои **иттилоот, ислоҳот, коинот, мавҷудот, иртибот, муомилот, ихтиёрот, молиёт, ташкилот, маҳсулот, хадамот, хотирот** ва ғ. мисол шуда метавонанд.

Дар забон ва матбуоти имрӯзии тоҷик калимаҳои арабие истифода мешаванд, ки муодили тоҷикии онҳоро низ дорем. Ба ин маънӣ, ки метавонем ҳар яке аз онро ба ҷойи дигаре ба кор барем. Масалан: **садоқат – ростӣ, илм – дониш, муҳаббат – меҳр, раҳм – дилсӯзӣ, зулм – ситам, ҷадид – нав, саъй – кӯшиш, ғам – андуҳ, фикр – андеша, аҷр – мукофот, подош, иқбол – саодат, бахт, қадим – куҳан, қудрат – тавон, тавсеа – густариш, мусовӣ – баробар, ҳоким – фармонраво, имом – пешво, маъруф – машҳур, саршинос, ҷоҳил –нодон, олим – донишманд, лоиқ – шоиста, сазовор** ва ғ. [15, 24 -951].

Бо вуҷуди он ки барои ифодаи баъзе мафҳумҳо калимаҳои таърихан тоҷикӣ маъмул аст, олимону нависандагони мо боз ҳам калимаҳои арабиасосро бештар истифода мебаранд. Бояд барои корбурди калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ як меъёри муайяне вуҷуд дошта бошад, чунки забонро набояд аз ҳад зиёд ба забонҳои ғайр омехта кард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт дар суханронӣ бахшида ба Рӯзи забон, ки “Акнун замоне фаро расидааст, ки мо низ бояд мисли дигар кишварҳои пешрафтаву мутамаддин пайваста дар андешаи пок ва солим нигоҳ доштани забони давлатии худ бошем, вуруди ҳар як унсури навро ба забон дар асоси меъёрҳои адабӣ

танзим намоем ва дар навбати аввал ба ҳама гуна ғалатгӯиву ғалатнависӣ хотима бахшем. Интихоб, танзим ва истифодаи истилоҳу мафҳумҳои нави ҷаҳонӣ дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа яке аз муҳимтарин вазифаҳоест, ки онро бояд мутахассисони варзида бо масъулияти тамом ба дӯш дошта бошанд" [12, 142].

Бояд гуфт, ки таҳлилу баррасиҳои дар боло овардашуда шаҳодати онанд, ки донистани бархе аз қоидаҳои забони арабӣ барои забоншиносони тоҷик хеле муҳим буда, барои нигоҳ доштани асолати забони давлатӣ - забони миллӣ мусоидат карда метавонад. Тақрибан бист дарсади таркиби луғавии забони тоҷикиро иқтибосоти арабӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, мо ногузир медонем, ки барои расидан бар аҳдофи хеш ва дар баробари ҳарчи бештар ривоҷ додани забони модарӣ ҳамчун забони илму маориф ва байналмилалӣ эътироф гардидани он, то андозае аз муҳимтарин қоидаҳои забонҳое, ки иқтибосоти онҳо дар таркиби луғавиамон зиёд аст, омӯзем ва барои дарки тобишҳои маъноии вомвожаҳо сайъ намоем, то ин ки ба корбурди дурусти онҳо даст ёбем.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Баранов Х. К. Арабско-русский словарь. – М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1957.– 1187 с.
2. Бобомуродов Ш., Муминов А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1983. – 117 с.
3. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. – Душанбе: ДДТ, 1991. – 128 саҳ.
4. Давлатбек Хоҷаев, Гуфтори нақӯ кухан нагардад. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011.
5. Додихудо Саймиддинов, Пажуҳишҳои забоншиносӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2013.
6. Ковалёв А.А., Шарбатов Г.Ш. Учебник арабского языка. – Москва: Восточная литература, 1998. – 751с.
7. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128с.
8. Қаландаров С. Д. Иқтибосоти арабӣ дар "Наводир-ул-вақоеъ"-и А. Дониш. – Душанбе: Дониш, 1989. – 342 с.
9. Қурбонов И.А. Ҷамъи шикастаи забони арабӣ ва истифодаи он дар матбуоти имрӯзаи тоҷик. Маҷаллаи "Илм ва фановарӣ" №4 аз соли 2014.
10. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷ., 1959. – 294 саҳ.
11. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 267 саҳ.
12. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон. – Душанбе: Шарқи озод, 2011.
13. Ҳабибов С., Фақеров Ҳ., Ҷамшедов М. Луғати истилоҳоти иҷтисодӣ (русӣ-тоҷикӣ) / С. Хабибов ,Ҳ. Фақеров, М. Ҷамшедов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 323 с.
14. Шукуров М. Назаре ба таҳаввулоти принсипҳои истилоҳсозии тоҷикӣ // Ахбори АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1991, №4.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1.– М.: Сов. Энцик., 1969. – 951с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2.– М.: Сов. Энцик. 1969. – 947с.
17. Ятимов С.С. Дар бораи як китоби дарсӣ. Маҷаллаи «Илм ва ҷомеа», №1 (28), соли 2022.

*734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2*
*Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*734018, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2*
*Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан*

*734018, Dushanbe city, N.Qaraboev street, 54/2*
*High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*

*Phone: +(992 37) 233-55-19*

Ба матбаа __ __ _______ ирсол гардид.
Барои чоп __ __ _______ ба имзо расид.
Қоғази офсетӣ. Андозаи 60x84 $^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 28. Адади нашр 100
Супориши №___.

Дар матбааи РТМТ-и КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.
734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ.Икромӣ, 8